ДАР СОМОНАИ www.ntc.tj РОЙГОН!

**223** **Дар матни зерин таъбири *“бо ду по лангидан”* ба кадом маъно истифода шудааст?**

***Аммо агар рафиқон бошууронатар рафтор мекарданд, мо ба чунин вазъияти тоқатнопазир дучор намегардидем ва бо ду поямон ҳам намелангидем.*** Аз “Тоҷикистони Советӣ”

**A)** бе натиҷа мондани кору рафтор
**B)** бе иззату ҳурмат шуда мондан
**C)** аз ӯҳдаи ягон кор тамоман набаромадан
**D)** ба вазъияти ногувор афтода мондан

**224** **Таъбири “*офтоби касе баромадан”* чӣ маъно дорад?**

**A)** кори касе омад кардан
**B)** хонаи касеро гарм кардан
**C)** ҳақиқатро ошкор кардан
**D)** хурсандиро интизор шудан

**225** **Таъбири “оши маслиҳат пухтан” чӣ маъно дорад?**

**A)** ба кори касе мудохила кардан
**B)** барои иҷрои коре маслиҳат кардан
**C)** машғулияти доимиро интихоб кардан
**D)** ба созиш ва қарори қатъӣ омадан

**226** **Таъбири “ *пой аз кор афтодан”* чӣ маъно дорад?**

**A)** хаставу бемадор шудан
**B)** маъюбу нотавон шудан
**C)** аз ухдаи кор набаромадан
**D)** дар иҷрои коре дармондан

**227** **Таъбири “*чизе ба дард хӯрдан*” чӣ маъно дорад?**

**A)** ҳоҷати касеро баровардан
**B)** чизе, ки ба дард даво мешавад
**C)** маводе, ки дардро хӯрда нест мекунад.
**D)** мувофиқи матлаб будани ягон чиз

**228** **Кадом воҳиди фразеологӣ маънои *таҳқир кардан, шарманда кардан*ро дорад?**

**A)** касеро хорӣ додан
**B)** хории касе омадан
**C)** бе хонумон шудан
**D)** хору мол намудан

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**229** **Кадом воҳиди фразеологӣ маънои *...лоғару хароб ва беҳолу бемадор шудан*ро дорад?**

**A)** худро гум кардан
**B)** аз худ рафтан
**C)** худро гирондан
**D)** худро канда кардан

**230** **Ибораи рехтаи “*аз худ намондан*” ба кадом маъно истифода мешавад?**

**A)** ба худ такя намудан
**B)** худро ба нофаҳмӣ задан
**C)** аз коре худдорӣ намудан
**D)** ҳунарҳои худро нишон додан

**231** **Ибораи рехтаи “*аз худ рафтан*” ба кадом маъно истифода мешавад?**

**A)** боиси худписандии касе шудан
**B)** маҳорати худро нишон додан
**C)** худро беҳтар ҳис намудан
**D)** мағруру худписанд шудан

**232** **Ибораи рехтаи “*худро хӯрдан* ” ба кадом маъно истифода мешавад?**

**A)** парешонхотиру асабонӣ будан
**B)** худдорӣ намудан аз ягон кор
**C)** азоби рӯҳӣ кашидан
**D)** аз худ ноумед шудан

**233** **Таъбири “*дандон тез кардан*” чӣ маъно дорад?**

**A)** ба хӯрдан омода шудан
**B)** сабру таҳаммул намудан
**C)** кина варзидан, тамаъ ҷустан
**D)** маломат кардан, сухани сахт гуфтан

**234** **Таъбири “*рӯй турш кардан*” чӣ маъно дорад?**

**A)** ба рӯйи касе гапи сахт гуфтан
**B)** аз касе ва ё чизе рӯй гардонидан
**C)** дар рӯйи худ осори норизоӣ нишон додан
**D)** ғамгин нишаста, ба рӯйи касе нанигаристан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**235** **Таъбири “*офтоби сари девор (кӯҳ) будан*” чӣ маъно дорад?**

**A)** мисли офтоб манфиат бахшидан
**B)** соҳиби мартабаи баланд шудан
**C)** наздик шудани бегоҳирӯзӣ
**D)** кам мондани умри инсон

**236** **Таъбир (ибораи фразеологӣ)-и “*касеро санг задан*” чӣ маъно дорад?**

**A)** ба ҷониби касе санг партофтан
**B)** сарзаниш кардан, таъна намудан
**C)** садди роҳ шудан, пеши роҳ гирифтан
**D)** касеро дар вазъияти ногувор гузоштан

**237** **Таъбири “*сангзанро сангшикан бош*” чӣ маъно дорад?**

**A)** зарбаи ғайри интизорӣ задан ба касе
**B)** бе раҳму бе шафқат, бе мурувват будан
**C)** ба зулми душманон сар хам намудан
**D)** ба озордиҳанда муқобилияти сахт намудан

**238** **“*Беҳуда касеро мунтазир доштан*” маънои кадом ибораи фразеологӣ аст?**

**A)** бедарак шудан
**B)** бе ресмон бастан
**C)** бе парда гап задан
**D)** бе дасту по шудан

**239** **“*Гумроҳ кардан*” маънои кадом ибораи фразеологӣ аст?**

**A)** бе дасту по кардан
**B)** бепою қадам будан
**C)** касеро бераҳа кардан
**D)** бе ному нишон шудан

**240** **“*Қувва ва ғайрати тоза пайдо намудан*” маънои кадом ибораи фразеологӣ аст?**

**A)** касеро боло бардоштан
**B)** болои гапро пӯшидан
**C)** босару сомон будан
**D)** болу пар баровардан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**241** **Кадом ибораи рехта маънои “*даст кашидан, идома надодан*”-ро дорад?**

**A)** боз мондан

**B)** боб кардан

**C)** боб шудан

**D)** бозӣ додан

**242** **Кадом ибораи рехта маънои “*ба дараҷаи лозимӣ* ва *нағзакак*”-ро дорад?**

**A)** будагӣ гап

**B)** буду нобуд

**C)** бояду шояд

**D)** бошад будагист

**243** **Ибораи рехтаи “Б*а болои сари касе баромадан*” ба чӣ маънӣ истифода шудааст?**

***Гап назанам ба болои сарам баромаданӣ аст ...*** Ҷ. Икромӣ

**A)** ба чизе аҳамият надодан

**B)** ба касе ғамхорӣ намудан

**C)** касеро мутеи худ намудан

**D)** касеро лату куб намудан

**244** **Ибораи рехтаи “*вазнин шудан*” ба чӣ маънӣ истифода шудааст?**

***- Ҳой, ҳой, Мардонҷон, ба шумо чӣ шуд? Вазнин шавед!*** М. Рабиев

**A)** дорою сарватманд шудан

**B)** ботамкину бомулоҳиза шудан

**C)** бемории касе шиддат гирифтан

**D)** оромию бепарвоиро аз даст додан

**245** **“*Барои баҳона далелҳои беасос овардан*” маънои кадом ибораи фразеологӣ аст?**

**A)** гап дар даҳон мондан

**B)** гап ёфта баровардан

**C)** гапи касе гузаштан

**D)** гапро дигар кардан

**246** **Ибораи рехтаи “*дасту по задан*” ба кадом маъно истифода шудааст?**

**A)** талош кардан, саъй намудан

**B)** саросемаю музтариб шудан

**C)** кор карда натавонистан

**D)** даступозанон ракс намудан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**247** **Ибораи рехтаи “*дасту дил шустан*” ба кадом маъно истифода шудааст?**

**A)** аз зиндагӣ хаставу дилгир шудан

**B)** ба иҷрои коре хоҳишу рағбат надоштан

**C)** аз касе ё чизе ноумед шудан

**D)** аз коре ё чизе маҳрум шудан

**248** **Ибораи рехтаи “*сиёҳию сафедии чашм*” ба чӣ маънӣ истифода шудааст?**

***Шумо гап занед, сиёҳию сафедии чашми ман чӣ тавр шуда ба дасти босмачиҳо фуромад?*** Р. Ҷалил

**A)** чизу чора ва амволи шахс

**B)** ягон хешу табори наздик

**C)** фарзанди азиз ва маҳбуб

**D)** ишора аз дӯсти наздик

**249** **Ибораи рехтаи “*сипоҳигарӣ сӣ пой дорад*” ба кадом маънӣ истифода шудааст?**

***-Аз ин ҷоҳош хотирҷамъ бош, “Сипоҳигарӣ сӣ пой дорад” гуфтаанд, худи ман сипоҳ набошам ҳам, чандин сол боз таги табақи миси сипоҳиёнро лесида омадаам.*** С. Айнӣ

**A)** кас бояд ҳама кору амалашро махфӣ нигоҳ дорад

**B)** иҷроиши ҳар амал муомилаҳои гуногунеро талаб мекунад

**C)** сипоҳсолор бояд донишманду варзида бошад

**D)** шахс ҳама корро бояд аз сипоҳиён омӯзад

**250** **Ибораи рехтаи “*сирру пиёз*” ба чӣ маънӣ истифода шудааст?**

***То ҳама сирру пиёзатро дона-дона гуфта боб накунам, номам Зиёданисо набошад!*** А. Деҳотӣ

**A)** кирдору амали касеро тавсиф намудан

**B)** аз сирру пиёзи хонаи касе истифода намудан

**C)** аз кору амали неки инсоне сухан гуфтан

**D)** асрор ва кирдорҳои бади касеро ошкор намудан

**251** **Ибораи рехтаи “*сари худро ба санг задан*” чӣ маънӣ дорад?**

**A)** пешпо хӯрда афтидан

**B)** ба фалокате гирифтор шудан

**C)** аз ҳад зиёд кӯшишу ғайрат намудан

**D)** ба ҳар коре дахолат кардан

Даркор Нест! Ройгон! www.ntc.tj

**252** **Ибораи рехтаи “*сар то по чашму гӯш шудан*” чӣ маънӣ дорад?**

**A)** ниҳоят диққат кардан
**B)** бодиққат кор кардан
**C)** ниҳоят бодиққат сухан кардан
**D)** бо таваҷҷуҳи зиёд пурсидан

**253** **Кадом воҳиди фразеологӣ (таъбир) маънои *ба гап даромадан, сухан сар кардан*ро дорад?**

**A)** забон доштан
**B)** забон задан
**C)** забон гирифтан
**D)** забон баровардан

**254** **Кадом воҳиди фразеологӣ (таъбир) маънои *бо касе ҳамфикр будан, аҳду паймон доштан*ро дорад?**

**A)** забон задан
**B)** забон доштан
**C)** забон гирифтан
**D)** забон баровардан

**255** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофикро гузоред:**
***Чойи гармро ки хӯрдам, насиб бошад, арақ мебиёрад, арақ ки омад, хеле ...*** Ҷ. Икромӣ

**A)** сабукфеъл мешавам
**B)** сабукӣ мекунам
**C)** сабукпо мегардам
**D)** сабук мешавам

**256** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофикро гузоред:**
***Медонад, бисёр нағз медонад, ки дар водӣ зиндагӣ басо хуб ва фаровонӣ аст, дар кас ...*** Аз “Тоҷикистони Советӣ”

**A)** тангдастӣ намекашад
**B)** аз тангӣ намебарояд
**C)** таноби касеро намекашад
**D)** чашмаш равшан мешавад

**257** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофикро гузоред:**
***Зеро бинои монанди катаки мурғ тангу тори ӯро дида, ...***
Аз “Хорпуштак”

**A)** табъат кушода мешавад
**B)** табъат ланҷ мешавад
**C)** табъат равон мешавад
**D)** табли шодӣ менавозад

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**258** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Дар як гӯшаи айвон аз худи ҳамин қишлоқ ду – се танбӯру гиҷҷакнавозон ҳам ба ҳунари худ ...*** Ф. Ниёзӣ

**A)** ба суҳбати касе мерасиданд
**B)** суҳбатро пир мекарданд
**C)** суҳбатро хунук мекарданд
**D)** суҳбатро метафсонданд

**259** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Одам фиристодам, ки биёӣ, чорта ... чақ-чақ кунем.*** Ҷ. Икромӣ

**A)** аз ҳар роҳ
**B)** ҳар сари қадам
**C)** дар ҳар сурат
**D)** аз ҳар тараф

**260** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Ба умед омадам, аз бозор ...*** С. Айнӣ

**A)** хушк нагардам
**B)** хушк нашавам
**C)** худро гум кардам
**D)** лаб фурӯ бандам

**261** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Лекин ришта ҳеҷ гоҳ одамро намекушад. Бинобар ин дарди риштаро "... " мегӯянд.*** С. Айнӣ

**A)** дарди бахайр
**B)** дарди сар
**C)** дарди дил
**D)** ба дард хӯрдан

**262** **Ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Тасвирҳо ва суханҳои барҷаста дар ҳаёти ӯ ҷавлон мезаданд, ..., лекин худро медошт ва бо завқ ҳикояи Саидҷонро мешунавид.***

Ҷ. Икромӣ

**A)** дилаш ҷӯш мезад
**B)** дилаш мешикаст
**C)** дилгир мешуд
**D)** дилаш месӯхт

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**263** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Оқибат ҷудоӣ ..., дар пайи ҷустуҷӯйи ту афтодам.*** С. Айнӣ

**A)** аз ҷон гузашт

**B)** ҷонро халос кард

**C)** ба ҷонам расид

**D)** ҷонам сахтӣ кард

**264** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***-Худат ҳам ба дом афтидӣ, - гӯён боз ӯро ... .*** С. Айнӣ

**A)** сухан ронд

**B)** сухан кушод

**C)** ба сухан даровард

**D)** ба сухан даромад

**265** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Саҳл суст кор кунад, ту барин сесаду панҷоҳ кас якбора ба вай ... .***

Ф. Ниёзӣ

**A)** чашм мерасад

**B)** чашм меафтад

**C)** чашм ало мекунад

**D)** чашм ба роҳ мешавад

**266** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи фразеологии мувофиқро гузоред:**

***Хонаводаи Ҳодибой бесаброна омадани ӯро ... .*** Ҷ. Икромӣ

**A)** чашм канданд

**B)** чашм дӯхтанд

**C)** чашм доштанд

**D)** чашм дуздиданд

**267** **Ба ҷойи нуқтаҳо ибораи фразеологии мувофиқ гузошта, ҷумларо пурра намоед:**

***Мо аз ҳамин қадар роҳ хороҷот ва ташвиш кашида омада, магар ... холӣ бармегардем?*** С. Айнӣ

**A)** бо дасти кӯтоҳ

**B)** бо ду дасти адаб

**C)** ду даст дар бинӣ

**D)** бо дасту дили шуста

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**268** **Ба ҷойи сенуқта ибораи фразеологии мувофиқро гузоред:**

***Ашраф табелчии Тӯбсада, ҷавони ба назари ӯ мулоимхунуки шубҳанокро ... .***

**A)** чашм дар роҳ буд

**B)** чашмаш беҷо буд

**C)** чашми дидан надошт

**D)** аз чашми бад нигаҳ дорад

**269** **Ба ҷойи сенуқта ибораи фразеологии мувофиқ гузоред:**

***Раҳматҷон аз ҳарсола дида серкору серғайрат буд. Вай ... ба саҳро мерафт.*** С. Айнӣ

**A)** чашми рӯз накафида

**B)** чашмаш кушода нашуда

**C)** чашмаш ба роҳ чор шуда

**D)** чашмаш мисли мош кушода шуда

**270** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Муҳиддинмахдум он шаб наздикони худро даъват карда, ... .***

Ҷ. Икромӣ

**A)** суҳбат қаймоқ баст

**B)** суҳбат ороста буд

**C)** суҳбат тафсида рафт

**D)** суҳбатро пир карда буд

**271** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ҳаммаънои калимаи *аҷоиб*ро гузоред:**

***Серёжа ба ман номи он ҳайвонҳои ... ва мурғони аҷоибро як-як гуфта, дар куҷоҳо зистанашро ҳикоя мекард.*** С. Улуғзода

**A)** зебо

**B)** ваҳшӣ

**C)** ғалатӣ

**D)** гуногун

**272** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаи аввал ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Вай дигар ... , ба садои хеле баланди ларзон ва дар айни ҳол таҳдидомез гуфт ... .*** Ҳ. Карим

**A)** ба даҳон об гирифта

**B)** дандон ба дандон монда

**C)** сабру қарорро аз даст дода

**D)** аз як гиребон сар бароварда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**273** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**
***Шояд дар дақиқаҳои охир аз баромадан ба намоиш ...?*** Ӯ. Кӯҳзод

**A)** даст дода бошанд
**B)** даст кашида бошанд
**C)** даст афшонда бошанд
**D)** даст ба гиребон шуда бошанд

**274** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи фразеологии мувофиқро гузоред:**
***Агар аз баъзе таъсирҳои ҷузъии забони ӯзбекӣ ... , содатарин ва софтарини лаҳҷаҳои форсӣ забони тоҷикист.*** С. Айнӣ

**A)** таги чашм кунем
**B)** чашм ало кунем
**C)** чашм дӯзем
**D)** чашм пӯшем

**275** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**
***– Ҳа, ҳамааш ҳамин, ҷавоб дод Ҳалима ҳоло ҳам ... .*** Ҷ. Икромӣ

**A)** дар қаҳр шуда
**B)** аз қаҳр нафуромада
**C)** қаҳри худро фурӯ бурда
**D)** қаҳраш дар нӯги биниаш буда

**276** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**
***Нозир Маҳмудов, ки бо умеди аз Раиси ҳукумат ҳимоя ҷустан омада буд, ... .*** Ф. Ниёзӣ

**A)** тарбуз аз бағалаш афтод
**B)** чашмаш нигарон шуд
**C)** чашмаш дар роҳ буд
**D)** тарбузро аз бағалаш ғалтонд

**277** ***Табрикнома*** **ва** ***ваколатнома*** **бо кадом услуб навишта мешаванд?**

**A)** илмӣ
**B)** расмӣ
**C)** бадеӣ
**D)** публитсистӣ

**278** ***Тавсиянома*** **ва** ***санад*** **бо кадом услуб навишта мешаванд?**

**A)** расмӣ
**B)** илмӣ
**C)** бадеӣ
**D)** публитсистӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**279** ***Гувоҳнома*** **ва** ***тавсифнома*** **бо кадом услуб навишта мешаванд?**

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

**280** **Услуби баёни кадоме аз ин навиштаҳо публитсистӣ аст?**

**A)** роман, ҳикоя

**B)** репортаж, хабар

**C)** фармон, баёнот

**D)** физика, химия

**281** **Услуби баёни кадоме аз ин навиштаҳо публитсистӣ аст?**

**A)** мусоҳиба, хабар

**B)** маърӯза, рисола

**C)** табрикнома, ариза

**D)** повест, афсона

**282** **Услуби баёни кадоме аз ин навиштаҳо публитсистӣ аст?**

**A)** реферат, тақриз

**B)** латифа, достон

**C)** санад, эълон

**D)** лавҳа, очерк

**283** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Калимаи фарҳанг дар луғат ба ду маънӣ: луғавӣ ва истилоҳӣ омадааст. Маънии луғавии фарҳанг (фар – равшанӣ, ҳанг – ақлу хирад) мебошад. Яъне бо қувваи ақлу хирад равшан ва ошкор сохтани нуқтаю маъниҳои тираю ноаёнро ифода мекунад.***

***Маънои истилоҳии калимаи фарҳанг дар луғат бо маъниҳои ақл, адаб, дониш, илм ва маърифат омадааст...***

**A)** илмӣ

**B)** расмӣ

**C)** бадеӣ

**D)** публитсистӣ

ДАР РОЙГОН! дар сомонаи www.ntc.tj

**284** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Ҳамаи он комёбию дастовардҳои ақлию моддиеро, ки инсоният дар давоми таърихи мавҷудияти худ ноил гардидааст, фарҳанг меноманд.***

***Фарҳанг ҷанбаи умумибашарӣ ва хусусияти миллӣ дорад. Фарҳанги миллӣ ҳамон комёбиҳои зеҳнию моддӣ аст, ки ин ё он халқу миллат дар давоми таърихи мавҷудияти худ то имрӯз ба даст овардааст.***

**A)** расмӣ

**B)** илмӣ

**C)** бадеӣ

**D)** публитсистӣ

**285** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Қадимтарин фарҳанги тафсирӣ ин “Луғати фурс”-и Асадии Тусӣ (нимаи дуюми асри XI) таълиф шудааст, ки дар он калимаҳои душворфаҳм аз ашъори шоирони Осиёи Миёна ва Хуросон – Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ва дигарон оварда шудаанд. Нусхаи қадимтарини “Луғати Фурс” зиёда аз ҳазор калимаро дарбар мегирад, дар нусхаҳои баъдинаи он шумораи калимаҳо то ду ҳазор расонида шуд.***

**A)** бадеӣ

**B)** расмӣ

**C)** илмӣ

**D)** публитсистӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**286** **Услуби матнро муайян намоед:**

***Гев шаҳре чун биҳишт дид, ба ҳар кӯю барзан фузунтар аз ҳазор парастор бо тавқу гӯшвор, аз ин бештар парастанда бо кулоҳу чеҳраи тобанда чу моҳ.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

**287** **Услуби матнро муайян намоед:**

***Баногоҳ аз кох ду ҷавонзани нозукандоми зеботалъат, лекин сару по бараҳна, кӯза бар китф, бо чеҳраҳои ғамзада баромаданд. Ҳар ду ба сӯйи дукони “бозаргон” меомаданд.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** расмӣ

**B)** илмӣ

**C)** бадеӣ

**D)** публитсистӣ

**288** **Услуби матнро муайян намоед:**

***Шаб омад, ҷаҳонро сиёҳ кард, хаймае аз дуду қир зад, ки чашмҳо хира шуд. Чу рӯз шуд, чашми шоҳ торик шуда буд. Аҳли лашкар ҳам тирачашм шуданд.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

**289** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Пажӯҳишгарони олмонӣ аввалин касоне буданд, ки илмро бо осори суғдӣ ошно намуданд. Гарчанде онҳо дар ибтидои асри XX бо мутолиаи як матни аз Турфон ёфтшуда забони онро суғдӣ гуфтанд, Абурайҳони Берунӣ ҳазор сол пеш дар китоби “Осор-ул-боқия” бо зикри номи рӯзҳо, моҳҳо ва ҷашнҳои суғдӣ ба мавҷудияти ин забон ишора карда буд.*** Исрофилниё Шарифмурод. Намунаҳои адабиёти суғдӣ

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ-коргузорӣ

**D)** публитсистӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**290** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Дар кори шеър ҳарф ва тасвир калима дар калима бояст, ки матлуб бошад ва ангезанда. Вақте шеър матлуб аст ва ангезанда, ҳис таҳти таъсири он қарор мегирад. Дастёбӣ ба шеъри асил аз тариқи тасвирҳои тоза ва таркибҳои равон ҳосил нахоҳад шуд, балки аз тариқи андеша, он ҳам андешаи баланд сурат мегирад.*** М. Аҷамӣ

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**291** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Андеша ва тафаккури шоир рӯҳи шеърро дар калимот, дар тасвир, дар муҳтаво, дар қолаб таъйин мекунад. Шеър рӯҳониятро дар инсон комил месозад, яъне инсонро ба камол мебарад... Шеър аз равишҳои тарбиятӣ аст, барои рӯҳ, барои комилтар шудан.*** М. Аҷамӣ

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**292** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.***

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**293** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Давлат барои амалӣ гардонидани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил намуда, фаъолияти онро ба таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба таҳсил равона мекунад.*** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф"

**A)** бадеӣ
**B)** илмӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**294** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***... Регзор заррин буду дарё нилгун. Зарраҳои реги рахшон, бо нурҳои офтоб даромехта, атрофро нуристон мекарданд. Дарёи бекарон дар дуриҳои дур гӯё бо самои ҳамранги хеш меомехт ва ҳошияи уфуқро, ки дар самти муқобил аён ба чашм мерасид, барҳам мезад.*** Н. Қосим

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**295** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Паримоҳӣ, аз дарё берун шуда, хандону шукуфон сӯйи ӯ омад. Саропояш медурахшид. Қатраҳои ғалтони баданаш бо заррачаҳои дурахшони регзор меомехтанд. Нигоҳи офтобиаш, аз даричаи чашмон гузашта, ботинро мунаввар мекард.*** Н. Қосим

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**296** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Аммо сиккаҳои Бухоро дар садаҳои нахустини мелодӣ ба тақлид аз чаҳордирҳамии юнониянд ва аз асри чаҳоруми мелод ба баъд ба тақлид аз сиккаҳои сосонӣ бо нақши оташдон дар як рӯ ва нақши фармонраво дар рӯйи дигар, ки аз нақши Баҳроми панҷум тақлид шудааст, зарб шудаанд.*** Ш. Раҳимзода

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**297** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Аз қарни шашум ба баъд сиккаҳои Самарқанд бештар мутаассир аз фарҳанги чиниянд. Дар ин давра нуфузи фарҳанги Чин бар шарқи Варорӯдон, бавижа дар Фарғонаву Самарқанд афзун гашт. Баъд аз фатҳи Осиёи Миёна аз тарафи арабҳо баъзе аз фармонравоёни араб сиккаҳои сосониро ба номи худ зарб карданд, ки ин кор дар Эрон низ роиҷ буд.*** Ш. Раҳимзода

**A)** расмӣ-коргузорӣ
**B)** публитсистӣ
**C)** илмӣ
**D)** бадеӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**298** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Куҳантарин сиккаҳои суғдӣ зери таъсири фарҳанги юнониянд. Сиккаҳои Самарқанд бо номи Онатинус ба хатти юнонӣ дар як рӯ ва як вожаи суғдӣ дар рӯйи дигар зарб шудаанд. Баъзе низ нақши як тирандози истодаро бар як рӯ доранд.*** Ш. Раҳимзода

**A)** бадеӣ
**B)** илмӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**299** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Дарахтони куҳансол аз кашокаши хашмгину беохири тафбод ба назар хаставу лакот тобида, шохаҳои хушкидаи нӯгашон шабеҳи панҷаи ҳасрат ё кафи имдодҷӯи мустаманде ба само нигаронанд.***

А. Самад

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**300** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Ширмаҳтоб оҳиста-оҳиста дур мешуду сояҳо бузургтар. Шаб оҳангҳои худро менавохт: аз хами чормағзҳо тоқа-тоқа фарёди чокаке шунида мешуд, чирчиракҳо, қурбоқаҳо ҳанӯз хоб надоштанд, низ гоҳ-гоҳ хониши беҷуръатонаи булбуле ба гӯш мерасид, ки ба дил қувват мефузуд. Насими мулоиме вазида, накҳати садҳо гулу гиёҳи атрофро омехтаву пирешида ба машом меовард.*** Ҷ. Акобир

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**301** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Мусалламан донишмандони гузашта илми луғатро "тоҷи ҷамеъи улум" номидаанд ва муаллифон бо дарназардошти ниёзи шогирдон ба инкишофи захираи луғат ҷиҳати тамрину машқ аз осори адибон матнҳои пурмаъниву рангинзабонро интихоб кардаанд, ки омӯзиши онҳо, бешак, дар рушди тафаккуру нутқ муассир хоҳад буд.***

Х. Асозода, Ш. Кабиров, С. Анварӣ

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

ДАР СОМОНАИ www.ntc.tj ПОЙГОН

**302** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Тараннуми илму дониш ҳам дар байни осори шоир ҷойи махсус дорад. Аз нигоҳи ӯ донишу хирад ба инсон чун саломативу тандурустӣ муҳим аст, аз ҷониби дигар, аз ин нукта бармеояд, ки одамӣ табиатан ба илму хирад ниёз дорад.*** Аз "Китоби дарсӣ"

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** публитсистӣ

**D)** расмӣ-коргузорӣ

**303** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Зимни вохӯрӣ, ки дар ҳошияи мусобиқаи ниҳоии Ҷашнвораи аспдавонӣ барои Ҷоми Амири Қатар баргузор гардид, масоили вобаста ба равобити дӯстӣ ва рушди ҳамкории бисёрҷанбаи ду кишвари дӯст баррасӣ шуд.*** Аз "Мароми пойтахт"

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

**304** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Ҷонибҳо аз оғози фаъолияти амалии гурӯҳҳои муштараки корӣ ҷиҳати татбиқи мувофиқаҳои дар сатҳи олӣ ҳосилшуда истиқбол намуданд.***

***Сарони ду давлати дӯст ҳамчунин доир ба як қатор мавзуъҳои минтақавию байналмилалии мавриди таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб табодули андеша карданд.*** Аз “Мароми пойтахт”

**A)** публитсистӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ

**D)** илмӣ

**305** **Услуби бадеиро муайян намоед:**

**A)** қатраҳои шабнами баҳорӣ

**B)** суръати ҷараёни электрикӣ

**C)** рӯйдодҳои дохиливу хориҷӣ

**D)** асосҳои сохтори конститутсионӣ

**306** **Услуби бадеиро муайян намоед:**

**A)** самти ҷараёни индуксионӣ

**B)** ҷилои офтоби бомдодӣ

**C)** масъалаҳои доғи рӯз

**D)** санади олии ҳуқуқӣ

**307** **Услуби бадеиро муайян намоед:**

**A)** интиқоли энергияи электрикӣ

**B)** камари қаторкӯҳҳои барфин

**C)** мусоҳибаҳои мухбирони ватанӣ

**D)** афзалияти санадҳои байналмилалӣ

**308** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Мо, дар зер имзокунандагон, шоҳидӣ медиҳем, ки намояндаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии номбурда 165 дона шаҳодатномаро аз шуъбаи маориф гирифт.***

**A)** расмӣ-коргузорӣ

**B)** публитсистӣ

**C)** бадеӣ

**D)** илмӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**309** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Маркази ҷавонони ш. Душанбе аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки барои намоиши песаи “Гунаҳкорони бегуноҳ” 10 костюми мардона диҳед.***

***Мо уҳдадор мешавем, ки костюмҳои гирифтаро то 15-уми апрели соли 2018 ба Шумо месупорем.***

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**310** **Кадоме аз инҳо бо услуби расмӣ (коргузорӣ) навишта шудааст?**

**A)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”
**B)** Асари “ Баҳориёт”-и Сайидои Насафӣ
**C)** Мақолаи “Таърихи ҷашни Наврӯз”
**D)** Очерки “Корномаи Восеъ”

**311** **Кадоме аз инҳо бо услуби расмӣ (коргузорӣ) навишта шудааст?**

**A)** Достони “Золи Зар ва симурғ”
**B)** Китоби дарсии “Забони тоҷикӣ”
**C)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** Мақолаи “Иншои хурд (эссе) ва тарзи навиштани он”

**312** **Кадоме аз инҳо бо услуби расмӣ (коргузорӣ) навишта шудааст?**

**A)** Мақолаи “Таърихи ҷашни Сада”
**B)** Асари “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ
**C)** Достони “Баргузидани Рустам Рахшро”
**D)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”

**313** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Назм аз дигар намудҳои адабӣ бо он фарқ мекунад, ки воқеаҳои зиндагиро бо суханони шоирона, нутқи вазну қофиядор баён менамояд. Маънои луғавии назм (калимаи арабӣ) ба ҳам пайвастан, ба ришта кашидан аст.*** Аз “Муқаддимаи адабиётшиносӣ”

**A)** илмӣ
**B)** расмӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** бадеӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**314** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Радиф калимаи арабӣ буда, маънои паси якдигар нишастанро дорад. Радиф дар шеър калима ё лафзеро гӯянд, ки дар охири мисраъҳо ё байтҳо пас аз қофия айнан такрор шуда меояд.***

Аз "Муқаддимаи адабиётшиносӣ"

**A)** публитсистӣ
**B)** бадеӣ
**C)** илмӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**315** **Услуби баёни матнро муайян намоед:**

***Қофия калимаи арабӣ буда маънои қафо, аз пас равандаро дорад. Айнан ва ё қисман бетағйир такрор шудани овозҳо ва ё қисми калима дар охири байт қофия номида мешаванд.***

Аз "Муқаддимаи адабиётшиносӣ"

**A)** публитсистӣ
**B)** расмӣ-коргузорӣ
**C)** бадеӣ
**D)** илмӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**316** **Услуби матнро муайян кунед:**

**1.** ***Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.***

**2.** ***Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст забони давлатиро донад.***

**3.** ***Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд...***

**A)** бадеӣ
**B)** илмӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**317** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***Аввалин луғати қадимае, ки аз "Шоҳнома"-и Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ дар он бо тарзи фаровон истифода гардидааст, "Луғати Фурс"-и Асадии Тӯсист.*** Аз "Фарҳанги мухтасар"

**A)** илмӣ
**B)** бадеӣ
**C)** публитсистӣ
**D)** расмӣ-коргузорӣ

**318** ***Эълон дар бораи баргузор гардидани маҳфили “Адабиётшиносони ҷавон” бо кадом услуб навишта мешавад?***

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

**319** ***Эълон дар бораи баргузор гардидани “Ҷаласаи ҳисоботию интихоботӣ” бо кадом услуб навишта мешавад?***

**A)** илмӣ

**B)** расмӣ

**C)** бадеӣ

**D)** публитсистӣ

**320** ***Рисолаҳои номзадӣ* ва *дастурҳои методӣ* бо кадом услуб навишта мешаванд?**

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

**321** **Услуби баёни матни зеринро муайян намоед:**

***... Ва шоҳзода бар шикор ниҳоят хоҳон буд ва бар сайд кардан бағоят ҳарис. Чун манзиле чанд аз он биёбон тай карданд ва марҳалае чанд бибуриданд, шоҳзода азм кард, ки рӯзе ба шикор равад ва дар биёбон тамошо кунад.*** Аз “Ҳаким Синдбод”

**A)** илмӣ

**B)** расмӣ

**C)** бадеӣ

**D)** публитсистӣ

**322** **Услуби матнро муайян намоед:**

***Дар мулоқоти роҳбарони созмони ҳамкории иқтисодӣ масоили ҳамкории тиҷоратӣ, фарҳангӣ, аз байн бурдани монеаҳои гумрукӣ, проблемаҳои захоири об ..., ҳамчунин масоили байналмилалӣ, таҳаввулоти минтақа арзёбӣ шуданд.*** Аз “Оламу одам”

**A)** бадеӣ

**B)** илмӣ

**C)** расмӣ

**D)** публитсистӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## Грамматика ва имло

## Морфология

**323** **Кадом калимаҳо исманд?**

**A)** анҷомёфта, иҷрокарда
**B)** сарнавишт, якдилӣ
**C)** парерӯз, пасфардо
**D)** пешқадам, хабаркаш

**324** **Кадом калимаҳо исманд?**

**A)** паёпай, лаболаб
**B)** гулобӣ, қаҳваранг
**C)** дилрабо, хушхиром
**D)** тоҷикдухтар, модарарус

**325** **Кадом калимаҳо исманд?**

**A)** пешқадам, пошнабаланд
**B)** мағлубшуда, шӯрапушт
**C)** паҳлавонҷусса, зӯрозмо
**D)** каҷравӣ, кӯрнамакӣ

**326** **Исмҳои маъниро нишон диҳед:**

**A)** намоишгоҳ, парастишгоҳ
**B)** мардигарӣ, боронгарӣ
**C)** қаламдон, намакдон
**D)** шаршара, ғулғула

**327** **Исмҳои маъниро нишон диҳед:**

**A)** сӯзанӣ, равшанӣ
**B)** санглох, пӯстлох
**C)** меъморӣ, наққошӣ
**D)** шохсор, чашмасор

**328** **Исмҳои мураккабе, ки аз *ду асоси замони ҳозираи феъл* сохта шудаанд:**

**A)** гирудор, давутоз
**B)** кофтуков, пухтупаз
**C)** дидадаро, қаламтарош
**D)** додугирифт, гуфтушунид

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**329** **Исмҳои мураккабе, ки** ***аз асосҳои замони гузашта*** **ва** ***ҳозираи феъл*** **сохта шудаанд.**

**A)** гирудор, давутоз

**B)** кофтуков, пухтупаз

**C)** дидадаро, қаламтарош

**D)** додугирифт, гуфтушунид

**330** **Исмҳои мураккабе, ки аз** ***асосҳои замони гузашта*** **ва** ***ҳозираи феъл сохта*** **шудаанд.**

**A)** пурсуков, равуо

**B)** тохтутоз, ҷустухез

**C)** сартарош, хандоханд

**D)** рафтуомад, шикастурехт

**331** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз** ***сифат*** **ва** ***исм*** **сохта шудаанд?**

**A)** ошпаз, сартарош

**B)** даводав, пурсупос

**C)** зебосанам, ҷавонзан

**D)** модаркалон, хушдоман

**332** **Ҷузъҳои кадом исмҳои мураккаб аз** ***исм*** **ва** ***сифат*** **иборатанд?**

**A)** давутоз, равуой

**B)** ғаллакор, ошпаз

**C)** гуфтугузор, рафтуомад

**D)** латтакуҳна, модаркалон

**333** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз** ***исм*** **ва** ***асоси замони гузаштаи феъл*** **сохта шудааст?**

**A)** ошпаз

**B)** пурсупос

**C)** сарнавишт

**D)** гуфтугузор

**334** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз** ***асосҳои замони ҳозира*** **ва** ***гузаштаи феъл*** **сохта шудааст?**

**A)** корбаст

**B)** бастабанд

**C)** бандубаст

**D)** шикастабанд

Дарсомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**335** **Исми мураккабе, ки аз *асосҳои замони гузашта* ва *ҳозираи феъл* сохта шудааст.**

**A)** равуо

**B)** задухӯрд

**C)** бандубаст

**D)** шустушӯй

**336** **Кадом исмҳои мураккаб аз *асосҳои замони гузашта* ва *ҳозираи феъл* сохта шудаанд?**

**A)** гирумон, давутоз

**B)** рӯбардор, сиёҳнавис

**C)** гуфтугӯ, шиштухез

**D)** гуфтушунид, додугирифт

**337** **Кадом исмҳои мураккаб аз *ду асоси замони ҳозираи феъл бо садоноки пайвасткунанда* сохта шудаанд?**

**A)** гуфтушунид, рафтуомад

**B)** гирдогирд, давродавр

**C)** даводав, кашокаш

**D)** ҳаёҳуй, додувой

**338** **Кадом пасвандҳо *исмҳои ифодакунандаи макон ва ё фаровонии ашё* месозанд?**

**A)** -ӣ (гӣ), -гарӣ, -иш

**B)** -зор, -истон, -гоҳ

**C)** -чӣ, -гар, -гор

**D)** -а, -ак, -ча

**339** **Кадом пасвандҳо *исмҳои ифодакунандаи номи касбу кор ва машғулият* месозанд?**

**A)** -ӣ (гӣ), -гарӣ, -иш

**B)** -зор, -истон, -гоҳ

**C)** -чӣ, -гар, -гор

**D)** -а, -ак, -ча

**340** **Кадом пасвандҳо *исмҳои ифодакунандаи номи аломат, хислат ва амал* месозанд?**

**A)** -ӣ (гӣ), -гарӣ, -иш

**B)** -зор, -истон, -гоҳ

**C)** -чӣ, -гар, -гор

**D)** -а, -ак, -ча

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**341** **Исмҳо дар кадом қатор ҷой гирифтаанд?**

**A)** зиндагонӣ, меҳрубонӣ

**B)** нимашабӣ, бомдодӣ

**C)** раҳмдил, дилкушо

**D)** якумин, даҳумин

**342** **Исмҳо дар кадом қатор ҷой гирифтаанд?**

**A)** хандонрӯй, вафодор

**B)** кадомин, чандумин

**C)** сӯзангар, хизматгор

**D)** омӯхтан, шунидан

**343** **Исмҳои дар қолаби шумора + исм сохташударо муайян намоед:**

**A)** даҳӣ, садӣ

**B)** гӯшмол, гӯшзад

**C)** ҳафтод, ҳафтсад

**D)** чорбоғ, чорпо

**344** **Исмҳои дар қолаби шумора + исм сохташударо муайян намоед:**

**A)** чоряк, шашяк

**B)** садбарг, дутор

**C)** сесад, панҷсад

**D)** панҷгир, панҷум

**345** **Исмҳои дар қолаби шумора + исм сохташударо муайян намоед:**

**A)** ҳафта, чилбур

**B)** чордаҳ, чорсад

**C)** яккатоз, яккахон

**D)** душанбе, шашпар

**346** **Кадом исмҳои мураккаб аз ду асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд?**

**A)** сайругашт, нигоҳубин

**B)** гуфтушунид, задухӯрд

**C)** ҷустухез, кофтуков

**D)** равуой, шинухез

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**347** **Кадом исмҳои мураккаб аз ду асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд?**

**A)** гуфтугӯ, рафтуой

**B)** сарутан, обуранг

**C)** давутоз, пурсуков

**D)** сартарош, ошпаз

**348** **Кадом исмҳои мураккаб аз ду асоси замони ҳозираи феъл сохта шудаанд?**

**A)** гирудор, шинухез

**B)** тохтутоз, пухтупаз

**C)** рӯбардор, тозанавис

**D)** шикастурехт, додугирифт

**349** **Пасвандҳои *-ӣ(-гӣ), -ин(-ина)* дар сохтани кадом ҳиссаи нутқ иштирок мекунанд?**

**A)** исм

**B)** феъл

**C)** сифат

**D)** шумора

**350** **Пасвандҳои *-она, -манд* дар сохтани кадом ҳисссаи нутқ иштирок мекунанд?**

**A)** исм

**B)** шумора

**C)** сифат

**D)** феъл

**351** **Пасвандҳои *-гун, -нок* дар сохтани кадом ҳиссаи нутқ иштирок мекунанд?**

**A)** исм

**B)** зарф

**C)** сифат

**D)** феъл

**352** **Имлои исм бо шумораи миқдорӣ дар кадом банд дуруст аст?**

**A)** ду саворагон

**B)** ду саворҳо

**C)** ду саворон

**D)** ду савор

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**353** **Муайян намоед, ки кадоме аз исмҳои мураккаб аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл сохта шудаанд.**

**A)** гуфтугӯ
**B)** гирудор
**C)** шинухез
**D)** пурсупос

**354** **Исмҳои дар қолаби *сифат + исм* сохташударо муайян намоед:**

**A)** чормағз, чорбоғ
**B)** роҳсоз, шоҳибоф
**C)** навобод, пастхамӣ
**D)** сардбарф, гармхона

**355** **Исмҳои дар қолаби *сифат + исм* сохташударо муайян намоед:**

**A)** саркор, соҳибхона
**B)** пасткӯча, пурсабр
**C)** соатсоз, атласбоф
**D)** садбарг, панҷсад

**356** **Шакли дурусти исми таркибиро муайян намоед:**

**A)** арбоби илм ва техникаи ҷумҳурии Тоҷикистон
**B)** арбоби Илм ва Техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**C)** Арбоби илм ва Техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** Арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**357** **Шакли дурусти исми таркибиро муайян намоед:**

**A)** академики академияи илмҳои ҷумҳурии Тоҷикистон
**B)** академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**C)** Академики Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** Академики академияи илмҳои ҷумҳурии Тоҷикистон

**358** **Имлои исм бо шумораи миқдорӣ дар кадом банд дуруст аст?**

**A)** ду саворон
**B)** ду-се сагон
**C)** панҷ китобҳо
**D)** ҳазор хонанда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**359** **Дар ибораи *ҷавони баркамол* сифат аз рӯйи сохт чӣ гуна аст?**

**A)** сода

**B)** сохта

**C)** мураккаб

**D)** таркибӣ

**360** **Дар ибораи *абри даргузар* сифат аз рӯйи сохт чӣ гуна аст?**

**A)** сода

**B)** сохта

**C)** мураккаб

**D)** таркибӣ

**361** **Ба ҷойи сенуқта *сифати сохтаи* мувофиқро гузоред:**

***Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми ... доим бесуд бошад, чун мугелон, ки тан дораду соя надорад, на худро суд кунад ва на ғайраро.***

Унсурулмаолии Кайковус

**A)** беҳунар

**B)** боҳунар

**C)** ҳунарманд

**D)** ҳунарвар

**362** **Ба ҷои сенуқта *сифате*ро гузоред, ки дар қолаби ⌒ ∧ ⌒ сохта шудааст:**

***– Қозӣ Дониёлхоҷа, ки аз тарафи модар ба ман хешигарӣ дорад ва худаш одами хуби ... аст, аҳволи моро ба қозикалон фаҳмонда, дар як мадрасаи бедарсхона моро мударрис кунонид.*** С. Айнӣ

**A)** бодониш

**B)** донишдӯст

**C)** хирадманд

**D)** бофарҳанг

**363** **Ба ҷои сенуқта *сифате*ро гузоред, ки дар қолаби ⌒ ⌒ сохта шудааст:**

***Як одами ...и чашму абрусиёҳи кулӯтариши хушқадубаст буд, ки бо зебоии ҳайкали ӯ одам кам дида мешуд.*** С. Айнӣ

**A)** зебо

**B)** базеб

**C)** гандумгун

**D)** сафедчеҳра

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН

**364** **Дар ин байтҳо сифат кадом аст:**

***Луъбати ширин агар туруш наншинад,***
***Муддаиёнаш тамаъ кунанд ба ҳалво.***
***Марди тамошои боғи ҳусни ту Саъдист,***
***Даст фурӯмоягон баранд ба яғмо.*?**

**A)** ҳусн

**B)** яғмо

**C)** ширин

**D)** фурӯмоягон

**365** **Дар ин байт сифате, ки аз *пешванд* ва *исм* сохта шудааст, кадом аст:**

***Боз ову ҷони ширин аз ман ситон ба хидмат,***
***Дигар чӣ барг бошад дарвеши бенаворо ... .***
***На мулки подшоро дар чашми хубрӯён***
***Вақъест, эй бародар, на зуҳди порсоро.*?** Саъдии Шерозӣ

**A)** порсо

**B)** бенаво

**C)** ширин

**D)** хубрӯён

**366** **Ба ҷойи сенуқта *сифати мураккаб*ро гузоред:**

***Пас, агар мардумӣ, ... бош ва дигар кирдор бо мардумон неку дор.***

Унсурулмаолии Кайковус

**A)** беозор

**B)** нарм

**C)** безарар

**D)** камозор

**367** **Сифати мураккабе, ки дар қолаби *исм+феъл* сохта шудааст:**

**A)** навкор

**B)** ширбоз

**C)** ширинкор

**D)** шарикдарс

**368** **Сифати мураккабе, ки дар қолаби *исм+феъл* сохта шудааст:**

**A)** некрӯз

**B)** найнавоз

**C)** навбаҳор

**D)** назарбаланд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**369** **Сифати мураккабе, ки дар қолаби *исм+феъл* сохта шудааст:**

**A)** беҳрӯз
**B)** бунёдкор
**C)** баҳоначӯ
**D)** баландпарвоз

**370** **Сифатҳоеро нишон диҳед, ки дар қолаби *зарф+пасванд* сохта шудаанд:**

**A)** пири нуронӣ, меҳнати ҷисмонӣ
**B)** вазъияти аввалин, дӯсти дерин
**C)** шахси суханвар, чашми афсунгар
**D)** одами ҳунарманд, ҷавони сабзина

**371** **Сифатҳоеро нишон диҳед, ки дар қолаби *зарф+пасванд* сохта шудаанд:**

**A)** замини корам, бинои пастак
**B)** хуми сафолин, девори сангин
**C)** саломи дӯстона, дастони нозук
**D)** нигоҳи охирин, сухани вопасин

**372** **Сифатҳоеро нишон диҳед, ки дар қолаби *зарф+пасванд* сохта шудаанд:**

**A)** одами хоксор, лутфи модарона
**B)** гиряи занона, либоси мардона
**C)** сухани охирин, меҳри дерин
**D)** ҳусни табиӣ, бози шикорӣ

**373** **Сифати мураккаберо нишон диҳед, ки дар қолаби сифат + сифат сохта шудааст:**

**A)** хушкалом
**B)** хушандом
**C)** хушнавоз
**D)** хушгувор

**374** **Сифати мураккаберо нишон диҳед, ки дар қолаби сифат + сифат сохта шудааст:**

**A)** пурбор
**B)** пурдон
**C)** пуршӯр
**D)** пурноз

Ҷар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**375** **Сифати мураккабе, ки дар қолаби *исм* + *исм* сохта шудааст:**

**A)** роздон
**B)** росткор
**C)** раҳкушо
**D)** раҳмдил

**376** **Сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ:**

**A)** беҳтарин, донотарин
**B)** бехатар, пурхатар
**C)** хеле дур, беҳад олӣ
**D)** дилсӯзтар, азизтар

**377** **Сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ:**

**A)** гуворо, ширин
**B)** бамеҳр, бофаросат
**C)** атромез, хушгувор
**D)** равшантар, осонтар

**378** **Кадом калимаҳо сифатанд?**

**A)** оҳанг, ожанг
**B)** ночор, ноилоҷ
**C)** беғубор, беқарор
**D)** раванда, гӯянда

**379** **Кадом калимаҳо сифатанд?**

**A)** гавҳар, манзар
**B)** мусаффо, зулол
**C)** чорзону, яктоӣ
**D)** хандакунон, ларзон

**380** **Сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ:**

**A)** гуворо, ширин
**B)** бамеҳр, бофаросат
**C)** атромез, хушгувор
**D)** равшантар, осонтар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**381** **Сифатҳои дараҷаи муқоисавӣ:**

**A)** бесамар, бохабар
**B)** нафистар, дурусттар
**C)** хушбахттарин, хубтарин
**D)** ниҳоят зебо, чунон баланд

**382** **Сифатҳои дараҷаи олиро ёбед:**

**A)** пироҳани сабз, гули хандон
**B)** боди анбаромез, гиёҳи навхез
**C)** хиради комил, мартабаи баланд
**D)** баландтарин қулла, ниҳоят зебо

**383** **Сифатҳои дараҷаи олиро ёбед:**

**A)** аз ҳама беҳтар, ниҳоят хурд
**B)** пардаи тунук, сабзаи навхез
**C)** чеҳраи барқпош, адиби мумтоз
**D)** абри даргузар, ҷавони илмдӯст

**384** **Сифатҳои дараҷаи олиро ёбед:**

**A)** насими форам, манзараи руҳафзо
**B)** мӯйи сип-сиёҳ, либоси сап-сафед
**C)** табассуми ноаён, чеҳраи кушод
**D)** хабари хуш, дашти нопайдоканор

**385** **Дар ҷумлаи зерин калимаи *зарҳалӣ* чӣ хел сифат аст?**
***Он аз матои сафед омода гашта, бо риштаҳои зарҳалӣ оро ёфтааст.***

**A)** сода
**B)** сохта
**C)** таркибӣ
**D)** мураккаб

**386** **Дар ҷумлаи зерин калимаи *баҳорӣ* чӣ хел сифат аст?**
***Гулҳои дӯхташудаи тоқӣ мисли гулҳои навшукуфтаи баҳорӣ зебову дилкашанд.***

**A)** сохта
**B)** сода
**C)** таркибӣ
**D)** мураккаб

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**387** **Кадом сифатҳо камӣ ва хурдию навозишро ифода мекунанд?**

**A)** болобаланд, қадбаланд
**B)** атромез, хушгувор
**C)** равшантар, осонтар
**D)** зардинарӯ, ширинак

**388** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаҳо шумораи тахминиро гузоред:**
***Аммо пас аз ... қатор зада шуданам, тозиёна ба ман таъсир кард, баданам ҷиззос зада сӯзиш пайдо кардан гирифт.*** С. Айнӣ

**A)** ду-се
**B)** чоряк
**C)** сеюним
**D)** аз чор ду

**389** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта шумораи тахминиро гузоред:**
***Аз аҳли маҷлис як ҷавони ...-сола чойро гардонд.*** С. Айнӣ

**A)** ҳаждаҳ
**B)** бисту ду
**C)** бисту панҷуним
**D)** бисту ҳашт-бисту нуҳ

**390** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаҳо шумораи тахминиро гузоред:**
***Дар пиёдагон ҳам, ки ҳар кадом ... пуд ҳезумро бардошта буданд, акнун барои қадам мондан тоқат намонда буд.*** С. Айнӣ

**A)** чоряк
**B)** яку ду
**C)** даҳуним
**D)** чор-панҷ

**391** **Дар ибораи *панҷумин иштироккунандаи маҷлис* шумора *аз рӯйи сохт* чӣ гуна аст?**

**A)** сода
**B)** сохта
**C)** мураккаб
**D)** таркибӣ

**392** **Намуди шумораро муайян кунед.**
***Аз <u>сесаду чанд</u> нафар иштироккунандагони маҷлис як понздаҳ кас ба муқобили вай даст бардоштанд.*** С. Улуғзода

**A)** аслӣ
**B)** касрӣ
**C)** тартибӣ
**D)** тахминӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**393** **Намуди шумораро муайян кунед.**

***Аз Конибодом, Ашт ва Уротеппа <u>як сӣ</u> хоҷагӣ муҳоҷирони нав омаданд.*** С. Улуғзода

**A)** аслӣ

**B)** касрӣ

**C)** тартибӣ

**D)** тахминӣ

**394** **Ба ҷои сенуқта ба *шумораҳо нумеративи мувофиқ*ро гузоред:**

***Арбоб Камол 50 ... гӯсфанду буз ва як ... маркабро ба дасти Одина супурда, ӯро ба хизмати чӯпонӣ ва ҳезумкашӣ фармуд.*** С. Айнӣ

**A)** сар, сар

**B)** то, дона

**C)** гала, то

**D)** сар, дона

**395** **Ба ҷои сенуқта ба шумораҳо *нумеративи мувофиқ*ро гузоред:**

***Як худи Хоҷа Аҳрор дар вилояти Қаршӣ соҳиби 1 300 ... замин буда, онро бо 3 000 ...и гов кишт мекунонд.*** А. Афсаҳзод

**A)** миқдор, гала

**B)** қитъа, ҷуфт

**C)** адад, сар

**D)** то, дона

**396** **Ба ҷои сенуқта *шумораи тартиби*ро гузоред:**

***Дар гӯшаи аз ҳама дуртари хона, назди печка, ... иштироккунандаи маҷлис Ҳошимкорвон ҷойгир буд.*** С. Улуғзода

**A)** панҷ

**B)** аз чор як

**C)** панҷумин

**D)** панҷ-шаш

**397** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи тартиби*ро гузоред:**

***Ман газетаро ... бор дар ҳамин мадрасаи Олимҷон дидам***. С. Айнӣ

**A)** ду

**B)** се-чор

**C)** якумин

**D)** ду-дуним

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**398** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи тартибии мураккаб*ро гузоред:**

***Соли ... ба Вахш кӯчида омадем.*** С. Улуғзода

**A)** панҷоҳум

**B)** сиюякум

**C)** аввал

**D)** сиюм

**399** **Ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдории таркиби*ро гузоред:**

***... аҳолии деҳаи мо ҳама оби чашма менӯшанд.*** С. Улуғзода

**A)** Чоряк

**B)** Се ҳазор

**C)** Ду-се ҳазор

**D)** Шастусеюмин

**400** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдории асли*ро гузоред:**

***Фазилати ин шоир аз ... шоири аввалӣ ҳам пасттар буд.*** С. Айнӣ

**A)** чоряки

**B)** чор-панҷ

**C)** ду-се

**D)** ду

**401** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдории таркиби*ро гузоред:**

***Ман мехоҳам, ки ба шумо ... танга ёфта дода, шуморо аз қарз халос кунам.*** С. Айнӣ

**A)** ҳазор

**B)** шашяк

**C)** се ҳазор

**D)** панҷсад

**402** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдории мувофиқ*ро гузоред:**

***Аловуддин бо Қорӣ Абдулқайюм шарикдавлат шуда, ҳар ... дӯсти бисёр наздик гардиданд.*** С. Айнӣ

**A)** як

**B)** ду

**C)** ду-се

**D)** се

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**403** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдории сода*ро гузоред:**
***Домулло Икромча он вақтҳо яке аз ... нафар мударрисони мадрасаи Ҷаъфархоҷа буд.*** С. Айнӣ

**A)** бисту чор
**B)** чил
**C)** чилумин
**D)** дувоздаҳ

**404** **Ба ҷои сенуқта *шумораи миқдори*ро гузоред:**
***Ҷузҷонӣ умри ӯро (Абуали Синоро) ... сол нишон медиҳад.*** Р. Ҳошим

**A)** панҷоҳум
**B)** панҷоҳу се
**C)** панҷоҳ-шаст
**D)** шастумин

**405** **Ба ҷойи сенуқтаҳо *шумораҳои миқдори*ро гузоред:**
***Дар миёнҷойи деҳа ... теппаи баланд, дар болои теппа ... қалъаи кухҳна воқеъ шудааст.*** С. Улуғзода

**A)** як, як
**B)** як, ду-се
**C)** ду-се, як
**D)** як, аз чор як

**406** **Ба ҷойи сенуқта *шумораи миқдори*ро гузоред:**
***Дар ... бари масҷид якчанд ҳуҷраи қатор ва пастак мавҷуд аст.***
С. Улуғзода

**A)** ду
**B)** як-ду
**C)** дуюм
**D)** якуним

**407** **Дар ҷумлаи зерин калимаи ишорашуда ба кадом *навъи шумора* тааллуқ дорад?**
***Лекин дар воқеъ ин тавр нашуд, балки дар натиҷаи ҳисоби сари соли нӯҳум Бозор аз Азимшоҳ <u>ҳаштсаду панҷоҳу нӯҳ</u> танга қарздор шуда монд.*** С. Айнӣ

**A)** касрӣ
**B)** таркибӣ
**C)** тахминӣ
**D)** тартибӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**408** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *шумораи мураккаб*ро гузоред:**
***Аз ин ... сол пеш, ки Саидалӣ ҷавони навхате буд, падараш Ятим рӯзе аз рӯзҳои тирамоҳ ногаҳон коре сар кард, ки ҳеҷ кас надонист он кор барои чист ва пирамард чӣ мақсад дорад.*** С. Улуғзода

**A)** бист
**B)** даҳум
**C)** понздаҳ
**D)** бисту ду

**409** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаҳо *шумораи таркиби*ро гузоред:**
***Аммо ғуноҷин зиёд равад ба ... танга меравад, ба қарз намерасад.***
С. Улуғзода

**A)** сад
**B)** дусад
**C)** сесадум
**D)** саду панҷоҳ

**410** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаҳо *шумораи сода*ро гузоред:**
***Ӯ дар умри ...-солаи худ ҳеҷ ба хотир надошт, ки боре дар кулбааш чунин меҳмони калон ва иззатмандро қабул карда бошад.*** С. Улуғзода

**A)** панҷоҳ
**B)** чордаҳ
**C)** сӣ-сиюду
**D)** шасту панҷ

**411** **Ба ҷойи сенуқта шумора ва нумеративи мувофиқро гузоред:**
***Аз рӯйи сандалӣ гирифта то поёни меҳмонхона ... шамъи нимчагии ҷойдорӣ нур мепошиданд.*** С. Айнӣ

**A)** чор қатор
**B)** чор дона
**C)** чор даста
**D)** чор бандча

**412** **Ба ҷойи сенуқта шумора ва нумеративи мувофиқро гузоред:**
***Дар бозор ... ниҳоли хурморо даҳсомонӣ мефурӯхтанд.***
Аз "Китоби дарсӣ"

**A)** ду даста
**B)** ду дона
**C)** ду бех
**D)** дуто

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**413** **Ба ҷойи сенуқта шумора ва нумеративи мувофиқро гузоред:**

***Меҳрубон аз кӯҳ ... ҳезум овард.*** Аз “Китоби дарсӣ”

**A)** нӯҳ дарза

**B)** нӯҳ банд

**C)** нӯҳ ғарам

**D)** нӯҳ пуштора

**414** **Ба ҷойи сенуқта нумеративи мувофиқро гузоред:**

***Аз бозор як ... гӯсфанд харида, ба гӯшае баровварда мондаанд.***

Ф. Муҳаммадиев

**A)** даста

**B)** гала

**C)** пода

**D)** рама

**415** **Ба ҷойи сенуқта нумеративи мувофиқро гузоред:**

***Духтарак ду -се ... ба пеши пояш нигаристу лаб газид.*** А. Самад

**A)** карат

**B)** вақт

**C)** соат

**D)** фурсат

**416** **Дар ҷумлаи зерин ҷонишини нафсӣ-таъкидӣ кадом аст?**

***Ба болои ин ҳар чизе, ки аз тарафи бой ба тӯй сарф шуд, нарху баҳои он ба инсофи худи бой ҳавола шуд, ки ин ҳам сабаби зиёдатии харҷ гардид.*** С. Айнӣ

**A)** ин

**B)** ҳар

**C)** худ

**D)** чизе

**417** **Дар ҷумлаи зерин ҷонишини таъинӣ кадом аст?**

***Мард дар ҳар қадам ба атроф нигоҳ мекард, манзиле бошад, ки дар он ҷо паноҳ барад, ё одаме барояд, ки ба ин рӯзи сахти вай ба ӯ ёрмандӣ расонад.*** С. Айнӣ

**A)** ин

**B)** ҳар

**C)** вай

**D)** он ҷо

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**418** **Дар ҷумлаи зер калимаи ишорашуда ба кадом *навъи ҷонишин* тааллуқ дорад?**

***Дили пурсаховати ӯ ҳоло чашмаеро ба хотир меовард, ки оби зулолашро аз <u>ҳеҷ кас</u> дареғ намедорад.*** А. Самад

**A)** таъинӣ

**B)** номуайянӣ

**C)** нафсӣ

**D)** манфӣ

**419** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *ҷонишини мувофиқ*ро гузоред:**

***... шахс ба дӯстӣ арзанда нест.***

**A)** Ҳар

**B)** Ҳама

**C)** Кадом

**D)** Якчанд

**420** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *ҷонишини мувофиқ*ро гузоред:**

***Ман он шеърро ... вақт бо роҳбарии Ҳайрат дуруст карда будам.***

С. Айнӣ

**A)** ҳар

**B)** ҳама

**C)** якчанд

**D)** ҳамон

**421** **Ба ҷойи сенуқта дар ҷумлаи зерин *ҷонишини мувофиқ*ро гузоред:**

***Бидон ва огоҳ бош, эй писар, ки мардуми беҳунар доим бесуд бошад, чун мугелон, ки тан дораду соя надорад, на ...ро суд кунад ва на ғайраро.*** Унсурулмаолии Кайковус

**A)** худ

**B)** ҳама

**C)** ҳеҷ кас

**D)** ҳамон

**422** **Ба ҷойи сенуқта дар ҷумлаи зерин *ҷонишини мувофиқ*ро гузоред:**

***Ва тани ...ро ба фарҳангу ҳунар омӯхтан одат деҳ!***

Унсурулмаолии Кайковус

**A)** ту

**B)** хеш

**C)** ҳама

**D)** ҳар як

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**423** **Дар ҷумлаи зер калимаҳои ишорашуда ба кадом *навъи ҷонишинҳо* дохил мешаванд?**

***Дар ҳақиқат ҳам ин об ҳамон оби барфу боронҳо аст, ки аз мағзи сангпораҳои кӯҳ софкорӣ ёфта баромадааст.*** С. Айнӣ

**A)** таъинӣ

**B)** таъкидӣ

**C)** ишоратӣ

**D)** номуайянӣ

**424** **Дар ҷумлаи зер калимаҳои ишорашуда ба кадом *навъи ҷонишинҳо* дохил мешаванд?**

***Ин роҳи пурпечу хам чунон торик аст, ки гӯё аз бағали кӯҳ нақб зада бошанд.*** С. Айнӣ

**A)** саволӣ

**B)** ишоратӣ

**C)** таъкидӣ

**D)** таъинӣ

**425** **Дар ҷумлаи зерин *ҷонишини ишоратӣ* кадом аст?**

***Падари ин махдуми шумо ҳам ҳамон вақтҳо бо ман ҷӯра шуда буданд.*** С. Айнӣ

**A)** ҳам

**B)** ҳамон

**C)** шумо

**D)** ман

**426** **Дар ҷумлаи зерин *ҷонишини таъйинӣ* кадом аст?**

***Ана ҳамаи ин корҳо хасис набудани Нурмуҳаммад ва аъзои оилаи ӯро, ҳам ба бачагони хурдсол меҳрубон будани онҳоро нишон медод.***

С. Айнӣ

**A)** онҳо

**B)** ин

**C)** ӯ

**D)** ҳама

**427** **Дар ҷумлаи зерин *ҷонишини номуайянӣ* кадом аст?**

***Вақте ки золим зулм кардан мехоҳад, ҳеҷ гоҳ аз ягон муфтӣ намепурсад, ки зулм дар шариат равост ё не?*** С. Айнӣ

**A)** вақте ки

**B)** ягон

**C)** ҳеҷ

**D)** ё

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**428** **Ба ҷойи сенуқтаҳо яке аз ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

***Зи ... лафзаш равон магзар чу хома,***
***Ба ... ҳарфе фурӯ рав чун сиёҳӣ.*** Камоли Хуҷандӣ

**A)** ҳама
**B)** ҳар
**C)** ҳеҷ
**D)** худ

**429** **Ба ҷойи сенуқтаҳо яке аз ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

***Машав гарраи ҳусни гуфтори ...,***
***Накӯ кун чу гуфтор кирдори ... .*** Абдурраҳмони Ҷомӣ

**A)** касе
**B)** ҳар ки
**C)** ҳама
**D)** хеш

**430** **Дар байти зерин ҷонишини “*чун*” кадом маъниро ифода намудааст?**

***Бигуфто:- Ишқи Ширин бар ту чун аст?***
***Бигуфт:- Аз ҷони ширинам фузун аст.*** Низомии Ганҷавӣ

**A)** чӣ
**B)** чанд
**C)** чунон
**D)** чӣ гуна

**431** **Ҷонишинҳои таъинӣ:**

**A)** ин навъ, он қадар
**B)** ҳар кас, тамоми
**C)** чаро, чӣ тавр
**D)** онҳо, онон

**432** **Ҷонишинҳои манфӣ:**

**A)** ҳеҷ кас, ҳеҷ гуна
**B)** худ, хеш, хештан
**C)** аз они, -ам, -ашон
**D)** кадом, чанд, касе

**433** **Ҷонишинҳои номуайянӣ:**

**A)** шумо, онҳо, вай
**B)** баъзе, ягон, чандин
**C)** ҳамон, ин гуна, чунон
**D)** ҳама, ҳар ки, ҳама гуна

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**434** **Асоси замони ҳозираи феълҳои *навохтан* ва *гудохтан*ро нишон диҳед:**

**A)** навоз, гудоз

**B)** навохт, гудохт

**C)** бинавохт, бигудохт

**D)** менавохт, мегудохт

**435** **Асоси замони ҳозираи феълҳои *шукуфтан* ва *шикофтан*ро нишон диҳед:**

**A)** шукуфт, шикофт

**B)** шукуф, шикоф

**C)** бишкуфт, бишкофт

**D)** мешукуфт, мешикофт

**436** **Асоси замони ҳозираи феълҳои *боридан* ва *бофтан*ро нишон диҳед:**

**A)** биборид, бибофт

**B)** борида, бофта

**C)** борид, бофт

**D)** бор, боф

**437** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта *феъли таркибии мувофиқ*ро гузоред:**

***Ин муддат фақат дар хондани дарсҳои мазкур ... .*** С. Айнӣ

**A)** оғоз мегардид

**B)** боқӣ мемонад

**C)** сарф мешуд

**D)** баргузор мешуд

**438** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта феъли таркибии мувофиқро гузоред:**

***Аз ғайри ин ҳар рӯз ба онҳо як дона нон ва як каф мавизи сиёҳ ҳам ... .***

С. Айнӣ

**A)** дода шуд

**B)** дода мешуд

**C)** дода мегирифт

**D)** гирифта мешуд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**439** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта феъли таркибии мувофиқро гузоред:**

***Пирак як сукути андешамандона карда боз ... .*** С. Айнӣ

**A)** сухан дод

**B)** гап шунид

**C)** гап гирифт

**D)** ба гап даромад

**440** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта феъли таркибии мувофиқро гузоред:**

***Дар ин миён Муллотуроб боз як бори дигар ба Самарқанд ... .***

С. Айнӣ

**A)** рафта омад

**B)** нарафта буд

**C)** рафтан гирифт

**D)** рафта бошад

**441** **Дар байти зерин феълҳо дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

***<u>Нишастам</u> дар лаби дарёи кӯҳӣ,***
***Ба худ ман <u>ёфтам</u> маъвои кӯҳӣ.*** М. Турсунзода

**A)** замони гузаштаи дур

**B)** замони гузаштаи нақлӣ

**C)** замони гузаштаи наздик

**D)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

**442** **Феълҳои ишорашудаи байти зер дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

***Сараш бар санг <u>мезад</u> рӯди кӯҳӣ,***
***Ба доман чанг <u>мезад</u> рӯди кӯҳӣ.*** М. Турсунзода

**A)** замони гузаштаи нақлӣ

**B)** замони гузаштаи наздик

**C)** замони гузаштаи дур

**D)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

**443** **Дар байти зерин феълҳои ишорашуда дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

***Модарам, дар ёди ту гашту гузоре <u>мекунам</u>,***
***Баҳри меҳри ту дили худро мазоре <u>мекунам</u>.*** М. Турсунзода

**A)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

**B)** замони ҳозираи давомдор

**C)** замони ҳозира-оянда

**D)** замониояндаи дур

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**444** **Ба ҷойи сенуқта феъли замони гузаштаи ҳикоягии нақлиро гузоред:**

***Шавҳарашро аз дилу ҷон дӯст ... .*** Ҷ. Икромӣ

**A)** медошт

**B)** медорад

**C)** дошта буд

**D)** медоштааст

**445** **Ба ҷойи сенуқта феъли замони гузаштаи ҳикоягиро гузоред:**

***Шоҳдухтари париваширо дар маҳди заррин бар пушти фили кӯҳпайкар нишонданд, ки он филро даҳ фили дигар мушоиат ... .***

С. Улуғзода

**A)** мекарданд

**B)** мекардаанд

**C)** бояд мекарданд

**D)** карда истода буданд

**446** **Ба ҷойи сенуқта феъли замони гузаштаи ҳикоягиро гузоред:**

***Он рӯз ҳаво абрнок буд, аз осмон чанг ... .*** Ҷ. Икромӣ

**A)** борид

**B)** мебориد

**C)** борида буд

**D)** борида истода буд

**447** **Дар байти зерин феълҳои ишорашуда дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

***Гар ба онҳо дил диҳӣ, ҷон <u>медиҳанд,</u>***
***Ҷон ба роҳи аҳду паймон <u>медиҳанд.</u>*** М. Турсунзода

**A)** замони ҳозираи давомдор

**B)** замони ояндаи эҳтимолӣ

**C)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

**D)** замони ҳозира-оянда

**448** **Феълҳои ишорашудаи байти зер дар кадом замон ифода ёфтаанд?**

***Дара аз ғурриши обаш <u>садо дод,</u>***
***Насимаш рухро, ҷонро <u>ғизо дод.</u>*** М. Турсунзода

**A)** замони гузаштаи дур

**B)** замони гузаштаи нақлӣ

**C)** замони гузаштаи наздик

**D)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**449** **Дар байти зерин феъли ишорашуда дар кадом замон ифода ёфтааст?**

***Бар лаби ман шеъри ӯ бар кӯдакӣ омад ҳанӯз,***
***Шеъри ӯро нӯши ҷон бо шири модар кардаам.*** Б. Собир

**A)** замони гузаштаи ҳикоягии нақлӣ

**B)** замони гузаштаи ҳикоягӣ

**C)** замони гузаштаи наздик

**D)** замони гузаштаи нақлӣ

**450** **Ба ҷойи сенуқта феъли мувофиқро гузоред:**

***Ваҳдат тоҷиконро борҳо аз вартаҳои ҳалокатбори таърих ...***
А. Муродӣ

**A)** наҷот бахшидагист

**B)** наҷот бахшидааст

**C)** наҷот бахшиданист

**D)** наҷот хоҳад бахшид

**451** **Ба ҷойи сенуқта феъли мувофиқро гузоред:**

***Ҳамагон бояд бикӯшем, ки ваҳдати миллатамон то абад пойдору устувор ...*** А. Муродӣ

**A)** бимонад

**B)** мемонад

**C)** монда аст

**D)** хоҳад монд

**452** **Ба ҷойи сенуқта феъли мувофиқро гузоред:**

***Бӯйи гулу гиёҳҳо, бӯйи хоку лойи деҳа пирамардро боз ба ҳамон кӯчаю пайраҳаҳои дар давраҳои хурдсолӣ тайнамудааш ...*** К. Мирзо

**A)** бурданӣ буданд

**B)** равон сохтанд

**C)** гардонданд

**D)** мебурданд

**453** **Ба ҷойи сенуқта *сифати феълии замони ҳозираро* гузоред:**

***... ӯро гадо ё дарвеш гумон мекард.*** С. Улуғзода

**A)** медидагӣ

**B)** бинанда

**C)** дидаистодагӣ

**D)** дидагӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**454** **Ба ҷойи нуқтаҳо *сифати феълии замони гузашта*ро гузошта, ҷумларо пурра кунед:**

***Асарҳои ...ро ба тарзи худ шарҳ медиҳад.***

**A)** хондагиаш

**B)** мехондагиаш

**C)** хонданиаш

**D)** хонда истодагиаш

**455** ***Шакли тасрифнашавандаи феъл*ро муайян кунед.**

**A)** донӣ

**B)** медонистагӣ

**C)** медонам

**D)** хоҳам донист

**456** **Кадоме аз ин калимаҳо *феълҳои бавосита*анд?**

**A)** мондан, рондан

**B)** навиштан, тарсидан

**C)** давидан, гардидан

**D)** гардондан, нависондан

**457** **Асоси замони ҳозираи феълҳои ишорашудаи байти зеринро нишон диҳед:**

***Миёнро ба зуннори хунин бибаст,***

***Фиканд оташ андар сарои нишаст.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** банд, афкан

**B)** баст, афканд

**C)** бибанд, биафкан

**D)** мебаст, меафканд

**458** **Асоси замони ҳозираи феълҳои ишорашудаи байти зеринро нишон диҳед:**

***Гулистон-ш барканду сарвон бисӯхт,***

***Ба якборагӣ чашми шодӣ бидӯхт...*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** кан, сӯз

**B)** канд, сӯхт

**C)** бикан, бисӯз

**D)** меканд, месӯхт

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**459** **Асоси замони ҳозираи феълҳои ишорашудаи байти зеринро нишон диҳед:**

***<u>Барафшонд</u> бар тахти хоки сиёҳ,***
***Ба кайвон <u>баромад</u> фиғони сипоҳ.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** барафшондан, баромадан
**B)** бармеафшонд, бармеомад
**C)** афшонд, омад
**D)** афшон, баро

**460** **Сиғаи феълҳои ишорашударо муайян намоед:**

***Ман нома ба номи кас <u>накардам</u>,***
***Инъоми касе ҳавас <u>накардам</u>.*** Абулқосими Фирдавсӣ

**A)** амрӣ
**B)** хабарӣ
**C)** эҳтимолӣ
**D)** шартию хоҳишмандӣ

**461** **Сиғаи феълҳои ишорашударо муайян намоед:**

***Монанди сабо <u>хезу</u> вазидан дигар <u>омӯз</u>,***
***Домони гулу лола кашидан дигар <u>омӯз</u>.*** Муҳаммад Иқбол

**A)** амрӣ
**B)** хабарӣ
**C)** эҳтимолӣ
**D)** шартию хоҳишмандӣ

**462** **Кадом калимаҳо зарфанд?**

**A)** хуфта, пухта
**B)** ноилоҷ, қасдан
**C)** норизо, нотавон
**D)** чархидан, ғунҷидан

**463** **Кадом калимаҳо зарфанд?**

**A)** сарбаландона, шоирона
**B)** пазируфтан, нигоштан
**C)** пазанда, раванда
**D)** фарсанг, фарҳанг

**464** **Ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Кори душвор ... ҳалли худро меёбад.***

**A)** оромона
**B)** воқифона
**C)** умедворона
**D)** дастаҷамъона

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**465** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

***Асп рон, аз наъли аспи ту шарор ояд бурун,***
***Асп рон, чанги замин ... ояд бурун.*** М. Турсунзода

**A)** тасодуфан
**B)** хушҳолона
**C)** бесаброна
**D)** беихтиёр

**466** **Ба ҷои сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқ гузоред:**

***Кабӯтарҳо ... дону нонрезаҳоро мехӯрданд.*** Аз "Китоби дарсӣ"

**A)** ботантана
**B)** оромона
**C)** бемалол
**D)** ошкоро

**467** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

***Аспи ба ароба ҳамроҳе ки дуртар аз издиҳом, дар канори роҳи байни деҳа меистод, шояд дар таги офтоби гарм ташна монда буд, ки шиҳа кашиду ... пой кӯфт.*** Ҷ. Акобир

**A)** беқарор
**B)** босуръат
**C)** қасдан
**D)** осуда

**468** **Зарфи мувофиқро истифода намуда ҷумларо пурра намоед:**

***Бегоҳӣ, пеш аз хӯрок, Абдулатифтаго дар сари обрез даст мешуст, ки ... чашмаш ба рафи тахтагини девор афтод.*** П. Толис

**A)** ночор
**B)** ноилоҷ
**C)** ногоҳ
**D)** ноҳақ

**469** **Зарфи мувофиқро истифода намуда ҷумларо пурра намоед:**

***Модарам аз омадани мо ... хурсанд шуд.*** П. Толис

**A)** бениҳоят
**B)** беихтиёр
**C)** даррав
**D)** дарҳол

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**470** **Зарфи мувофиқро истифода намуда ҷумларо пурра намоед:**

***Шабона, дар сари хӯрок, Қосимҷон оҳиста сар бардошта, ... ба тағоиям гуфт.*** П. Толис

**A)** боҳавсала

**B)** бошарафона

**C)** намоишкорона

**D)** илтиҷокорона

**471** **Ба ҷойи сенуқта кадом зарфи замонро гузоштан дуруст аст?**

***Аз асрори ин воқеа ... касе хабар надорад.*** С. Айнӣ

**A)** дирӯз

**B)** ҳанӯз

**C)** дертар

**D)** ҳамеша

**472** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

***Ҳамин ки офтоб тасфида саросари ҳавлии ӯро ба зери болҳои зарҳалинаш мегирифт, вай ... ба рӯйи суфа мебаромад.*** Ҷ. Акобир

**A)** ошкоро

**B)** хурсанд

**C)** ногаҳон

**D)** тасодуфан

**473** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

***Мо аз болои заминҳои кишт, ки пурбарфи яхбаста буд, ... рафта ба болои рӯд расидани худро нафаҳмида мондем.*** С. Айнӣ

**A)** давон

**B)** дастзанон

**C)** шодикунон

**D)** яхмолаккунон

**474** **Ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Дар ҷевон китобҳо, онҳо ... чида шудаанд.*** К. Мирзо

**A)** бошитоб

**B)** батартиб

**C)** рӯ ба рӯ

**D)** бешумор

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**475** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Болои остонаи тиреза тӯбакчаҳои гулҳои ҳархела ... меистоданд.***
К. Мирзо

**A)** қатор
**B)** ҳамеша
**C)** бамаврид
**D)** беихтиёр

**476** **Ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Насими субҳгоҳӣ шоху навдаҳои дар болои ҳавз хамидаи маҷнунбедҳоро ... алвонҷ медод, сару рӯйи пирамардро сила мекард.***
К. Мирзо

**A)** тез-тез
**B)** пай дар пай
**C)** дам ба дам
**D)** сабук-сабук

**477** **Ба ҷойи сенуқта зарфи тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Бечора модаркалонам сарлуҷу пойлуҷ ... ба лаби дарё расид.*** А. Самад

**A)** тозон
**B)** оҳиста
**C)** оромона
**D)** хомӯшона

**478** **Калимаҳои *беибо, саҳван* ва *беист* кадом ҳиссаи нутқанд?**

**A)** ҷонишин
**B)** исм
**C)** сифат
**D)** зарф

**479** **Калимаҳои *тозон, ниҳоят* ва *нарм-нарм* кадом ҳиссаи нутқанд?**

**A)** исм
**B)** зарф
**C)** сифат
**D)** сифати феълӣ

**480** **Зарфе, ки аз сифатҳои такрор сохта шудааст.**

**A)** якто-якто
**B)** давон-давон
**C)** гурӯҳ-гурӯҳ
**D)** вазнин-вазнин

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**481** **Зарфе, ки аз сифатҳои такрор сохта шудааст.**

**A)** зуд-зуд
**B)** чор-чор
**C)** сим-сим
**D)** гарм-гарм

**482** **Зарфҳое, ки аз исмҳои такрор сохта шудаанд:**

**A)** ягон-ягон
**B)** якто-якто
**C)** сабук-сабук
**D)** гурӯҳ-гурӯҳ

**483** **Дар кадом банд зарф аз исмҳои такрор сохта шудааст?**

**A)** ҷо-ҷо
**B)** пеш-пеш
**C)** чанд-чанд
**D)** гарм-гарм

**484** **Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо зарфҳои сабабу мақсаданд?**

**A)** боло, поёнтар
**B)** доимо, ҳамеша
**C)** ночор, ноилоҷ
**D)** якбора, батафсил

**485** **Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо зарфи тарзи амаланд?**

**A)** бедарак, бесабаб
**B)** ҳамеша, пасфардо
**C)** ин сӯ-он сӯ, наздиктар
**D)** баҳодурона, бегонавор

**486** **Кадоме аз ин гурӯҳи калимаҳо зарфи миқдору дараҷаанд?**

**A)** бағоят, андак
**B)** пиёда, якбора
**C)** бесабаб, қасдан
**D)** ҳозир, парерсол

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**487** **Дар ҷумлаи зерин зарфи сабаб кадом аст?**

***“-Чаро ба ӯ ҷойи хилват лозим шудааст?” – ба дил гузаронд Восеъ ва ноилоҷ ӯро дар пӯстаки паҳлуи дар ҷой доду худаш ҳам дар рӯбарӯяш нишаст.*** С. Улуғзода

**A)** хилват
**B)** ноилоҷ
**C)** паҳлу
**D)** рӯбарӯяш

**488** **Дар ҷумлаи зерин зарфи сабаб кадом аст?**

***Ночор сари аспро аз он тараф гардонда, ба сари дигар кӯча нигоҳ карда давондам.*** С. Айнӣ

**A)** ночор
**B)** тараф
**C)** дигар
**D)** нигоҳ

**489** **Ба ҷои сенуқта *пешоянди мувофиқ* гузоред:**

***Ман ... дарси дарсхонагӣ, чунон ки дар аввал гуфтам, ҳамон дарсро пешакӣ дар пеши домуллои кунҷакиам – Мулло Абдусалом мехондам.***

С. Айнӣ

**A)** нисбат ба
**B)** ғайр аз
**C)** аз ҷиҳати
**D)** аз барои

**490** **Ба ҷойи сенуқта *пешоянди мувофиқро* гузоред:**

***... азми дурусту саъйи комил,***
***Касро нашавад мурод ҳосил***. Саъдии Шерозӣ

**A)** Бо
**B)** Бе
**C)** То
**D)** Дар

**491** **Ба ҷои сенуқта *пешоянди мувофиқ* гузоред:**

***Маро ... розӣ шудан бо ин гапи ҳақ дигар чорае набуд.***

Ф. Муҳаммадиев

**A)** баъд аз
**B)** пеш аз
**C)** ба ҷуз
**D)** аз барои

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**492** **Ба ҷойи сенуқтаҳо пешоянди мувофиқро гузоред:**

***Онҳо пасопеш ... пайроҳае, ки ду канори он аз гулҳои қоқу ва гандумак буданд, боло шуданд.*** К. Мирзо

**A)** аз

**B)** бо

**C)** дар

**D)** то

**493** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***Нахустин манбаъе, ки метавон ... аҳволу осори Байҳақӣ маълумоти бештар касб кард, таърихномаи маъруфи ӯст.*** С. Муллоҷон

**A)** дар муқобили

**B)** дар баробари

**C)** бахшида ба

**D)** роҷеъ ба

**494** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***Ӯ ... ин пул ҳеҷ хизмате накарда бемор шуда рафт.*** С. Айнӣ

**A)** ба бадали

**B)** ба шарофати

**C)** дар баробари

**D)** дар муқобили

**495** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***Ба замини кулба як бӯрё ва ... вай пӯстаки мӯйҳояш рехташуда буд.*** Р. Ҷалил

**A)** ба назди

**B)** дар болои

**C)** ба андозаи

**D)** дар баробари

**496** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***... сафарҳои дур расидани хабари хуше аз Ватан ба кас руҳ ва қуввати тозае мебахшад.*** А. Деҳотӣ

**A)** аз пайи

**B)** дар айни

**C)** аз ҷиҳати

**D)** дар фасли

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**497** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***... майдонҳои кишт ҷӯйборҳои оби фаровон равон шуданд.*** А. Деҳотӣ

**A)** ба сӯйи

**B)** дар тарафи

**C)** дар давоми

**D)** ба муносибати

**498** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди мувофиқро гузоред:**

***Дар як он воқеаи равған аз сар то охир ... назарам гузашт.*** П. Толис

**A)** аз пеши

**B)** ба пеши

**C)** аз баҳри

**D)** пеш аз

**499** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди мувофиқро гузоред:**

***Дар кушода шуда, ман ... даруни як хоначаи сафеди равшан даромадам.*** П. Толис

**A)** то

**B)** ба

**C)** аз

**D)** дар

**500** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди мувофиқро гузоред:**

***... дарё боди серуни баҳорӣ мевазид.*** П. Толис

**A)** аз

**B)** бе

**C)** бар

**D)** барои

**501** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии номии мувофиқро гузоред:**

***Дар маҷлис ... омӯзгорон падару модарон иштирок доштанд.***

**A)** ба ғайр аз

**B)** нисбат ба

**C)** роҷеъ ба

**D)** пеш аз

**502** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***Имсол ҳаво ... соли гузашта беҳтар аст.***

**A)** дар муқобили

**B)** дар баробари

**C)** нисбат ба

**D)** доир ба

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**503** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***Якбора фикрҳои мухталиф мисли талотуми мавҷҳои дарёча ... Ҷалол ба ҷавлон омаданд.*** Ҷ. Акобир

**A)** ба сари

**B)** дар сари

**C)** дар рӯйи

**D)** дар баробари

**504** **Ба ҷойи сенуқта пешоянди таркибии мувофиқро гузоред:**

***... барфандоз, пасту баланд ва обкандаҳо чунон ҳалос мезад, ки гӯё бол бароварда бошад.*** Ҷ. Акобир

**A)** дар зери

**B)** аз болои

**C)** то давраи

**D)** ба андозаи

**505** **Ба ҷойи пасоянди *баринак* кадом пешояндро гузоштан мумкин аст?**

***Агар хоҳӣ, ман баринак не, аз ман зиёдтар бағайрат, коркун ва кордон шуда метавонӣ ...*** С. Айнӣ

**A)** мувофиқи

**B)** баробари

**C)** монанди

**D)** назар ба

**506** **Ба ҷойи пасоянди *-ро* кадом пешояндро гузоштан мумкин аст?**

***Ин одамро ошу нон надиҳеду аз воқеоти ҷанг нақл кунед.***

Ф. Муҳаммадиев

**A)** ба

**B)** бо

**C)** барои

**D)** аз баҳри

**507** **Ба ҷойи пасоянди *барин* кадом пешояндро гузоштан мумкин аст?**

***Оби нуқрагини чашма дар тобистон ях барин хунуку дар зимистон гарм аст.***

**A)** пеш аз

**B)** мисли

**C)** пештар

**D)** нисбат ба

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**508** **Ба ҷойи пасоянди *-ро* кадом пешояндро гузоштан мумкин аст?**

***Савсанро гуфт, ки берун, ба ҳавлии миёна, барояд.*** Ҷ. Икромӣ

**A)** бо

**B)** ба

**C)** барои

**D)** дар бораи

**509** **Ба ҷойи пасоянди *барин* кадом пешояндро гузоштан мумкин аст?**

***Акнун ҳавлиатон боғ барин калону боз ҳамон гап.*** Ф. Муҳаммадиев

**A)** мисли

**B)** барои

**C)** ба пеши

**D)** аз болои

**510** **Ба ҷойи сенуқта *пайвандаки мувофиқ*ро гузоред:**

***Баъд хамёзаи дарозе кашид... чашмонашро молида гуфт.*** П. Толис

**A)** -у

**B)** ё

**C)** зеро

**D)** лекин

**511** **Ба ҷойи сенуқта *пайвандаки мувофиқ*ро гузоред:**

***Баъд ӯ аз ман оҳиста ... бо эҳтиёт пурсид.*** П. Толис

**A)** ё

**B)** ва

**C)** балки

**D)** лекин

**512** **Ба ҷойи сенуқта *пайвандаки мувофиқ*ро гузоред:**

***Воқеа аз ҳамин сар шуд, ... ман бо модарам ҷанг карда, аз хона гурехтам.*** П. Толис

**A)** ва

**B)** ки

**C)** аммо

**D)** балки

**513** **Пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Бо ман муомилаи ӯ бад набуд, маро озор намедод, ... ман ягона дастёри ӯ будам.*** С. Улуғзода

**A)** ва

**B)** зеро

**C)** аммо

**D)** вақте ки

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**514** **Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***... сарҳавз равшантар мегардид, тобиши навишта ва тамғаи заррини акт ҳам ҳамон қадар назарработар мешуд.*** С. Айнӣ

**A)** Агарчи

**B)** Модом ки

**C)** Гарчанде ки

**D)** Ҳар қадар ки

**515** **Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Шукурбек дар онҷо ба ду кӯча ду санг ғурронд, ... одамони раванда ва оянда кӯчаро холӣ кунанд.*** С. Айнӣ

**A)** то ки

**B)** чунки

**C)** зеро ки

**D)** азбаски

**516** **Ба ҷойи нуқтаҳоҳо пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Вай бефоида будани ин кор, ба тадбири он оҷиз будани худро ҳис кард, ... дар саҳни завод кор торафт зиёдтар ва адади коргарон афзунтар мегардид.*** С. Улуғзода

**A)** модом ки

**B)** зеро ки

**C)** агарчи

**D)** вақте ки

**517** **Пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Бухоро шаҳри бузург аст ... ободтарин шаҳрест андар Мовароуннаҳр...***

Аз “Ҳудуд-ул-олам”

**A)** ё ин ки

**B)** чунки

**C)** вале

**D)** ва

**518** **Пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Аз тарафи дигар медонист, ... имрӯзҳо ғанимат ва ҳоло айни ҷӯшу зарби корҳои баҳорӣ аст.*** Ҷ. Акобир

**A)** ки

**B)** чунки

**C)** азбаски

**D)** ҳарчанд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**519** **Пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Ман китобҳои навбанави устод Айниро мехондам ... дар дилам орзуе ҷӯш мезад, ки бо нависандаи ин китобҳои аҷиб шинос шавам.*** П. Толис

**A)** ва
**B)** гӯё ки
**C)** агарчи
**D)** ба тавре ки

**520** **Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Чинифурӯш ... табассум мекард, як пиёла чой кашида ба пеши Қорӣ-ишкамба гузошт.*** С. Айнӣ

**A)** ба андозае ки
**B)** дар ҳолате ки
**C)** модоме ки
**D)** вақте ки

**521** **Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Саҳар пеш аз кафидани чашми рӯз ба кор мерафт ... баъди нишастани офтоб ба хона бармегашт.*** С. Улуғзода

**A)** ва
**B)** чун
**C)** зеро
**D)** аммо

**522** **Ба ҷойи сенуқта пайвандаки мувофиқро гузоред:**

***Вай маҷбур буд ин ҳама коруборро худаш анҷом диҳад, ... ман хурд будам, корҳои вазнини хонагӣ аз дасти ман намеомаданд.*** С. Улуғзода

**A)** гарчанде ки
**B)** ҳол он ки
**C)** модом ки
**D)** зеро ки

**523** **Ба ҷои сенуқта *ҳиссачаи мувофиқ* гузоред:**

***– Оҳ, ту ... Гулнор нестӣ?! – гуфта як қад парид зани жӯлидамӯ.*** С. Айнӣ

**A)** эҳтимол
**B)** охир
**C)** магар
**D)** наход

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**524** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***- Ман ҳозир ... ҳамин касро нигоҳ дошта гапзанон мекунам.***

С. Улуғзода

**A)** наход

**B)** охир

**C)** ана

**D)** оё

**525** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***- ..., - ба гап ҳамроҳ шудам ман, - аз гуфтаҳоят маълум мешавад, ки гапи Комил ба ту асар кардааст?*** П. Толис

**A)** хайр

**B)** магар

**C)** кошки

**D)** мабодо

**526** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***Чойхона, ки дар бинои калони айвонмонанд ҷой гирифта буд, ... як самовар дошт, ки тахминан панҷ сатил об мебурд.*** П. Толис

**A)** магар

**B)** наход

**C)** танҳо

**D)** мабодо

**527** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

**-...** ***инро дар вақтҳое ки ман ҳам шумо барин дар ҳамин шаҳр мехондам, хунук зад.*** С. Улуғзода

**A)** мабодо

**B)** магар

**C)** мана

**D)** оё

**528** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***... ҳаминро ҳис мекардам, ки дар ҳаёти ман як дигаргунии муҳиме рӯй дода истодааст ва ин дигаргунӣ барои ояндаи ман аҳамияти калоне дорад.*** П. Толис

**A)** наход

**B)** кошки

**C)** магар

**D)** танҳо

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**529** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***... гапи ӯ рост бошаду дар дунё раҳму шафқат, ҳақиқат гуфтанӣ чизҳо набошад?*** П. Толис

**A)** наход

**B)** ҳатто

**C)** фақат

**D)** кошки

**530** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаи мувофиқро гузоред:**

***Шодмон оромона воқиаи рӯйдодаро ба ӯ нақл кард.***
***-..., ба гумони худат ин кори кӣ?*** К. Мирзо

**A)** хайр

**B)** фақат

**C)** танҳо

**D)** мабодо

**531** **Ба ҷои сенуқта *нидои мувофиқ* гузоред:**

***..., ки инсон то аз канори Модар-Ватан маҳрум нашавад, ба қадри ин неъмати беҳамто намерасад.*** А. Самадов

**A)** Хайрият

**B)** Аҷабо

**C)** Хайр

**D)** Афсӯс

**532** **Ба ҷойи сенуқта нидои мувофиқро гузоред:**

***- ..., - гуфт ӯ худ ба худ, - дар сағирхона бачаро дар як хона ҳабс карда мемондаанд-дия.*** С. Айнӣ

**A)** Ҷим

**B)** Вой

**C)** Аҷаб

**D)** Бай-бай

**533** **Ба ҷойи сенуқта нидои мувофиқро гузоред:**

***- ..., - гуфт Давлатманд, - беандешагиҳои Иброҳим корро лат дод.***
С. Айнӣ

**A)** Ӯҳӯ

**B)** Воҳ

**C)** Ҳай-ҳай

**D)** Ҳайф ки

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**534** **Ба ҷойи сенуқтаи аввал нидои мувофиқро гузоред:**
***..., ки борону бод будааст, вагарна... Хеле вақт мешавад, ки ба театрҳо намеоед.*** М. Солеҳ.

**A)** Аҷабо
**B)** Афсус
**C)** Дареғо
**D)** Хайрият

## СИНТАКСИС

**535** **Ҷузъҳои асосии ибораҳои “дили нооannom” ва “аспи саманд” ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд?**

**A)** исм
**B)** сифат
**C)** феъл
**D)** зарф

**536** **Кадоме аз ин ибораҳо бо роҳи *алоқаи ҳамроҳӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** “Ситорае дар тирашаб”
**B)** “Аз Ганг то Кремл”
**C)** “Даҳ фасл”
**D)** “Роҳи Каҳкашон”

**537** **Кадоме аз ин ибораҳо бо роҳи *алоқаи ҳамроҳӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** роҳро кӯтоҳ кардан
**B)** кӯтоҳтарин роҳ
**C)** роҳи кӯтоҳтарин
**D)** бо роҳи кӯтоҳтарин рафтан

**538** **Кадоме аз ин ибораҳо бо роҳи *алоқаи вобастагӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** гулбонги нимашаб
**B)** бузургтарин ҳамоса
**C)** мулоқот бо устод Айнӣ
**D)** сардафтари адабиёти тоҷик

**539** **Кадом ибора бо роҳи *алоқаи вобастагӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** бенаво дарахт
**B)** арзи дил кардан
**C)** гулгашти Мусалло
**D)** ба доди касе расидан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**540** **Иборои *чун паранда паридан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ

**B)** алоқаи ҳамроҳӣ

**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ

**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**541** **Иборои *бағоят хушнуд шудан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ

**B)** алоқаи ҳамроҳӣ

**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ

**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**542** **Иборои *тӯтӣ барин такрор кардан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ

**B)** алоқаи ҳамроҳӣ

**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ

**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**543** **Иборои *як ҳафта пас хабар гирифтан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ

**B)** алоқаи ҳамроҳӣ

**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ

**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**544** **Иборои *як сол инҷониб бедарак будан* бо кадом роҳ сохта шудааст?**

**A)** алоқаи изофӣ

**B)** алоқаи ҳамроҳӣ

**C)** алоқаи вобастагии пешояндӣ

**D)** алоқаи вобастагии пасояндӣ

**545** **Ибораҳои сифатиро муайян намоед:**

**A)** тозон рафтан, мутеона рафтан

**B)** баҳори дилфиреб, ҳавои соф

**C)** аз бачагӣ шӯх, чун гул нозук

**D)** аз поён панҷум, ду ҷабрдида

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**546** **Иборaҳои сифатиро муайян намоед:**
**A)** баланд хандидан, санг барин сахт
**B)** ду сол баъд, садҳо коргар
**C)** модари азиз, духтари боадаб
**D)** якдигарро дидан, ин хел одам

**547** **Иборaи сифатиро муайян намоед:**
**A)** каме сонитар
**B)** муддати хондан
**C)** аз серҳосилӣ хам
**D)** ғалаба бар душман

**548** **Ба ҷойи сенуқта иборaи изофиро гузоред:**
***Нафаси боди сабо мушкфишон хоҳад шуд,***
***... дигарбора ҷавон хоҳад шуд.*** Ҳофизи Шерозӣ
**A)** ҳама одам
**B)** ҳама олам
**C)** олами пир
**D)** оламу одам

**549** **Ба ҷойи сенуқта иборaи ҳамроҳиро гузоред:**
***Ҳар ки баҳри сулҳ имзо мекунад,***
***... ба дунё мекунад.*** М. Аминзода
**A)** Барои коре
**B)** Беҳтарин коре
**C)** Амали дуруст
**D)** Хубтарин корро

**550** **Иборae, ки дар қолаби *исм* + *сифати феълӣ* сохта шудааст:**
**A)** ҳамин мактаб
**B)** ду аламрасида
**C)** одами омадагӣ
**D)** ҳамеша хушҳол

**551** **Иборae, ки дар қолаби *исм* + *сифати феълӣ* сохта шудааст:**
**A)** кӯзаи аз об пур
**B)** оби нӯшиданӣ
**C)** доимо ғамгин
**D)** оҳан барин сахт

**552** **Кадом иборaҳо бо алоқаи изофӣ таркиб ёфтаанд:**
**A)** ба боғ даромадан, гул чидан
**B)** ҳикояро хондан, аз назар дур
**C)** сабзаҳои навхез, насими форам
**D)** фарзанди дилбанд, гуфтугӯ бо худ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**553** **Ба ҷойи сенуқта ибораи ҳамроҳиро гузоред:**
***Аз ҳама ... кадом аст?*** **А. Шукуҳӣ**

**A)** дардро даво
**B)** бозии беҳтар
**C)** гармтарин моҳ
**D)** ба таъриф лоиқ

**554** **Кадом ибора бо роҳи *алоқаи вобастагӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** шаҳрро давр задан
**B)** сайругашт кардан
**C)** ёди ёри меҳрубон
**D)** писандидатар кас

**555** **Кадоме аз ин ибораҳо бо роҳи *алоқаи вобастагии пасояндӣ* таркиб ёфтааст?**

**A)** ба сар давидан
**B)** хиҷолат кашидан
**C)** аз гап нагаштан
**D)** гапро ду накардан

**556** **Кадом ибора бо роҳи *алоқаи вобастагии пешояндӣ* сохта шудааст?**

**A)** роз гуфтан
**B)** модари зор
**C)** ба хоб дидан
**D)** кореро ичро кардан

**557** **Кадом ибораҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ таркиб ёфтаанд:**

**A)** аспи саманд, гули бодом
**B)** гуфтугӯ бо худ, чун гул зебо
**C)** роз гуфтан, бузургтарин ҳамоса
**D)** касеро хурсанд кардан, корро омӯхтан

**558** **Кадом ибораҳо бо алоқаи ҳамроҳӣ таркиб ёфтаанд:**

**A)** пур аз ашк, аз ҳама зебо
**B)** ҳамон савор, хеле оромона
**C)** мани мискин, модари ғамхор
**D)** касеро дидан, китобро хондан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**559** **Кадоме аз гуфтаҳои зерин хусусияти ибораро ифода мекунад?**

**A)** воситаи муомилаву муносибат мебошад
**B)** аломати китобат истифода мешавад
**C)** ашё ва амалро равшантар баён мекунад
**D)** анҷоми амалро ифода мекунад

**560** **Кадоме аз гуфтаҳои зерин хусусияти ибораро ифода мекунад?**

**A)** дорои оҳанги махсус мебошад
**B)** дорои калимаи асосӣ ва тобеъ мебошад
**C)** воситаи муомилаю муносибат мебошад
**D)** аломатҳои китобат истифода мешавад

**561** **Ҷузъҳои асосии ибораҳои “баҳори дилфиреб” ва “себи хубонӣ” ба кадом ҳиссаи нутқ мансубанд?**

**A)** зарф
**B)** феъл
**C)** сифат
**D)** исм

**562** **Ибораеро муайян намоед, ки дар қолаби *исм* + *исм* сохта шуда бошад.**

**A)** дарёи равон
**B)** гул барин зебо
**C)** ҷилои ситораҳо
**D)** хеле эҳтиёткорона

**563** **Дар кадом қатор ибораҳои сифатӣ дода шудаанд?**

**A)** сафедори баланд, оби зулол
**B)** аз арақ тар, то замин овезон
**C)** аз боло даҳум, дуи дигар
**D)** чой нӯшидан, гӯш додан

**564** **Дар кадом қатор ибораҳои сифатӣ дода шудаанд?**

**A)** ин ҳама маълумотҳо, чанде аз шоирон
**B)** зада-зада пеш кардан, тозон рафтан
**C)** шикори бо шоҳин, китобҳои мантиқ
**D)** дар сухан холис, дар амал бепарво

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**565** **Кадоме аз гуфтаҳои зерин хусусияти ибораро ифода мекунад?**

**A)** барои баёни фикр истифода мешавад
**B)** дорои як ё ду асоси грамматикӣ аст
**C)** оҳанги махсуси талаффуз дорад
**D)** дорои оҳанги махсуси талаффуз нест

**566** **Дар ибораҳои "*аз арақ тар*" ва "*аз хунук сурх*" ҷузъи асосиашон кадом ҳиссаи нутқ аст?**

**A)** исм
**B)** зарф
**C)** сифат
**D)** ҷонишин

**567** **Дар ибораҳои "*то замин овезон*" ва "*то нисф холӣ*" ҷузъи асосиашон кадом ҳиссаи нутқ аст?**

**A)** сифат
**B)** зарф
**C)** феъл
**D)** пешоянд

**568** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Вақтро ғанимат дон, то тавонӣ.
**B)** Хомӯшӣ беҳ, ки чавоби сахт.
**C)** Хирман кӯфтан кори буз нест.
**D)** Хеш бошаду беозор бошад.

**569** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** То ҳаракат накунӣ, баракат наёбӣ.
**B)** Аз девона пурсӣ, ки моҳ чанд?
**C)** Аз гунҷишк тарсӣ, арзан накор!
**D)** Уштурро бо кафлес об намедиҳанд.

**570** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Худам шоҳу табъам вазир.
**B)** Хона нахар, ҳамсоя бихар!
**C)** Хомӯшӣ аломати ризост.
**D)** Вақт равад, нақд равад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**571** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Така бошаду шир диҳад.
**B)** Суханро бисанҷу ба андоза гӯй.
**C)** Саҳархез бош, то комраво бошӣ.
**D)** Душманро ҳақир набояд шумурд.

**572** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Фикри нон кун, ки харбуза об аст.
**B)** Агар гуфтан сим аст, хомӯшӣ зар аст.
**C)** Дарахти бесамар беҳ аз фарзанди носолеҳ.
**D)** Доно аспашро таъриф мекунад, нодон худашро.

**573** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян кунед:**

**A)** Онҳо ҳамроҳ кор мерафтанд. К. Мирзо
**B)** Он рӯз дар хаёлаш ба ҷилва меомад. К. Мирзо
**C)** Чанд сол боз ин ҷо кор мекунед? К. Мирзо
**D)** Субҳ тараддуди равшан шудан дошт. Ҷ. Акобир

**574** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян кунед:**

**A)** Фаррух тамошо мекард. Б. Фирӯз
**B)** Имсол баҳор барвақт омад. Б. Фирӯз
**C)** Торафт ҳаво сардтар мешуд. Б. Фирӯз
**D)** То таги зардолу қадам монд. К. Мирзо

**575** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян кунед:**

**A)** Он каме дуртар аз дарвоза истод. К. Мирзо
**B)** Дасту пойҳои мардумро бе ресмон баст. К. Мирзо
**C)** Савдогарон даҳ нафар буданд. С. Айнӣ
**D)** Файзи пагоҳӣ ба даштрӯя зебоӣ мебахшид. Р. Ҷалил

**576** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян намоед:**

**A)** Дилам сахт-сахт мезад.
**B)** Онҳо ба роҳ даромаданд.
**C)** Боғ дар шаб хеле зебо метофт.
**D)** Боз ба даруни раста даромадем.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**577** **Ҷумлаи содаи дутаркибаро муайян намоед:**

**A)** Охир, оҳиста аз ҷоям хестам. П. Толис

**B)** Аз он боғу майдонҳо ҳам нишоне намеёфт. К. Мирзо

**C)** Дар ин ҷо ду савор истода буданд. С. Улуғзода

**D)** Ба мо иҷозати рафтан надоданд. С. Улуғзода

**578** **Ҷумлаи содаи дутаркибаро муайян намоед:**

**A)** Ба боғ баъди нимаи рӯз баргаштам. С. Улуғзода

**B)** Баъд мо боз таноби роҳи дурро кашидем. С. Улуғзода

**C)** Ӯро назди он донишманд бурданд. Аз "Достонҳои Шоҳнома"

**D)** Ҳавои софу беғуборашро шамидааст. К. Мирзо

**579** **Ҷумлаи содаи дутаркибаро муайян кунед:**

**A)** Ҳеҷ кас ин ҳолро мунтазир набуд. Ҳ. Карим

**B)** Вазнин, камгап, ландаҳурнамо буд. С. Улуғзода

**C)** Ҳамаи гуфтаҳои маро фикр кун. С. Улуғзода

**D)** Роҳҳои пасту баландро гузаштанд. К. Мирзо

**580** **Ҷумлаи содаи дутаркибаро нишон диҳед:**

**A)** Муйсафед баъзан ба вай саргузашташро нақл мекард. К. Мирзо

**B)** Дар пушти боғамон пан таноб замини корам доштем. С. Улуғзода

**C)** То ин вақт дар суҳбатҳо бештар аз корам гап мезад. Р. Наҷмиддинов

**D)** Ҳеҷ кадоми ин воқеаҳоро ба ҳазратам ҳам нанавиштам. С. Айнӣ

**581** **Ҷумлаи содаи дутаркибаро муайян намоед:**

**A)** Як-ду ҳафта ҳамин тарз кор карданд. С Улуғзода

**B)** Азизтарин чизи гумшудаашро ёфта буд. К. Мирзо

**C)** Ҳунармандон боз ба кор машғул шуданд. С. Айнӣ

**D)** Барои чӣ аз омаданат маро хабардор накардӣ? Ҷ. Икромӣ

**582** **Ҷумлаи содаи яктаркибаро муайян кунед:**

**A)** Дар кӯҳсор борони сел борид. Аз "Садои Шарқ"

**B)** Бо ин кор ҳам чор сол сарф кардам. С. Айнӣ

**C)** Ба канал дигар оби ифлос намерафт. Аз "Садои Шарқ"

**D)** Баъд ӯ аз ман оҳиста ва боэҳтиёт пурсид. П. Толис

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**583** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Забон донӣ, ҷаҳон донӣ.

**B)** Намур бузакам, баҳор меояд.

**C)** Гап дар калла, на дар салла.

**D)** Аз дӯсти нодон душмани доно беҳтар.

**584** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Забони мурғонро мурғон донанд.

**B)** Кам-кам хӯру доим хӯр.

**C)** На сих сӯзаду на кабоб.

**D)** Дер ояду шер ояд.

**585** **Кадоме аз ин зарбулмасалу мақолҳо ҷумлаи сода аст?**

**A)** Ё тир мекафад ё ҷувоз.

**B)** Дили нохоҳамро узри бисёр.

**C)** Он чӣ дар дег аст, ба кафлез меояд.

**D)** Кӯдак азиз аст, адабаш аз вай азизтар

**586** **Ҷумлаи хулласро муайян намоед:**

**A)** Ман ӯро шинохта натавонистам. С. Айнӣ

**B)** Шумоён ба дӯконатон равед. Р. Ҷалил

**C)** Вай ба ту ҷой медиҳад. Ҷ. Акобир

**D)** Духтарон хандиданд. Ҷ. Икромӣ

**587** **Ҷумлаи хулласро муайян намоед:**

**A)** Торафт ҳаво сардтар мешуд. Б. Фирӯз

**B)** Шодмон заррае гуноҳ надорад. Ҷ. Акобир

**C)** Шамсулло сархам буд. Ҷ. Акобир

**D)** Аз сояи худ метарсид. В. Асрорӣ

**588** **Ҷумлаи хуллас ба кадом гурӯҳи ҷумлаҳо дохил мешавад?**

**A)** ҷумлаи унвонӣ

**B)** содаи яктаркиба

**C)** содаи дутаркиба

**D)** ҷумлаи мураккаб

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**589** **Ҷумлаи хуллас ба кадом гурӯҳи ҷумлаҳо дохил мешавад?**

**A)** ҷумлаи содаи яктаркиба

**B)** ҷумлаи содаи дутаркиба

**C)** ҷумлаи мураккаби тобеъ

**D)** ҷумлаи мураккаби пайваст

**590** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқи ҷумларо гузоред, ки ҷумлаи муайншахс ҳосил шавад:**

***Ҳар рӯз ба навад кас дарс ... ?*** Р. Ҷалил

**A)** медиҳӣ

**B)** медоданд

**C)** медиҳанд

**D)** додан лозим

**591** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқи ҷумларо гузоред, ки ҷумлаи муайншахс ҳосил шавад:**

***Аз рафиқонамон як нафарашро доранда таъйин ... .*** С. Айнӣ

**A)** кардем

**B)** карданд

**C)** бояд кунанд

**D)** кардан лозим

**592** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқи ҷумларо гузоред, ки ҷумлаи муайншахс ҳосил шавад:**

***Фикрамро ба вай ... .*** Ҳ. Карим

**A)** бояд гуфт

**B)** гуфтам

**C)** мегӯянд

**D)** гуфтан лозим

**593** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

***Боре бо ҳамин мақсад имтиҳони мударрисони Хуҷандро ... .*** Р. Ҷалил

**A)** гузаронид

**B)** гузарониданд

**C)** бояд мегузаронд

**D)** гузаронидани буд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**594** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

*Ҳатто дар сари пирӣ рӯзу соати расидани маргашонро пешгӯӣ* **... .**

Ҷ. Акобир

**A)** мекард

**B)** мекунад

**C)** мекунанд

**D)** карда буд

**595** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

*Баъд ба кадом як анбори заҳи хиштини серизаминӣ ҷудо-ҷудо ба ҳабс* **... .** Ф. Ниёзӣ

**A)** андохт

**B)** андохтанд

**C)** бояд меандохт

**D)** андохтан лозим буд

**596** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

*Танҳо бо андак хиҷолат сар ба зер* **... .** Ҷ. Акобир

**A)** афканд

**B)** меафканд

**C)** афканданд

**D)** афкандан лозим

**597** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи номуайяншахс ҳосил шавад:**

*Дар он ҷо суратҳои сарҳадчиёни қаҳрамонро овехта* **... .** С. Улуғзода

**A)** монд

**B)** мемонд

**C)** мондаанд

**D)** мондан лозим

**598** **Ба ҷойи сенуқта хабареро гузоред, ки ҷумлаи муайяншахс ҳосил шавад:**

*Бо баъзе ҳамсинфҳо, ҳамқишлоқиҳо гоҳе* **...** К. Мирзо

**A)** вомехӯранд

**B)** вомехӯрам

**C)** вохӯрдан лозим

**D)** бояд вомехӯрданд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**599** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқеро гузоред, ки ҷумлаи муайяншахс ҳосил шавад:**

***Баъд аз ин дар он ҷо ...*** П. Толис

**A)** истодан лозим

**B)** истоданӣ буданд

**C)** истода натавонист

**D)** истода натавонистам

**600** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқи ҷумларо гузоред, ки ҷумлаи муайяншахс ҳосил шавад:**

***Бо ҳайрати зардаомез аз вай ... .*** Ҷ. Акобир

**A)** пурсиданд

**B)** пурсидам

**C)** набояд пурсид

**D)** пурсидан даркор

**601** **Ба ҷойи сенуқта хабари мувофиқи ҷумларо гузоред, ки ҷумлаи муайншахс ҳосил шавад:**

***Рӯзи дигар баробари субҳи сояравшан ... .*** Ҷ. Акобир

**A)** бедор шуданд

**B)** бедор мешавам

**C)** бояд бедор шуд

**D)** бедор шуданам лозим

**602** **Ҷумлаи унвониро муайян кунед:**

**A)** Мо – ҳамсояи девордармиён.

**B)** Баҳор. Ҳаво соф. П. Толис

**C)** - Номи падарат?
– Бозор! С. Айнӣ

**D)** Акнун субҳ медамид.

**603** **Ҷумлаи унвониро муайян кунед:**

**A)** Шаби торики зимистон.

**B)** Хомӯшӣ ҳукмфармо буд.

**C)** Шамоли сахт вазид.

**D)** -Ба он ҷо кӣ рафт?
-Падарам...

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**604** **Ҷумлаи унвониро муайян кунед:**

**A)** -Ту аз ман хафа нестӣ?

**B)** -Кӣ шуда кор мекардӣ?
-Оҳангар.

**C)** Шаби моҳи август.

**D)** Падарам касал шуд.

**605** **Ҷумлаи унвониро муайян кунед:**

**A)** Шаб. Шамоли нофорам.

**B)** Фарзанд- меваи ширин.

**C)** -Ту худро чӣ тавр ҳис мекунӣ?
-Бад не...

**D)** Китоб хондам.

**606** **Ҷумлаи унвониро муайян кунед:**

**A)** Ситораҳо хандиданд.

**B)** Майдоне дар шаҳр. Халқ.

**C)** -Вай бояд дар ин ҷо монад.

**D)** Ором шав, духтарҷон, осуда бош.

**607** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанги баён) муайян кунед:**
***Бузургон ва мубадон ба боргоҳи ӯ ҷамъ омаданд.*** С. Улуғзода

**A)** ҷумлаи хитобӣ

**B)** ҷумлаи ҳикоягӣ

**C)** ҷумлаи саволӣ

**D)** ҷумлаи амрӣ

**608** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанги баён) муайян кунед:**
***Ҷойи мунозира нест ин ҷо...*** Ф. Муҳаммадиев

**A)** ҷумлаи ҳикоягӣ

**B)** ҷумлаи хитобӣ

**C)** ҷумлаи саволӣ

**D)** ҷумлаи амрӣ

**609** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанги баён) муайян кунед:**
***Магар ҳанӯз дилатон хунук нашудааст...*** С. Айнӣ

**A)** ҳикоягӣ

**B)** хитобӣ

**C)** саволӣ

**D)** амрӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**610** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанг, тобиш) муайян кунед:**
***"- О мемонед, ки мактуби акаи Зарифа то охир бихонам..."*** А. Самад

**A)** амрӣ
**B)** хитобӣ
**C)** хабарӣ
**D)** саволӣ

**611** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанг, тобиш) муайян кунед:**
***"Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз..."*** Ф. Аттор

**A)** амрӣ
**B)** саволӣ
**C)** хитобӣ
**D)** ҳикоягӣ

**612** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанг, тобиш) муайян кунед:**
***"Қадам бебоктар неҳ бар ҳарими ҷони муштоқон..."*** Ҳ. Шерозӣ

**A)** ҳикоягӣ
**B)** саволӣ
**C)** хитобӣ
**D)** амрӣ

**613** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанг, тобиш) муайян кунед:**
***"Офтобо, бори дигар хонаро пурнур кун..."*** Ҷ. Румӣ

**A)** хитобӣ
**B)** ҳикоягӣ
**C)** амрӣ
**D)** саволӣ

**614** **Ҷумларо аз рӯйи ифодаи мақсад (оҳанги баён) муайян кунед:**
***Шаб ногаҳон абре падид омаду ҷаҳонро чун рӯйи зангӣ сиёҳ гардонид...*** Аз "Достонҳои Шоҳнома"

**A)** ҷумлаи ҳикоягӣ
**B)** ҷумлаи хитобӣ
**C)** ҷумлаи саволӣ
**D)** ҷумлаи амрӣ

**615** **Кадом аъзои ҷумлаи зерин чида шудаанд?**
***Ӯ ба онҳо рози дилашро мегуфтааст, аз сӯзу гудози ишқаш таронаҳо месурудааст.*** Р. Ҳодизода

**A)** мубтадо ва хабар
**B)** хабар ва пуркунанда
**C)** мубтадо ва пуркунанда
**D)** ҳол ва муайянкунанда

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**616** **Кадом аъзои ҷумлаи зерин чида шудаанд?**

***Подшоҳон, шоҳзодагон ва амалдорони калони темурӣ барои шахси худашон қаср ва боғҳои пуршукӯҳи зиёде бино карда буданд.*** Р. Ҳошим

**A)** мубтадо ва хабар

**B)** мубтадо ва пуркунанда

**C)** ҳол ва пуркунанда

**D)** ҳол ва муайянкунанда

**617** **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст?**

***Дар киштзори самти чапи роҳ занону духтарон ғӯзаро каланд мекарданд...*** Б. Фирӯз

**A)** мубтадо

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**618** **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст?**

***Офтоб аз паси лахта-лахта абрҳои сафед гоҳ рух менамуду гоҳ пинҳон мешуд.*** Б. Фирӯз

**A)** хабар

**B)** мубтадо

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**619** **Кадом аъзои ҷумлаи *"Ҳудуди қалъа аз куҳандиз, шаҳристон ва работ иборат буд."* чида шудааст?**

**A)** мубтадо

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**620** **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст?**

***Ҷузҷонӣ хӯрҷин дар китф, давон-давон ва ҳарсосзанон ба ӯ расида гирифт.*** С. Улуғзода

**A)** ҳол

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**621** **Дар ҷумлаи зерин кадом аъзои он чида шудааст?**

***Як марди қадбаланд, камгӯшт, пешонавасеъ, хушфеъл моро бо хурсандӣ пешвоз гирифт.*** Ҳ. Карим

**A)** хабар

**B)** мубтадо

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**622** **Дар ҷумлаи зерин кадом аъзои он чида шудааст?**

***Аммо дар ҳақиқат ӯро одами матин, солимақл, пурдон ва одамшинос гуфтан мумкин буд.*** С. Айнӣ

**A)** ҳол

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**623** **Дар ҷумлаи зерин баёния кадом аст?**

***Ҷалили оҳангар белу каландҳоро хушсифат тайёр мекунад.***

**A)** Ҷалил

**B)** оҳангар

**C)** хушсифат

**D)** белу каландҳо

**624** **Дар ҷумлаи зерин баёнияи истисноӣ кадом аст?**

***Вай ба устоди худ - Мирзо Турсунзода арзи сипос намуд.***

**A)** Вай

**B)** ба устоди худ

**C)** Мирзо Турсунзода

**D)** арзи сипос

**625** **Калимаҳои ишорашуда кадом аъзои ҷумлаанд?**

***Мушкил аст ба шоир дар ин мулк суханварӣ ва сухансозӣ, дар ҳоле ки ҳар бозаргон <u>сухангӯ</u> ва <u>суханбоф аст</u>.*** Олҷас Сулаймон

**A)** мубтадо

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**626** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Хӯҷаинҳо дар хонаҳои сиёҳ, дар чодирҳо ва каппаҳои худ оромона мехобиданд.*** С. Айнӣ

**A)** ҳол

**B)** хабар

**C)** мубтадо

**D)** пуркунанда

**627** **Дар ҷумлаи зерин мубтадо кадом аст:**

***"Ин воқеа чанд сол пеш аз ин шуда буд."?*** Ҳ. Карим

**A)** пеш аз ин

**B)** чанд сол

**C)** ин воқеа

**D)** воқеа

**628** **Дар ҷумлаи зерин мубтадо кадом аст:**

***"Хонда шудани нақш аз тарафи як тоҷик тантанаи ин ҷашни зафарро ду боло кард."?*** С. Айнӣ

**A)** тантана

**B)** як тоҷик

**C)** хонда шудан

**D)** хонда шудани нақш

**629** **Дар ҷумлаи зерин мубтадо кадом аст:**

***"Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯйи кушодеро надид."?*** С. Айнӣ

**A)** Бечора

**B)** Одина

**C)** Бечора Одина

**D)** забони хуш

**630** **Дар ҷумлаи зерин мубтадо кадом аст?**

***Бо мулоҳиза сухан гуфтан шарти одоб аст ва барои ҳама ҳатмист.***

Ф. Муҳаммадиев

**A)** сухан

**B)** мулоҳиза

**C)** шарти одоб

**D)** сухан гуфтан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**631** **Дар ҷумлаи зерин мубтадо кадом аст?**

***Бачаҳои майда дар атрофи пиразани хамидақомат мисли парвона давр мезаданд.*** Р. Ҷалил

**A)** атроф

**B)** парвона

**C)** пиразан

**D)** бачаҳо

**632** **Дар ҷумлаи зерин мубтадо кадом аст?**

***Дар лаби ҷӯйбор ду карнайчии солхӯрда карнай мекашиданд.***

С. Улуғзода

**A)** лаби ҷӯйбор

**B)** ду карнайчӣ

**C)** ду карнайчии солхӯрда

**D)** карнайчии солхӯрда

**633** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Мӯйсафед аз ҷояш нахест, чизе нагуфт, хомӯш нишаст.***

Аз "Садои Шарқ"

**A)** муайянкунанда

**B)** пуркунанда

**C)** хабар

**D)** ҳол

**634** **Аъзои чидаи ҷумлаи зеринро муайян намоед:**

***Хӯҷаинҳо дар хонаҳои сиёҳ, дар чодирҳо ва каппаҳои худ оромона мехобиданд.*** С. Айнӣ

**A)** пуркунанда

**B)** мубтадо

**C)** хабар

**D)** ҳол

**635** **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст?**

***Ту бояд таронаҳои Балху Бухоро, Чочу Самарқанд, Хуҷанду Хатлон, Бадахшону Самангон ва ҳамаи шаҳрҳои дигари кишвари бузурги моро аз бар кунӣ.*** А. Истад

**A)** ҳол

**B)** мубтадо

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**636** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Нигоҳи чашмони майда-майдаи тезаш ба ман хеле ... намуд.***

П. Толис

**A)** хомӯшона
**B)** осудаҳолона
**C)** назарногирона
**D)** ҳавобаландона

**637** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Сифату атрофиёнаш ... хомӯш мемонанд.*** А. Самад

**A)** тез-тез
**B)** сабукборона
**C)** итоаткорона
**D)** хандида-хандида

**638** **Ба ҷойи сенуқтаи аввал ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Мардум аз ғаму дард ... сӯхта мегуфтанд: ... .*** А. Самад

**A)** тез-тез
**B)** пеш-пеш
**C)** дарун-дарун
**D)** замон-замон

**639** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Ман ... бача калон кардам, ки ту манфиаташа бубинӣ?*** А. Самад

**A)** тез-тез
**B)** зуд-зуд
**C)** зиста-зиста
**D)** мурда-мурда

**640** **Ба ҷойи сенуқта муайянкунандаи мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Шоирони ...аш ӯро устод ва султони шоирон номидаанд.***

**A)** оянда
**B)** ҳамаср
**C)** гузашта
**D)** ҳамсафар

**641** **Ба ҷойи сенуқтаҳо муайянкунандаҳои мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Қалби ...у ...е доштааст.*** Ф. Муҳаммадиев

**A)** беғаш, наҷиб
**B)** калон, беғам
**C)** васеъ, аҷиб
**D)** азим, беғубор

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**642 Ба ҷойи нуқтаҳо муайянкунандаи мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Муҳаммадмурод паҳлавон аст, паҳлавони ... аст.*** Ф. Муҳаммадиев

**A)** тоза

**B)** хуб

**C)** мувофиқ

**D)** аълосифат

**643 Ба ҷойи сенуқта пуркунандаи мувофиқ гузоред:**

***Аммо онҳо ин ...ро чоп накарданд.*** С. Айнӣ

**A)** андеша

**B)** гуфтор

**C)** асар

**D)** сухан

**644 Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта пуркунандаи мувофиқро гузоред:**

***Офтоби тобистон ... оташвор метафсонд.*** Ф. Ниёзӣ

**A)** обро

**B)** заминро

**C)** деҳқонро

**D)** дарахтро

**645 Ба ҷойи сенуқта пуркунандаи мувофиқ гузоред:**

***Ман сабаби тағйири либосашро ... пурсидам.*** С. Айнӣ

**A)** аз ӯ

**B)** ба ӯ

**C)** дар вай

**D)** барои вай

**646 Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Онҳо ба ҳамин тарз ... ба истгоҳи автобус расиданд.*** П. Толис

**A)** тасдиқкунон

**B)** гуфтугӯкунон

**C)** ғиҷирросзанон

**D)** муроҷиаткунон

**647 Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Абдушукурхоҷа истеҳзокорона ва ... пурсид.*** С. Айнӣ

**A)** бехаёлона

**B)** хоболудона

**C)** ҷонсипорона

**D)** хандаомезона

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**648** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Болу пар барорам ҳам, ... ба хонаи ҳама даромада наметавонам.***

А. Самад

**A)** нохост

**B)** якбора

**C)** ногаҳон

**D)** бемалол

**649** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**

***Ҳар ду ... дар ҳаққи вай дуо карда дастҳоро бар рӯ кашиданд.*** С. Айнӣ

**A)** бехаёлона

**B)** хушҳолона

**C)** назарногирона

**D)** ҳавобаландона

**650** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амалро гузоред:**

***Абуалӣ ... роҳ рафта, ба ҷойи аввалаи худ омада нишаст ва дастнависро як сӯ гузошт.*** С. Улуғзода

**A)** андаке

**B)** панҷ дақиқа

**C)** дар рӯйи ҳавлӣ

**D)** андешамандона

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**651** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амалро гузоред:**

***Мардум ... баромадани рӯзномаро интизорӣ мекашиданд.*** С. Улуғзода

**A)** бесаброна

**B)** аз ҳад зиёд

**C)** дар мактаб

**D)** ҳар моҳ

**652** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли мувофиқро гузоред:**

***Ман воқеаи мактабхонии худро дар "Мактаби куҳна" ном асари худ ... зикр кардаам.*** С. Айнӣ

**A)** якбора

**B)** дарҳол

**C)** батафсил

**D)** бениҳоят

**653** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**
***Азима ... нафас кашида ба гап даромад.*** Аз “Чароғи Ирфон”
**A)** дилгирона
**B)** хурсандона
**C)** базӯр-базӯр
**D)** хотирҷамъона

**654** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**
***Дилёб ... боз ба ҷояш мешинад.*** А. Самад
**A)** хиҷолатманд
**B)** мустаманд
**C)** хирадманд
**D)** орзуманд

**655** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**
**A)** - Э, афсус! Одами калон шуда рафта буд-а? С. Турсун
**B)** Тифл мондам аз ту, модар, рӯйи ту дар ёд нест, ... М. Турсунзода
**C)** Ватанам, диёрам, ёру дӯстони ба ҷон баробарам – ҳамаи инҳо ба назари ман гӯё дар сурати ту намоён мешуданд. С. Шоҳонӣ
**D)** Ҳатман, зимистони имсола чандон хунук намешавад. С Айнӣ

**656** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**
**A)** Манат пурсам агар, ту менапурсӣ,
Ки, эй ширини ширинкор, чунӣ?... Ҷалолиддини Балхӣ
**B)** Соҳибамак, аз афти кор, сахт ранҷид. Пӯлод Толис
**C)** Онҳо, зану шавҳар, Софияро духтар хонданд. Ҷалол Икромӣ
**D)** - Хуб, гуфтам ман. - Худам медонам, ки ба кӣ гуфтан даркор, ба кӣ нагуфтан. Садриддин Айнӣ

**657** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**
**A)** - Рост, - гуфт бо оҳанги таассуф. С. Турсун
**B)** Бай- бай, хайрият, ки ҳақиқат ошкор шуд! С. Улуғзода
**C)** Ҷаъфар гуфт:
- Он чиро, ки ман мебинам, ту низ мебинӣ ё на?
**D)** Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамонастӣ, ҳамон... М. Турсунзода

**658** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**
**A)** -Бачам, ман дигар қишлоқ рафта наметавонам... К. Мирзо
**B)** Хуб, агар ҳар кадомашонро ба як пуштаи ҷудогона баранд-чӣ? С. Айнӣ
**C)** -Ана ин ба ман маъқул! – хурсандона фарёд зад Комил. П. Толис
**D)** Хулоса, аз айвони равони монафъи казоие набуд. П.Толис

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**659** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** Аммо, умуман, ӯ лақаби “тароша”-ро беҳуда нагирифта буд. П. Толис
**B)** -Бале, медонем, вазорати ту аз падару бобо ба ту мерос монда. С. Айнӣ
**C)** -Ҳа, Садриддин, туро кофта омадам, хайрият, ки ёфтам... К. Мирзо
**D)** -Куҷо мебаред маро? – гуфта пурсидам дар охир. П. Толис

**660** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** Дар ҳақиқат ҳам, Шокирҷон ба қавли худ вафо кард. С.Улуғзода
**B)** Чунон ки мегӯянд, дар кӯҳҳо алафзор бисёр аст. Ф. Ниёзӣ
**C)** Дареғо, бехабар аз хеш бозигаре мешудааст? М. Солеҳ
**D)** Гап бисёр, Шодмон, ту вайро нотавон ҳисоб накун. К. Мирзо

**661** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** Не, намемонам. Мо бегона нестем. Э. Субҳон
**B)** Намондед, ки ака Сафар, андак бихобам. С. Айнӣ
**C)** Рост, домулло сахт нотоб, - гуфтанд устод Турсунзода. У. Раҷаб
**D)** Ҳайфо, ки аз тарси хароб шудани чашм ин “шукуфазор”-ро бо серӣ тамошо кардан мумкин набуд. С. Айнӣ

**662** **Дар кадом ҷумла мухотаб истифода шудааст?**

**A)** Ҳайфо, ки ба дам задан маҷол надошт. С. Айнӣ
**B)** Эй кошкӣ, ба олам то чашм кор мекард, ... А. Лоҳутӣ
**C)** -Хуб, чаро рӯзона наёмадӣ? – Ятим пурсид. С. Айнӣ
**D)** Шоиро, аз сӯхтан дорӣ хабар,
Пас, макун аз оташи сӯзон ҳазар. М. Турсунзода

**663** **Калимаи *хола* дар ҷумлаи зер чӣ шуда омадааст?**
***-Хола, ба шумо чӣ шуд! -гуфт Шодӣ.*** Ҷалол Икромӣ

**A)** мухотаб
**B)** баёния
**C)** аъзои истисноӣ
**D)** калимаи туфайлӣ

**664** **Муайян намоед, ки кадом ҷумла мухотаб дорад.**

**A)** -Хайр, канӣ худат гӯй.
**B)** Осмон, ситораҳо зебо метофтанд.
**C)** Шумо, Қосимака, ҳеҷ парво накунед.
**D)** Соҳибамак, аз афти кор, сахт ранҷид.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**665** **Калимаи *Баҳор* дар ҷумлаи зер чӣ шуда омадааст?**

***Баҳор, маро бубухш!*** Ҳ. Карим

**A)** баёния
**B)** мухотаб
**C)** аъзои истисноӣ
**D)** калимаи туфайлӣ

**666** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***..., ки офтоби хуррами баҳор лутфу эҳсони худро аз сари мардум гум намекунад.*** Ҷ. Икромӣ

**A)** Хайрият
**B)** Албатта
**C)** Бешубҳа
**D)** Хушбахтона

**667** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Юнусбой, ..., одами дилсоф аст, кор кардан мехоҳад.*** С. Улуғзода

**A)** хайрият
**B)** одатан
**C)** бешубҳа
**D)** аҷаб не

**668** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***..., онҳо хушовоз ва хушхон буданд.*** С. Айнӣ

**A)** Хайрият
**B)** Эҳтимол
**C)** Ҳақиқатан ҳам
**D)** Аз рӯйи одат

**669** **Ба ҷойи сенуқта аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Шумо ҳозир ҳам, ..., ҳамон одамед.*** С. Турсун

**A)** ҳатман
**B)** хайрият
**C)** албатта
**D)** аҷоибот

**670** **Ба ҷойи сенуқта аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Кас кори бадашро фаромӯш накунад, ..., хуб аст.*** С. Турсун

**A)** ҳатман
**B)** ба хаёлам
**C)** хушбахтона
**D)** аз рӯйи одат

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**671** **Ба ҷойи сенуқта аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Соҳибамак, ..., сахт ранҷид.*** П. Толис

**A)** ҳатман
**B)** аз афти кор
**C)** хушбахтона
**D)** аз рӯйи одат

**672** **Ба ҷойи сенуқта аъзои туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., Зебӣ пас аз муддати дароз бозгашт.*** С. Улуғзода

**A)** хушбахтона
**B)** мутаасифона
**C)** афсӯс
**D)** сонияи

**673** **Ба ҷойи сенуқта калимаи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., ин бозӣ ба ман хеле хуш меомад.*** С. Айнӣ

**A)** Ростӣ
**B)** Ниҳоят
**C)** Аз ду сар
**D)** Ҳамин тариқ

**674** **Ба ҷойи сенуқта ибораи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., мактаб аз ҳавлиамон он қадар дур набуд.*** Ҳ. Карим

**A)** ба ҳар ҳол
**B)** ба бахти мо
**C)** ба шунидам
**D)** ҳамин тариқ

**675** **Ба ҷойи нуқтаҳо ибораи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., оби кӯл то соли 1914 зиёд шудан гирифт, вале дар худи ҳамон сол об аз таги баландии Усой роҳ кушода, оҳиста-оҳиста роҳи худро васеъ карда, зиёдтар ҷорӣ шуд...***

**A)** ба назарам
**B)** ба фикрам
**C)** кӯтоҳи гап
**D)** дар ҳақиқат

**676** **Ба ҷойи сенуқта калимаи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., Дохунда кори намоёне кард.*** С. Айнӣ

**A)** дарвоқеъ
**B)** сонияи
**C)** ниҳоят
**D)** расман

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**677** **Ба ҷойи сенуқта калима ё ибораи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., бо ҷанҷоли пулғундорӣ рӯз чоштгоҳ шуд ва мактабдор ҳам:***
***– Хезетон, чойхӯрак! – гуфт.*** С. Айнӣ

**A)** афсӯс ки

**B)** асосан

**C)** хулоса

**D)** хайрият

**678** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Юнусбой, ..., одами дилсоф аст.*** С. Улуғзода

**A)** бешубҳа

**B)** аниқтараш

**C)** кутоҳи гап

**D)** ҳамин тариқ

**679** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**

***Тӯтапошо ҳар гоҳ ба хонааш меомад, ... , аз ману Мухтор хабар мегирифт.*** С. Айнӣ

**A)** аҷаб не

**B)** эҳтимол

**C)** албатта

**D)** дарвоқеъ

**680** **Ба ҷойи сенуқта калимаи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., барои он ки гӯям, нагӯям фоида надошт.*** С. Турсун

**A)** дареғ

**B)** асосан

**C)** зинҳор

**D)** аввалан

**681** **Ба ҷойи сенуқта калимаи туфайлии мувофиқро гузоред:**

***..., ки ман инро дер фаҳмидам.*** С. Турсун

**A)** афсӯс

**B)** яқинан

**C)** одатан

**D)** асосан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**682** **Кадом аъзои ҷумла чида шудааст?**

***Дар тахти чойҷӯш хасу хошокҳои тару нам бо дуди ғафсу тунд месӯхтанд.*** Р. Ҷалил

**A)** ҳол

**B)** хабар

**C)** пуркунанда

**D)** муайянкунанда

**683** **Дар ҷумлаи додашуда кадом аъзои он чида шудааст?**

***Карнаю сурнай, дойраву думбаки истиқболгирандагон, доду фарёди шодиомези атрофиён чунон баланд буд... .*** Ф. Муҳаммадиев

**A)** пуркунанда

**B)** мубтадо

**C)** хабар

**D)** ҳол

**684** **Дар ҷумлаи додашуда кадом аъзои он чида шуда омадааст?**

***Вай дар бораи ақибмондагии Муҳаббат, дар бораи камбудиҳои ӯ гапе намезад.*** Ҷ. Икромӣ

**A)** муайянкунанда

**B)** пуркунанда

**C)** мубтадо

**D)** ҳол

**685** **Дар ҷумлаи додашуда кадом аъзои он чида шуда омадааст?**

***Дидагиам ва фикру андешаҳоямро вақт-вақт ба модарам, падарам ва бародарам нақл мекардам.*** С. Улуғзода

**A)** ҳол

**B)** хабар

**C)** мубтадо

**D)** пуркунанда

**686** **Дар ҷумлаи додашуда кадом аъзои он чида шуда омадааст?**

***Модарам коғаз, давот ва найқаламашро овард.*** С. Улуғзода

**A)** пуркунанда

**B)** мубтадо

**C)** хабар

**D)** ҳол

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**687** **Нутқи айнан нақлшударо пурра кунед:**

***Абулқосими Фирдавсӣ "... " – гуфтааст.***

**A)** Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо

**B)** Бани одам аъзои якдигаранд

**C)** Тавоно бувад ҳар ки доно бувад

**D)** Дониш андар дил чароғи равшан аст

**688** **Нутқи айнан нақлшударо пурра кунед:**

***Саъдии Шерозӣ "... " – гуфтааст.***

**A)** Тавоно бувад ҳар ки доно бувад

**B)** Бани одам аъзои якдигаранд

**C)** Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо

**D)** Дарахти дӯстӣ биншон ...

**689** **Нутқи айнан нақлшударо пурра кунед:**

***Ҳофизи Шерозӣ "... " – гуфтааст.***

**A)** Бани одам аъзои якдигаранд

**B)** Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад

**C)** Дӯстиро ҷустуҷӯ дорем мо

**D)** Дарахти дӯстӣ биншон ...

**690** **Дар кадом сатр нутқи айнан нақлшуда дуруст навишта шудааст?**

**A)** Бузургон гуфтаанд: -дарахт дар як ҷой месабзад.

**B)** Бузургон гуфтаанд: "-дарахт дар як ҷой месабзад".

**C)** Бузургон "Дарахт дар як ҷой месабзад", – гуфтаанд.

**D)** Бузургон гуфтаанд, ки "Дарахт дар як ҷой месабзад".

**691** **Дар кадом сатр нутқи айнан нақлшуда дуруст навишта шудааст?**

**A)** Бузургон гуфтаанд, ки фарзанди бад доғи падар аст.

**B)** Бузургон гуфтаанд: "- фарзанди бад доғи падар аст."

**C)** "Фарзанди бад доғи падар аст", – гуфтаанд бузургон.

**D)** Бузургон гуфтаанд, ки "Фарзанди бад доғи падар аст."

ДАР РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**692** **Ба ҷойи сенуқта мисраи дурустро гузоред, ки нутқи айнан нақлшуда ҳосил шавад:**

***Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ “ ... ”- гуфтааст.***

**A)** Дониш андар дил чароғи равшан аст

**B)** Ба дониш дили пир барно бувад

**C)** Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон

**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз

**693** **Ба ҷойи сенуқта мисраи дурустро гузоред, ки нутқи айнан нақлшуда ҳосил шавад:**

***Низомии Ганҷавӣ “ ... ”- гуфтааст.***

**A)** Дониш андар дил чароғи равшан аст

**B)** Ба дониш дили пир барно бувад

**C)** Ба дониш шод гардӣ аз дилу ҷон

**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз

**694** **Навъи ҷумларо муайян кунед:**

***Дида мебинад, дил мехоҳад.*** Зарбулмасал

**A)** ҷумлаи содаи яктаркиба

**B)** ҷумлаи содаи дутаркиба

**C)** ҷумлаи мураккаби пайваст

**D)** ҷумлаи мураккаби тобеъ

**695** **Навъи ҷумларо муайян кунед:**

***Хок бихӯру об нигоҳ дор!*** Зарбулмасал

**A)** ҷумлаи мураккаби пайваст

**B)** ҷумлаи мураккаби тобеъ

**C)** ҷумлаи содаи дутаркиба

**D)** ҷумлаи содаи яктаркиба

**696** **Навъи ҷумларо муайян кунед:**

***Ангура хӯру боғаша напурс!*** Зарбулмасал

**A)** ҷумлаи содаи чидааъзо

**B)** ҷумлаи содаи яктаркиба

**C)** ҷумлаи содаи дутаркиба

**D)** ҷумлаи мураккаби пайваст

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**697** **Навъи ҷумларо муайян намоед:**

***Умуман вай аз деҳа дур шуду ҳаёташ нооором гашт.*** К. Мирзо

**A)** мураккаби тобеъ

**B)** мураккаби пайваст

**C)** содаи яктаркиба

**D)** содаи дутаркиба

**698** **Навъи ҷумларо муайян намоед:**

***Чанбари рул миёни панҷаҳои духтар печ мехӯрду мошин пеш медавид.*** К. Мирзо

**A)** содаи дутаркиба

**B)** содаи яктаркиба

**C)** мураккаби тобеъ

**D)** мураккаби пайваст

**699** **Навъи ҷумларо муайян намоед:**

***Рӯз бегоҳ мешуд, нурҳои офтоб болои қуллаҳои баланди кӯҳро зиннат медоданд.*** К. Мирзо

**A)** содаи яктаркиба

**B)** содаи дутаркиба

**C)** мураккаби пайваст

**D)** мураккаби тобеъ

**700** **Ҷумлаи мураккаброро пурра намоед:**

***"Духтарак аз он ҷиҳат ба ташвиш афтод, ки ..."*** Аз "Садои Шарқ"

**A)** гиря баъзан ба кӯдак фоида дорад.

**B)** дар рӯзномаҳо гоҳо менавиштанд.

**C)** имрӯз дар пеши мактаб дидааст.

**D)** офтоб кайҳо нишастааст.

**701** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

***"Ҳар кас ки бештар кор кунад, ... "*** С. Айнӣ

**A)** ӯ бехи худро меканад.

**B)** вай бой додагӣ ҳисоб мёбад

**C)** ҳаргиз ӯ ба неъмату ноз нарасад

**D)** ҳамон қадар ҳам бештар музд мегирад

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**702** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

"***Вай сухани худро шоирона сар кардаӣ буд, аммо ...***" Р. Ҷалил

**A)** ҳисси ифтихори раис боло гирифт

**B)** ягон калимаи зебо ба ёдаш намеомад.

**C)** дарду аламаш тоқатфарсо буд

**D)** падарам онҳоро ҳақиқат мепиндошт

**703** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

"***Оби зулоли чашма ширгарм буд ва ...***" Ф. Ниёзӣ

**A)** ӯ мушташро газида бесадо мегирист

**B)** чодар аз тути шаҳдбор пур мешуд.

**C)** рӯйи он буғи тунук нарм-нарм печ мезад

**D)** ман аз дунболи онҳо равон шудам

**704** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

"***Худи акаам ба ин овозаҳо он қадар бовар намекард, аммо ...***"

**A)** мардум ҳам дар вақташ ба корашон мераванд

**B)** худи шумо дар ин кор таҷриба андӯхтед

**C)** онҳо аз ин суҳбат баҳра бардоштанд

**D)** падарам онҳоро ҳақиқат мепиндошт

**705** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

"***Шамол торафт шиддат мекард ва ...***"

**A)** ман кайҳо боз хабар доштам

**B)** ба абри боронӣ шабоҳат дошт

**C)** рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд

**D)** ҷавонмард аз ин мижа ҳам намезад

**706** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

"***Дар ҳамин асно як такони сахте ба китфам расид ва ...***"

**A)** ба гапи мо касе эътибор надод

**B)** ман даҳаннокӣ ба замин афтидам

**C)** садои якчанд одамон баланд гардид

**D)** дар уфуқи дури ҷониби қибла рӯшноие намоён шуд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**707** **Ҷумлаи мураккабро пурра намоед:**

**“*Чароғи хона хомӯш шуда буд, аммо ...*”**

**A)** ба вай ҷавоби саҳеҳ надоданд

**B)** аз дарун овози зан ба гӯш мерасид.

**C)** дар чеҳраи ӯ аломати ғалаба набуд

**D)** тамоми ҳозирон ҳақиқати ҳолро фаҳмида буданд

**708** **Ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян намоед:**

**A)** Мардум парешон шудан гирифтанд. Ф. Ниёзӣ

**B)** Ниҳоят овози пурмеҳри падар ба гӯшаш омад. К. Мирзо

**C)** Ҳар кас бо донотар аз худ баҳс кунад , нодон аст. С. Шерозӣ

**D)** Ӯ, ба ҳамин тариқ, ба як орзӯи дерини худ ноил гашт. Р. Ҳошим

**709** **Ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян намоед:**

**A)** Китоберо, ки ба шумо ваъда карда будам, фиристодам. Ҳ. Карим

**B)** Акнун ғами рӯзғор, ғами зиндагӣ ба сари вай афтод. Ф. Ниёзӣ

**C)** Дастмояи бузург ақлу адаб аст, на аслу насаб. Ҳусайн Воизи Кошифӣ

**D)** Мӯяш ба сафедӣ заду вай ба ҳамаи ин одат накард. К. Мирзо

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**710** **Ҷумлаи мураккаби тобеъро муайян намоед:**

**A)** Об меояд, даштҳо, заминҳои хушк обод хоҳанд шуд. Ҷ. Икромӣ

**B)** Бачаҳои бисёре дар таги он дар даву тоз буданд. К. Мирзо

**C)** Бисёр вақт аз баққолу аз нонвой қарздор шуда мемонданд. Ф. Ниёзӣ

**D)** Намедонист, ки ҳоло барои чӣ ба ин ҷо омадааст. Ҷ. Икромӣ

**711** **Намуди ҷумлаи пайравро муайян намоед:**

***То ин ки тифл хонаду соҳибҳунар шавад,***

***Устоди меҳрубони ӯ хуни ҷигар шавад.***

**A)** ҷумлаи пайрави натиҷа

**B)** ҷумлаи пайрави шарт

**C)** ҷумлаи пайрави макон

**D)** ҷумлаи пайрави замон

**712** **Намуди ҷумлаи пайравро муайян намоед:**

***То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,***
***Кас набуд аз рози дониш бениёз.*** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**A)** ҷумлаи пайрави шарт

**B)** ҷумлаи пайрави замон

**C)** ҷумлаи пайрави макон

**D)** ҷумлаи пайрави сабаб

**713** **Хели ҷумлаи пайравро муайян кунед:**

***Ҳар кас ки меҳнати хуб кард, дили дӯстон марғуб кард.*** Ф. Ниёзӣ

**A)** ҷумлаи пайрави ҳол

**B)** ҷумлаи пайрави хабар

**C)** ҷумлаи пайрави мубтадо

**D)** ҷумлаи пайрави пуркунанда

**714** **Хели ҷумлаи пайравро муайян кунед:**

***Ҳар ки меҳмонро киромӣ мекунад, кӯшише дар некномӣ мекунад.***

**A)** ҷумлаи пайрави муайянкунанда

**B)** ҷумлаи пайрави пуркунанда

**C)** ҷумлаи пайрави мубтадо

**D)** ҷумлаи пайрави хабар

**715** **Хели ҷумлаи пайравро муайян кунед:**

***Аз оҳанги хонишаш маълум мешуд, ки ӯ маъниҳои бештарини он байтҳоро он қадар дуруст намедонад.*** С. Айнӣ

**A)** ҷумлаи пайрави хабар

**B)** ҷумлаи пайрави мубтадо

**C)** ҷумлаи пайрави пуркунанда

**D)** ҷумлаи пайрави муайянкунанда

**716** **Ҷумларо аз рӯйи маъно ва талаботи грамматикӣ пурра кунед:**

***Дар дунё бахтиёр он касе аст, ки ... .*** С. Айнӣ

**A)** соҳиби илм ва дониш бошад.

**B)** бояд ба мардум некӣ кунад.

**C)** хонда ва навишта метавониста бошад.

**D)** ба варзиш машғул мешудааст.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**717** **Байти зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кадом маъниро бозгӯ мекунад?**
***Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,***
***Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.***

**A)** Маънои аслии зиндагӣ накуӣ кардан аст.
**B)** Боарзиштарин дороии мо вақту фурсати мост.
**C)** Ҳодисаҳоро аз худ дур кун, то таҷриба омӯзӣ.
**D)** Беҳтарин муаллими мо худи зиндагист.

**718** **Байти зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кадом маъниро бозгӯ мекунад?**
***Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,***
***Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.***

**A)** Дар зиндагӣ таҷрибаомӯз бош.
**B)** Ҷаҳонро ба чашми хирад бингар.
**C)** Таҷрибаи рӯзгор беҳтарин омӯзгор аст.
**D)** Ҳаводисро аз сар гузарон, то таҷриба омӯзӣ.

**719** **Байти зерини Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ кадом маъниро бозгӯ мекунад?**
***Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,***
***То тавонӣ рӯй бар ин ганҷ неҳ.***

**A)** Бе кӯшишу талош ганҷ ба даст намеояд.
**B)** Касе, ки ганҷ дорад, соҳиби фарҳанг аст.
**C)** Рӯй овардан ба таърихи миллат зарур аст.
**D)** Фарҳанг арзишмандтар аз ҳама ганҷҳост.

**720** **Яке аз унвонҳои Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.**

**A)** Шайхурраис
**B)** Маликушшуаро
**C)** Одамушшуаро
**D)** Ҳакимулҳукамо

**721** **Кадом панду ҳикмат аз Абуабдуллоҳи Рӯдакист?**

**A)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ ба кас роҳатрасонист.
**B)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
**C)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.
**D)** Ба корафтода коромӯз мебош,
Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**722** **Кадом сухан аз Абулқосими Фирдавсист?**

**A)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

**B)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

**C)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ ба кас роҳатрасонист.

**D)** Ба корафтода кoромӯз мебош,
Ба ҳар дилсӯхта дилсӯз мебош.

**723** **Кадом сухан аз Абулқосими Фирдавсист?**

**A)** Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

**B)** Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Зи гуфтору кирдор беҳтар бувад.

**C)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ ба кас роҳатрасонист.

**D)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

**724** **Кадоме аз ин адибон гуфтааст:**
***Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,***
***Ки тухми суханро парокандаам.*?**

**A)** Носири Хусрав

**B)** Абуалӣ ибни Сино

**C)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**725** **Кадоме аз ин адибон дар бораи Абулқосими Фирдавсӣ роман навиштааст?**

**A)** Садриддин Айнӣ

**B)** Сотим Улуғзода

**C)** Ҷалол Икромӣ

**D)** Раҳим Ҷалил

**726** **Кадом асар яке аз беҳтарин шоҳкорҳои адабию ҳамосии дунё шинохта шудааст?**

**A)** “Наврӯзнома”-и Умари Хайём

**B)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав

**C)** “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**D)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**727 Кадом асар дар бораи таърихи гузашта, қаҳрамонии паҳлавонони ватандӯст, адолату хирадмандии вазирону роҳбарони пешинаи халқи тоҷик нақл мекунад?**

**A)** “Саодатнома”-и Носири Хусрав
**B)** “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино
**C)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ
**D)** “Синдбоднома”-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**728 Ба номи кадом асар сифати *“безавол”*-ро илова мекунанд?**

**A)** “Сафарнома”-и Носири Хусрав
**B)** “Наврӯзнома”-и Умари Хайём
**C)** “Шоҳнома”-и Абулқосими Фирдавсӣ
**D)** “Донишнома”-и Абуалӣ ибни Сино

**729 Кадом сухан дар бораи Абуалӣ ибни Сино дуруст аст?**

**A)** шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Баҳористон”
**B)** шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Саодатнома”
**C)** шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Гулистон”
**D)** шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Донишнома”

**730 Давраи ҷавонии кадом адиб ба солҳои охири ҳукмронии Сомониён рост меояд?**

**A)** Абуалӣ ибни Сино
**B)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**C)** Умари Хайём
**D)** Носири Хусрав

**731 Кадом шоир “Маликушшуаро”-и дарбори Ғазнавиён буд?**

**A)** Абулқосими Фирдавсӣ
**B)** Фаррухии Систонӣ
**C)** Унсурии Балхӣ
**D)** Носири Хусрав

**732 Унвони фахрии Абуалӣ ибни Сино.**

**A)** Шайхурраис
**B)** Шайхулуламо
**C)** Маликушшуаро
**D)** Ҳакимулҳукамо

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**733 Унвони фахрии Носири Хусрав.**

**A)** Шайхурраис
**B)** Маликушшуаро
**C)** Мафхари Эрон
**D)** Ҳуҷҷати Хуросон

**734 Кадом сухан дар бораи Носири Хусрав дуруст аст?**

**A)** шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Донишнома”
**B)** шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Гулистон”
**C)** шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Саодатнома”
**D)** шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Баҳористон”

**735 Кадом панду ҳикмат аз Низомии Ганҷавист?**

**A)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.
**B)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
**C)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ ба кас роҳатрасонист.
**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**736 Мавзуи асосии “Маснавии маънавӣ”-и Ҷалолиддини Балхӣ кадом аст?**

**A)** гиромидошти забони модарӣ ва арзишҳои миллӣ
**B)** нахӯрдани ғами ин ҷаҳон ва хуш гузаронидани умр
**C)** ишқи Ватан, қаҳрамонӣ ва ҷоннисорӣ дар роҳи Ватан
**D)** ишқу муҳаббат, худшиносӣ ва ваҳдату ягонагии инсонҳо

**737 Кадом панду ҳикмат аз Ҷалолиддини Балхист?**

**A)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.
**B)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.
**C)** Кори мардон равшанию гармӣ аст,
Кори дунон ҳилаю бешармӣ аст.
**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

**738** **Кадом панду ҳикмат аз Ҷалолиддини Балхист?**

**A)** Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.

**B)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

**C)** Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

**739** **Кадом панду ҳикмат аз Ҷалолиддини Балхист?**

**A)** Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

**B)** Хоб бедорист, чун бодониш аст,
Войи бедоре, ки бо нодон нишаст.

**C)** Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ нагардад ба шустан сапед.

**D)** Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.

**740** **Асари Убайди Зоконӣ, ки дар шакли луғат навишта шудааст.**

**A)** "Даҳ фасл"

**B)** "Муш ва гурба"

**C)** "Ахлоқ-ул-ашроф"

**D)** "Рисолаи дилкушо"

**741** **Дар байт Убайди Зоконӣ ба кадом асараш ишора намудааст?**

***Бихонам аз бароят достоне,***
***Ки дар маънои он ҳайрон бимонӣ!***

**A)** "Даҳ фасл"

**B)** "Муш ва гурба"

**C)** "Рисолаи дилкушо"

**D)** "Ахлоқ-ул-ашроф"

**742** **Кадом адиб аз вазъияти зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**

***Нест дар дастам кунун аз хушку тар,***
***З-он чи вақте дар каноре омадӣ.***
***Ғайри ман дар хонаам чизе намонд,***
***Ҳам намондӣ гар ба коре омадӣ.***

**A)** Носири Хусрав

**B)** Низомии Ганҷавӣ

**C)** Убайди Зоконӣ

**D)** Саъдии Шерозӣ

ДАР САМОНАИ www.ntc.tj РОЙГОН!

**743** **Кадом адиб аз вазъияти зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**

***Дар хонаи ман зи неку бад чизе нест,***
***Ҷуз лунгию пораи намад чизе нест.***
***Аз ҳар чӣ пазанд, нест ғайр аз савдо,***
***В-аз ҳар чӣ хуранд, ҷуз лагад чизе нест.***

**A)** Носири Хусрав

**B)** Низомии Ганҷавӣ

**C)** Убайди Зоконӣ

**D)** Саъдии Шерозӣ

**744** **Кадом адиб аз вазъияти зиндагиаш чунин шикоят кардааст?**

***Мардум ба айшу шодию ман дар балои қарз,***
***Ҳар як ба кору борею ман мубталои қарз.***
***Фарзи Худову қарзи халоиқ ба гарданам,***
***Оё адои фарз кунам ё адои қарз?***

**A)** Носири Хусрав

**B)** Низомии Ганҷавӣ

**C)** Убайди Зоконӣ

**D)** Саъдии Шерозӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**745** **Кадом сухан дар бораи Убайди Зоконӣ дуруст аст?**

**A)** бузургтарин муаллими ахлоқ

**B)** бузургтарин устоди ҳамосасаро

**C)** бузургтарин шоири ғазалсаро

**D)** бузургтарин адиби ҳаҷвнигор

**746** **Кадом сухан дар бораи Ҳофизи Шерозӣ дуруст аст?**

**A)** бузургтарин муаллими ахлоқ

**B)** бузургтарин устоди ҳамосасаро

**C)** бузургтарин шоири ғазалсаро

**D)** бузургтарин адиби ҳаҷвнигор

**747** **Кадом сухан дар бораи Саъдии Шерозӣ дуруст аст?**

**A)** шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Донишнома”

**B)** шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Гулистон”

**C)** шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Саодатнома”

**D)** шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Баҳористон”

**748** **Кадом сухан дар бораи Абдурраҳмони Ҷомист?**

A) абулахлоқ, паёмбари ғазал, муаллифи “Гулистон”

B) шоир, ҳаким ва сӯфии бузург, муаллифи “Ҳадиқа”

C) шоир, нависанда ва олими барҷаста, муаллифи “Ҳафт авранг”

D) нависанда ва адабиётшиноси маъруф, муаллифи “Лубоб-ул-албоб”

**749** **Кадом сухан дар бораи Абдурраҳмони Ҷомист?**

A) шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Донишнома”

B) шоир, олим ва мутафаккир, муаллифи асари “Саодатнома”

C) шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Баҳористон”

D) шоир, нависанда ва мутафаккир, муаллифи асари “Гулистон”

**750** **Кадом сухан дар бораи Абдурраҳмони Ҷомист?**

A) нависанда ва адабиётшиноси маъруф, муаллифи “Лубоб-ул-албоб”

B) шоир, нависанда ва олими барҷаста, муаллифи “Ҳафт авранг”

C) шоир, ҳаким ва сӯфии бузург, муаллифи “Ҳадиқа”

D) абулахлоқ, паёмбари ғазал, муаллифи “Гулистон”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**751** **Аҳмади Дониш дар ҳикояи “Шабе дар Петербург” диққати хонандаро ба кадом масъалаи муҳим ҷалб кардааст?**

A) пешрафти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ

B) омӯхтани илмҳои табиатшиносӣ

C) омӯхтан ва донистани забони русӣ

D) масъалаҳои идораи давлат

**752** **Садриддин Айнӣ дар “Ёддоштҳо” дар боби “Одами аҷиб” симои кадом адибро муфассал тасвир намудааст?**

A) Аҳмади Дониш

B) Абдулвоҳиди Мунзим

C) Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат

D) Шарифҷонмахдуми Садри Зиё

**753** **Кадом асари Садриддин Айнӣ дар худшиносии миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои тоҷикон саҳми бузург дорад?**

**A)** “Марши ҳуррият”

**B)** “Ахгари инқилоб”

**C)** “Намунаи адабиёти тоҷик”

**D)** “Таърихи амирони манғитияи Бухоро”

**754** **Кадом асари Садриддин Айнӣ ба мавзуи муборизаи халқи тоҷик бар зидди истилогарони араб бахшида шудааст?**

**A)** “Хари бедум”

**B)** “Деви ҳафтсар”

**C)** “Аҳмади девбанд”

**D)** “Исёни Муқаннаъ”

**755** **Асари Садриддин Айнӣ, ки воқеаҳои он асосан дар зодгоҳи нависанда – ноҳияи Ғиждувони Бухоро мегузаранд.**

**A)** “Одина”

**B)** “Дохунда”

**C)** “Ғуломон”

**D)** “Марги судхӯр”

**756** **Асари Садриддин Айнӣ, ки нахуст бо номи “Саргузашти як тоҷики камбағал” чоп шудааст.**

**A)** “Марги судхӯр”

**B)** “Ғуломон”

**C)** “Одина”

**D)** “Дохунда”

**757** **Мавзуи силсилаи шеърҳои “Қиссаи Ҳиндустон”-и Мирзо Турсунзода:**

**A)** робитаи дӯстонаи халқҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва Ҳиндустон

**B)** сулҳу дӯстӣ ва озодию истиқлоли халқи ҳинду

**C)** ҳуқуқи занон ва хислати модари ҳинду

**D)** ишқу муҳаббати занони ҳинду

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**758** **Вобаста ба ҷумлаи зерин кадом хулоса дуруст аст?**
***Мавзуи сулҳ, дӯстии халқҳо, бародарӣ, ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат ва аҳду паймон дар осори Мирзо Турсунзода мавқеи хоса дорад.***

**A)** Мирзо Турсунзода адиби забардаст аст.
**B)** Мирзо Турсунзода вассофи сулҳу дӯстӣ аст.
**C)** Мирзо Турсунзода дар адабиёти тоҷик мавқеи баланд дорад.
**D)** Мирзо Турсунзода бо андешаҳои ватандӯстона дар ҷаҳон шуҳрат дорад.

**759** **Асари Сотим Улуғзода, ки дар бораи муборизаи адолатхоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик (Бухорои Шарқӣ) дар муқобили зулми амирони манғитӣ ва гумоштагони онҳо навишта шудааст.**

**A)** “Восеъ”
**B)** “Навобод”
**C)** “Ривояти суғдӣ”
**D)** “Ёрони боҳиммат”

**760** **Кадоме аз ин адибон дар бораи Абулқосими Фирдавсӣ роман навиштааст?**

**A)** Садриддин Айнӣ
**B)** Сотим Улуғзода
**C)** Ҷалол Икромӣ
**D)** Раҳим Ҷалил

**761** **Порчаи шеърӣ аз кадом асари Муъмин Қаноат аст?**
***Суханро вазну тамкини замин бояд,***
***Суханро қудрати ҷонофарин бояд,***
***Дили сарбозу мисли ту камин бояд ...***

**A)** “Гаҳвораи Сино”
**B)** “Мавҷҳои Днепр”
**C)** “Суруши Сталинград”
**D)** “Тоҷикистон – исми ман”

**762** **Бозор Собир дар байти зерин киро дар назар дорад?**
***Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ***
***Чун ба иқлими Ватан бисёр одат карда буд.***

**A)** Боқӣ Раҳимзода
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Абулқосим Лоҳутӣ
**D)** Садриддин Айнӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**763** **Порчаи шеърӣ аз кадом асари Муъмин Қаноат аст?**

*Маро гаҳвора мегӯянд,*
*Чун гаҳвораи заррин.*
*Вале ман модари бечораам, хокам,*
*Агар тифле ба рӯям по ниҳад, шодам,*
*Агар марде фитад аз пой, ғамнокам...*

**A)** "Гаҳвораи Сино"

**B)** "Мавҷҳои Днепр"

**C)** "Суруши Сталинград"

**D)** "Тоҷикистон – исми ман"

**764** **Асарҳои Сотим Улуғзода:**

**A)** "Палатаи кунҷакӣ", "Варта", "Дар он дунё"

**B)** "Ман гунаҳкорам", "Духтари оташ", "Тирмор"

**C)** "Фирдавсӣ", "Ёрони боҳиммат", "Субҳи ҷавонии мо"

**D)** "Баъд аз сари падар", "Паррончакҳо", "Гардиши девбод"

**765** **Асарҳои Фазлиддин Муҳаммадиев:**

**A)** "Ман гунаҳкорам", "Духтари оташ", "Тирмор"

**B)** "Палатаи кунҷакӣ", "Варта", "Сози мунаввар"

**C)** "Фирдавсӣ", "Ёрони боҳиммат", "Субҳи ҷавонии мо"

**D)** "Баъд аз сари падар", "Паррончакҳо", "Гардиши девбод"

**766** **Шеърҳои Лоиқ Шералӣ:**

**A)** "Корези Фирдавсӣ", "Ба модарам", "Ном"

**B)** "Муаллим", "Халқи бузургворам", "Чашмасор"

**C)** "Хӯша ва деҳқон", "Баҳори нав", "Ба фарзандам"

**D)** "Мо толиби сулҳем", "Шаҳри азизам", "Ҳурмати мӯйи сафедаш"

**767** **Шеърҳои Муҳиддин Аминзода:**

**A)** "Корези Фирдавсӣ", "Ба модарам", "Ном"

**B)** "Муаллим", "Халқи бузургворам", "Чашмасор"

**C)** "Хӯша ва деҳқон", "Баҳори нав", "Ба фарзандам"

**D)** "Мо толиби сулҳем", "Шаҳри азизам", "Ҳурмати мӯйи сафедаш"

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**768** **Шеърҳои Боқӣ Раҳимзода:**

**A)** “Корези Фирдавсӣ”, “Ба модарам”, “Ном”

**B)** “Муаллим”, “Халқи бузургворам”, “Чашмасор”

**C)** “Хӯша ва деҳқон”, “Баҳори нав”, “Ба фарзандам”

**D)** “Мо толиби сулҳем”, “Шаҳри азизам”, “Ҳурмати мӯйи сафедаш”

**769** **Асарҳои Муъмин Қаноат:**

**A)** “Амир Исмоил”, “Дақиқӣ”

**B)** “Фирдавсӣ”, “Ёрони боҳиммат”

**C)** “Иншо дар мавзӯи озод”, “Гузашти айём”

**D)** “Гаҳвораи Сино”, “Тоҷикистон – исми ман”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БАРОИ МУАЙЯН КАРДАНИ МУВОФИҚАТ

### ФОНЕТИКА ВА ҲОДИСАҲОИ ФОНЕТИКӢ. ИМЛО. ЛЕКСИКА. ФРАЗЕОЛОГИЯ

**1** **Ҷуфти бечаранги ҳамсадоҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** б | **1)** к |
| **B)** в | **2)** п |
| **C)** г | **3)** ф |
| **D)** з | **4)** т |
| | **5)** с |

**2** **Ҷуфти бечаранги ҳамсадоҳоро муайян кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** д | **1)** ч |
| **B)** ҷ | **2)** ҳ |
| **C)** ж | **3)** х |
| **D)** ғ | **4)** т |
| | **5)** ш |

**3** **Мувофиқати шарҳ ва калимаҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** зарбу лат, асоси замони ҳозираи феъл | **1)** хур |
| **B)** шакли ҳандасии шашрӯяе, ки ҳар як тарафаш бо ҳам баробар аст | **2)** хӯр |
| **C)** истеъмол намудан, асоси замони ҳозираи феъл | **3)** куб |
| **D)** муродифи калимаи офтоб | **4)** кӯб |
| | **5)** кӯй |

**4** **Мувофиқати шарҳ ва калимаҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** шахси паҳлавон ва далер | **1)** худ |
| **B)** чизи аз ресмон ё сим бофташуда | **2)** хӯд |
| **C)** кулоҳи ҷангии аз оҳан сохташуда | **3)** тур |
| **D)** иҷрокунандаи амал, ҷонишин | **4)** тӯр |
| | **5)** тӯл |

**5** **Мувофиқати шарҳ ва калимаҳоро муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** силоҳи ҷангӣ, исми модӣ | **1)** бур |
| **B)** давомнокӣ ва дарозӣ | **2)** бӯр |
| **C)** порчаи оҳаксанг, исми ҷинс | **3)** тӯл |
| **D)** шахси нодон ва бефаҳм, сифат | **4)** тӯп |
| | **5)** гӯл |

ДАР СОМОНАИ www.ntc.tj РОЙГОН!

**6** **Ба калимаҳои додашуда шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** азо
**B)** аъзо
**C)** зафар
**D)** заъфар

**1)** исми маънӣ: мотам, сӯг
**2)** исми маънӣ: сустӣ, нотавонӣ
**3)** исми маънӣ: ғалаба, пирӯзӣ, пирӯзмандӣ
**4)** исми маънӣ: узв ё ҳайати ягон созмон
**5)** исми моддӣ: гиёҳи хушбӯй, ки гулҳои зард дорад

**7** **Ба калимаҳои додашуда шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** аён
**B)** аъён
**C)** аммо
**D)** аъмо

**1)** сифат: нобино, кӯр
**2)** пайвандак: бо вуҷуди ин
**3)** исми маънӣ: замон даврон
**4)** исми маънӣ: ошкор, равшан
**5)** исми ҷамъ: бузургон, ашроф

**8** **Ба калимаҳои додашуда шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** маътал
**B)** матал
**C)** аъло
**D)** ало

**1)** калимаи нидо: эй!,ой!,ҳон!, ҳой!
**2)** сифати ашё: олидараҷа, баландсифат
**3)** исми маънӣ: интизор, мунтазир
**4)** исм: суханҳои қофиядор
**5)** исм: як навъи шеър

**9** **Мувофиқати шарҳ ва калимаҳоро муайян намоед:**

**A)** исми шахс, ҷондор
**B)** феъл: амал ва кори иҷрошуда
**C)** исми маънӣ: масофа, фосилаи зиёд
**D)** исм: ашёи қиматбаҳо, гавҳару марворид

**1)** дур
**2)** дур(р)
**3)** сур
**4)** духт
**5)** дӯхт

**10** **Ба калимаҳои додашуда шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** даво
**B)** даъво
**C)** дафъ
**D)** даф

**1)** исм: додхоҳӣ, талаб кардани ҳуқуқ ё адолат дар маҳкама
**2)** исм: асбоби мусиқӣ, доира
**3)** исм: дору, дармон, табобат
**4)** зарф: нобуд сохтан, рондан
**5)** зарф: якбора, ногаҳон, нохост

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**11** **Ба калимаҳои додашуда шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** даъвогар | **1)** кандан, кӯтоҳ кардан, тамом кардан |
| **B)** давогар | **2)** буридан ё ба порчаҳо ҷудо намудани чизи сахт |
| **C)** қатъ | **3)** исм: иддаокунанда, талабкунанда |
| **D)** қат | **4)** ҳаргиз, ҳеҷ, асло, тамоман |
| | **5)** исм: табиб, давокунанда |

**12** **Вазифаи ҳарфи *ӣ-ро* муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** фаҳмидӣ | **1)** пасванди исмсоз |
| **B)** шикорӣ | **2)** пасванди сифатсоз |
| **C)** оромӣ | **3)** пасванди шуморасоз |
| **D)** якумӣ | **4)** бандаки феълӣ |
| | **5)** овози таркиби калима |

**13** **Вазифаи ҳарфи *ӣ-ро* муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** бибӣ | **1)** бандаки хабарӣ |
| **B)** гулдӯзӣ | **2)** бандаки феълӣ |
| **C)** шинохтӣ | **3)** пасванди исмсоз |
| **D)** фаҳмидаӣ | **4)** пасванди зарфсоз |
| | **5)** овози таркиби калима |

**14** **Вазифаи ҳарфи *ӣ-ро* муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** ҷорӣ | **1)** бандаки феълӣ |
| **B)** рӯзӣ | **2)** бандаки хабарӣ |
| **C)** гузаштӣ | **3)** пасванди исмсоз |
| **D)** истодаӣ | **4)** пасванди сифатсоз |
| | **5)** овози таркиби калима |

**15** **Вазифаи ҳарфи *ӣ-ро* муайян намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** сабзӣ | **1)** пасванди шуморасоз |
| **B)** ҳавлӣ | **2)** пасванди сифатсоз |
| **C)** дастӣ | **3)** пасванди зарфсоз |
| **D)** пагоҳӣ | **4)** пасванди исмсоз |
| | **5)** овози таркиби калима |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**16** **Вазифаи ҳарфи *ӣ-ро* муайян намоед:**

A) киштӣ
B) бегоҳӣ
C) даҳумӣ
D) хунукӣ

1) пасванди исмсоз
2) пасванди зарфсоз
3) пасванди сифатсоз
4) пасванди шуморасоз
5) овози таркиби калима

**17** **Вазифаи ҳарфи *ӣ-ро* муайян намоед:**

A) чоштгоҳӣ
B) боғдорӣ
C) чорумӣ
D) аҳолӣ

1) пасванди сифатсоз
2) овози таркиби калима
3) пасванди шуморасоз
4) пасванди зарфсоз
5) пасванди исмсоз

**18** **Маънои маҷозии таркибҳоро муайян кунед:**

A) сухани сахт
B) нигоҳи сахт
C) одами сахт
D) сари сахт

1) песондан, назари норозиёна
2) бахти бад доштан, бебахтӣ
3) гапи беҳуда ва бемаънӣ
4) хасис ва мумсик будан
5) гапи дағал ва дурушт

**19** **Маънои маҷозии таркибҳоро муайян кунед:**

A) ҳавоӣ шудан
B) ҳавои даҳон
C) ҳаво додан
D) ҳавои кор

1) сухани хушку холӣ, лоф
2) кори нодурустро қувват додан
3) дар орзӯю ҳаваси чизе афтидан
4) ноустувор ва савдоӣ шудан
5) тарзи иҷрои корро донистан

**20** **Мувофиқати шарҳ ва калимаҳоро муайян намоед:**

A) як навъи ранг, аспи сухранг
B) ҷойе, ки оби зиёд ҷамъ мешавад
C) ҷамъи касе ё чизе, ҳама, тамом
D) қатъ намудан, ба пораҳо ҷудо кардан

1) кӯл
2) кул(л)
3) бур(р)
4) бӯр
5) гӯл

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**21** **Ба калимаҳои додашуда шарҳи мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** давоӣ
**B)** даъвоӣ
**C)** қатъӣ
**D)** қатӣ

**1)** иддао ва талаби чизе кардан
**2)** Сифат; охирон, буридашуда
**3)** чизе, ки сифати доруӣ дорад
**4)** афсӯс хӯрдан, шикоят кардан
**5)** пасоянд; ҳамроҳи, бо

**22** **Мувофиқати шарҳ ва калимаҳоро муайян намоед:**

**A)** чизи лундашакле, ки бо он бозӣ мекунанд, исми моддӣ
**B)** ашёи кӯчак, майда, сифати аслӣ
**C)** кулоҳи ҷангии аз оҳан сохташуда
**D)** асоси замони гузаштаи феъл

**1)** худ
**2)** хӯд
**3)** гӯй
**4)** хурд
**5)** хӯрд

**23** **Таркибҳои ҷуфтро мувофиқ намоед:**

**A)** шакку
**B)** дӯғу
**C)** шукуҳу
**D)** ҳурмату

**1)** шаҳомат
**2)** эҳтиром
**3)** эътибор
**4)** пӯписа
**5)** шубҳа

**24** **Таркибҳои ҷуфтро мувофиқ намоед:**

**A)** ҷидду
**B)** сӯзу
**C)** дашту
**D)** ҳавою

**1)** гудоз
**2)** ҷаҳд
**3)** ҳавас
**4)** бадал
**5)** даман

**25** **Ҷуфтҳои зидмаъноро мувофиқ намоед:**

**A)** ҳақшинос
**B)** неруманд
**C)** хайрхоҳ
**D)** садоқат

**1)** заиф
**2)** бахил
**3)** хиёнат
**4)** нолоиқ
**5)** носипос

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**26** **Ҷуфтҳои зидмаъноро мувофиқ намоед:**

**A)** ибтидо
**B)** хайру
**C)** шебу
**D)** адл

**1)** зулм
**2)** фароз
**3)** интиҳо
**4)** инсоф
**5)** шар(р)

**27** **Падидаҳои овозиро дар калимаҳо муайян намоед:**

**A)** анбӯҳ
**B)** кист
**C)** баландқомат
**D)** сохтумон

**1)** ихтисоршавӣ
**2)** ҷойивазкунӣ
**3)** монандшавӣ
**4)** афзудани овозҳо
**5)** афтидани овозҳо

**28** **Ҳаммаъноҳои калимаҳои ишорашударо муайян намоед:**

**A)** Аз ҳаё магзар, ки дар номусгоҳи эътибор,
Шарм мардонро **виқор** асту занонро зевар аст.
Абдулқодири Бедил

**B)** Дар чеҳраи духтар аз пурсиши ӯ табассуми **малеҳ**е ҳувайдо гашта, ба аломати инкор сар ҷунбонд. Аз "Садои Шарқ"

**C)** Фаровон сухан гуфт зебову нағз,
Ҷавонро зи дониш **тиҳӣ** буд мағз.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Ҷандал шодикунон назди шоҳ рафт ва ӯро **ситоиш**, худро муаррифӣ ва мақсадашро баён кард. С. Улуғзода

**1)** ширин, дилкаш
**2)** холӣ, урён
**3)** мадҳ, тавсиф, таъриф
**4)** тамкин, савлат
**5)** нозук, маънидор

**29** **Ҳаммаънои калимаҳои ишорашударо муайян намоед:**

**A)** Падар абру чин намуд, норизо сар такон дод, ба сояи тан ба **мазаммат**и ӯ пардохт. Аз "Садои Шарқ"

**B)** Сиёҳгӯшро гуфтанд: "Туро **мулозимат**и шер ба чӣ кор ояд ва ба чӣ сабаб ихтиёр афтод? ".
Саъдии Шерозӣ

**C)** Баъди якчанд ҳафта аз район ба ҳавлии Шарофатхола як технику панҷ-шаш нафар гилкорону **наҷҷор**он омаданд. А. Атобоев

**D)** Ва агар дӯстӣ изҳор кунанд, ҳам ба **нифоқ** бувад.
Аҳмади Дониш

**1)** дуредгар, чӯбтарош
**2)** накуҳиш, сарзаниш
**3)** дурӯягӣ, макр
**4)** дурӣ, ҷудоӣ
**5)** хизматгузор, ҳамроҳ

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**30** **Ҳаммаънои калимаҳои ишорашударо муайян намоед:**

**A)** Аммо мисле ки **накҳат**и харбуза ӯро ба худ кашида бошад, бозгашт ва ба назди Сафо омада, салом доду бо лаҳни ширин пурсид.
Аз “Садои Шарқ”

**B)** Чун ба сарҳади Яман расиданд, дидбонҳои сарҳад **пайке**ро ба назди Сарвшоҳ давонида, ба вай аз омадани шоҳзодагони эронӣ огоҳӣ доданд. Сотим Улуғзода

**C)** Мабин он **беҳамият**ро, ки ҳаргиз,
Нахоҳад дид рӯйи некбахтӣ. Саъдии Шерозӣ

**D)** Бузургӣ саросар ба гуфтор нест,
Дусад гуфта чун ним **кирдор** нест.
Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** рафтор, амал
**2)** беномус, беғайрат
**3)** суханчин, хабаркаш
**4)** бӯйи гуворо, хушбӯйӣ
**5)** қосид, хабаррасон

**31** **Ҳаммаънои калимаҳои ишорашударо ёбед:**

**A)** Бар дӯстии дӯстон **эътимод** нест, то ба тамаллуқи душманон чӣ расад.
Саъдии Шерозӣ

**B)** **Рой**и равшан зи бузургони куҳансол талаб,
Обҳо соф дар айёми хазон мегардад.
Аз “Дурдонаҳои наср”

**C)** **Таматтуъ** зи ҳар гӯшае ёфтам,
Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Нахостам зи **таманно** магар ки дастуре,
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**1)** андеша, тадбир, фикр
**2)** манфиат, фоида, баҳра
**3)** гузашт намудан, бахшидан
**4)** бовари, такя намудан
**5)** хоҳиш, орзу, умед

**32** **Ҳаммаъноҳои калимаҳои ишорашударо ёбед:**

**A)** Ту пок бошу мадор аз кас, эй бародар, бок,
Заненд ҷомаи нопок **гозурон** ба санг.
Аз “Наводир-ул-вақоеъ”

**B)** **Эътимод**аш буд аз рӯйи қиёс,
Хона натвон кард дар кӯи қиёс. Ҷалолиддини Румӣ

**C)** Бозургоне **фохир** бо моле вофир аз ҷониби Эрон меоянд. Аз “Равзат-ус-сафо”

**D)** Зи шуғли нола **фориғ** нестам, то зиндаам, Шоҳин,
Ки мебошад нафас дар синаам чун тори қонуне.
Шамсиддини Шоҳин

**1)** говзӯрон, пурқувватон
**2)** бовари, дилпурӣ
**3)** бошукӯҳ, муҳташам
**4)** шустагар, либосшӯй
**5)** озод, холӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**33** **Ҳаммаънои калимаҳои ишорашударо ёбед:**

**A)** Ҳар касе, ки ахлоқи **ҳамида**ро афзалтар медо-
над, бибоистӣ, ки беҳтарин кирдору рафторро
ҳадафи худ қарор диҳад. Абуалӣ ибни Сино

**B)** Ба пешкории ақли **шариф**у рои дуруст,
Тавон каманди тасарруф ба осмон афканд.
Аз “Дурдонаҳои наср”

**C)** Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда **ромиш** барад.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Дил саропардаи муҳаббати ӯст,
Дида ойинадори **талъат**и ӯст. Ҳофизи Шерозӣ

**1)** асил, наҷиб, пок, муборак

**2)** Нағма, суруд

**3)** Рӯй, чеҳра, намуд, симо

**4)** Писандида, нек, хуб, сутуда

**5)** зебо, нек, тарбиядида

**34** **Ҳаммаънои калимаи ишорашударо дар ҳар байт муайян намоед:**

**A)** Марҳабо, эй **пайк**и муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст.
Ҳофизи Шерозӣ

**B)** Шӯяд аз оби лутфу абри карам,
Аз **замир**аш ғубори ғуссаву ғам.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Бо рафиқон ба мурувват мебош,
Тухми исору **футувват** мепош.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**D)** Ба пирони **забун** кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ. Носири Хусрав

**1)** ҷавонмардӣ

**2)** қосид

**3)** нотавон

**4)** тавоно

**5)** дил

**35** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ҳаммаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ҳама **уммеду** ... раво шуд,
Тамоми норасоиҳо расо шуд... Лоиқ Шералӣ

**B)** Чун ман зи пайи **азоб**у ...-ам,
Роҳат ба кадом ишва санҷам? Низомии Ганҷавӣ

**C)** Хотираш **шод**у ...-у хурсанд,
Чун дили мардуми саодатманд. Мирзо Турсунзода

**D)** Ки Мозандарон - шаҳри мо ёд бод,
Ҳамеша **бар**у ...-аш обод бод. Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** ранҷ

**2)** бум

**3)** армон

**4)** ганҷ

**5)** хуррам

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**36** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ҳаммаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Зи бас **хайма**ву ...-и сурху зард,
Ҳаме чашми бинандаро хира кард.
Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** **Ҳамдам**у ...-и дарёҳо шавад,
Ҳамнасиби бешаву саҳро шавад, Лоиқ Шералӣ

**C)** Ҳеҷ дар дунё надорад рангу бӯятро чаман,
Аз ту дар **осоиш**у ... бувад ҷон дар бадан.
Мирзо Турсунзода

**D)** Маҷнун ҳама **дард**у ... дорад,
Лайлӣ чӣ баҳору боғ дорад? Низомии Ганҷавӣ

**1)** алам
**2)** роҳат
**3)** доғ
**4)** ҳамроз
**5)** хиргаҳ

**37** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ҳаммаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ки мо шоҳро ...-у **банда**ем,
Ҳамон божро гардан афкандаем.
Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** Ҳамеша сабзу хуррам домани ту,
Тароватбахши **боғ**у ...-и ту. Мирзо Турсунзода

**C)** Ман омӯхтам аз он **расм**у ... дилшиносиро,
Ба тору пуди одамҳо бипечидан, напечидан.
Лоиқ Шералӣ

**D)** Аз баргу наво ба **...**-у **бустон** ,
Бо баргу наво ҳазордастон. Низомии Ганҷавӣ

**1)** боғ
**2)** чокар
**3)** гулшан
**4)** гулзор
**5)** таомул

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**38** **Ҳаммаънохои калимаҳои ишорашударо муайян кунед:**

**A)** Аз ин сабаб дар гирифтани ӯ таъхир кард ва дар он дигар **таъҷил**. Саъдии Шерозӣ

**B)** Дар нигоҳаш аломати **таассуф** ва дармондагӣ мушоҳида мешуд. Сотим Улуғзода

**C)** Гар ӯ бифканад **фарру** номи падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Бо тахти оростаю дод дари шодию **ромиш** кушод. Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** шаън, шараф, шукуҳ
**2)** нағма, суруд
**3)** шитоб кардан, шитофтан
**4)** афсус, надомат, пушаймонӣ
**5)** хоҳиш, орзу, умед

**39** **Ҳаммаъноҳои калимаҳои ишорашударо муайян кунед:**

**A)** Мардумозореро ҳикоят кунанд, ки санге бар сари **солеҳ**е зад. Саъдии Шерозӣ

**B)** **Эътимод**аш буд аз рӯйи қиёс,
Хона натвон кард дар кӯи қиёс.
Ҷалолиддини Румӣ

**C)** Мо якбора **маъюс** шуда мондем.
Сотим Улуғзода

**D)** Ҳамоно **ғараз**и вай он буд, то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абуалӣ Синост.
Носири Хисрав

**1)** навмедшуда, руҳафтода, дилшикаста

**2)** ғурбат, дурӣ аз ватан

**3)** боварӣ, итминон

**4)** накукор, хайрандеш

**5)** қасд, мақсад, матлаб, мурод

**40** **Ҳаммаъноҳои калимаҳои ишорашударо муайян кунед:**

**A)** Аз ин сабаб дар гирифтани ӯ таъхир кард ва дар он дигар **таъҷил**. Саъдии Шерозӣ

**B)** Дар нигоҳаш аломати **таассуф** ва дармондагӣ мушоҳида мешуд. Сотим Улуғзода

**C)** Гар ӯ бифканад **фарру** номи падар,
Ту бегона хонаш, махонаш писар.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Бо тахти оростаю дод дари шодию **ромиш** кушод. Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** шаън, шараф, шукуҳ

**2)** нағма, суруд

**3)** шитоб кардан, шитофтан

**4)** афсус, надомат, пушаймонӣ

**5)** хоҳиш, орзу, умед

**41** **Ҳаммаъноҳои калимаҳои ишорашударо муайян кунед:**

**A)** Аз ин сабаб дар гирифтани ӯ **таъхир** кард ва дар он дигар таъҷил. Саъдии Шерозӣ

**B)** Баъди хомӯшии дурударози бағоят **ногувор**е, ки ба миён омад, меҳмонон бархоста хайрухуш карданд. Сотим Улуғзода

**C)** Овар бурун зи гӯшат ин пунбаҳои **ғафлат**,
Дар дарси нуктасанҷон дар ком каш забонро.
Махфӣ

**D)** Гови **густох** андар он хона биҷаст,
Мард барҷасту қавоимҳош баст.
Ҷалолиддини Балхӣ

**1)** бехабарӣ, бепарвоӣ, фаромӯшӣ

**2)** дер кардан, қафо мондан

**3)** бетакаллуф, бебок, далер, нотарс

**4)** шикастан, кандан, буридан

**5)** номуносиб, номувофиқ, нописанд



РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**42** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ҳаммаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ки **тунди**ву ... наёяд ба кор,
Ба нармӣ бароядзи сӯрох мор. Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** Чунон гарм гардид ...-у **дашт**,
Ту гуфтӣ, ки оташ бар ӯ баргузашт.
Абулқосими Фирдавсӣ

**C)** Аз тавозуъ бузургвор шавӣ,
В-аз такаббур ...-у **хор** шавӣ. Абулмаҷди Саноӣ

**D)** Рӯзу шаб посбону бедорам,
**Чуст**у ... тезу ҳушёрам. Мирзо Турсунзода

**1)** ҳомун
**2)** тезӣ
**3)** чолок
**4)** залил
**5)** зирак

**43** **Калимаҳои зидмаъноро муайян кунед:**

**A)** ҷамъ
**B)** осуда
**C)** фаровон
**D)** бедор

**1)** андак
**2)** хуфта
**3)** парешон
**4)** ноором
**5)** бисёр

**44** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Айб аст, ту **бедониш**у мардум ...,
Ҳайф аст, ту дар чодару дунё озод. Абулқосим Лоҳутӣ

**B)** Сад ҳазорон гули шукуфта дар ӯ,
Сабза ...у об **хуфта** дар ӯ. Низомии Ганҷавӣ

**C)** Ҳой мардум, **бехабар** намонеду ... бошед! Раҳим Ҷалил

**D)** Он шунидӣ, ки **лоғар**и доно,
Гуфт боре ба аблаҳи ... . Саъдии Шерозӣ

**1)** огоҳ
**2)** зирак
**3)** доно
**4)** бедор
**5)** фарбеҳ

**45** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё мисраъ зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** То кай ба ранги тифлмизоҷони рӯзгор,
Аз ... шод будану аз **кам** гиристан. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Ҳоли худ гуфтӣ, бигӯ **бисёр**у ..., ҳар чӣ ҳаст,
Бадриддини Ҳилолӣ

**C)** Нестам мисли падарҳои дигар,
Дар бари фарзандҳо ...у **саҳар**. Мирзо Турсунзода

**D)** Ҳаметохт андар ...у **нишеб**,
Ҳамезад ба гурзу ба теғу рикеб. Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** шом
**2)** беш
**3)** андак
**4)** баланд
**5)** фароз

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**46** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар ҷумла ва ё байт зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Гар **бадӣ** кард, чун ба ... хуфт?
Аз паси мурда бад набояд гуфт. Низомии Ганҷавӣ

**B)** Дар дили ӯ ҳиссиёти **андуҳ** ва ... дар ҷавлонанд.
Садриддин Айнӣ

**C)** Бар домани ҳаҷру васл баста,
**Бадбахти**ю ...иро. Анварии Абевардӣ

**D)** То бар сари ман чӣ ояд аз **беш**у ...,
Ту дар сари гаҳвора навидам додӣ. Лоиқ Шералӣ

**1)** камӣ
**2)** некӣ
**3)** шодӣ
**4)** оромӣ
**5)** некахтарӣ

**47** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ба **адл** некиву бо ... бад чаро ниҳад?
Ба сайъи фосиқу обид назар наяндозад.
Аҳмади Дониш

**B)** Кисаи **мазлум**ро холӣ макун,
Пояи ... ба он олӣ макун. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Як умр ту дар **азоб**у заҳмат,
Аз ранҷи ту дигарон ба ... . Абулқосим Лоҳутӣ

**D)** Шоҳ рафт аз саропарда бурун,
**Андуҳ**аш кам шуду ... фузун. Низомии Ганҷавӣ

**1)** золим
**2)** зулм
**3)** оғоз
**4)** нишот
**5)** роҳат

**48** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
**Зоҳир**у ... худ яксон кун. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Пеш аз ману ту **лайл**у ...е будаст,
Гарданда фалак бар сари коре будаст. Умари Хайём

**C)** Аз нигоҳи меҳрангези даҳои беназир,
Шод дар оғӯши пурҷӯшат чи ..., чи **пир.**
Мирзо Турсунзода

**D)** В-он ки пай дар сухан бурд,
Гар **бузург** аст, зуд гардад ... . Низомии Ганҷавӣ

**1)** хурд
**2)** наҳор
**3)** ботин
**4)** барно
**5)** кабир

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**49** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** <u>**Ботин**</u>у ... ушшоқ чу гул якранг аст,
Ҳар чӣ бошад ба дили мо, ба забон хоҳад буд.
Саййидои Насафӣ

**B)** Ё раб андар соғари даврон шароби <u>**васл**</u> нест,
Ё ба даври мо ҳама хуноби ... медиҳад.
Бадриддини Ҳилолӣ

**C)** Дар мақоме <u>**заҳр**</u>у дар ҷое ...,
Дар мақоме куфру дар ҷое раво. Ҷалолиддини Балхӣ

**D)** Пароканда шуд номи ӯ дар ҷаҳон,
Ба некӣ ба назди <u>**кеҳон**</u>у ... . Абулқосими Фирдавсӣ

1) ҳиҷрон
2) бадон
3) зоҳир
4) даво
5) меҳон

**50** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ҳамеша инчунин буду ҳамеша ҳамчунон бояд,
Муҳаббат дар фазои <u>**фарш**</u> шамъи ... афрӯзад
Гулрухсор Сафӣ

**B)** Ба <u>**некномӣ**</u> мурдан беҳ аз ба ... зистан. Зарбулмасал

**C)** Намо пайванд бо нахли ҳаётам,
... баргу <u>**бидеҳ**</u> хатти баротам. Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ

**D)** Сафи исторагонро ҷовидон дида:
Агар он ҷо ... бошад,
Яқин андар <u>**замин**</u> астам. Муъмин Қаноат

1) ситон
2) арш
3) само
4) хушномӣ
5) бадномӣ

**51** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Пурхобии ту ҷумла зи <u>**пурхори**</u>и туст,
Кам хор шавӣ, агар ту ... шавӣ. Ҷалолиддини Балхӣ

**B)** Баҳорон аст, шамъи лола андар бод месӯзад,
<u>**Замин**</u>ро сӯзани рангинкамон бо ... дӯзад.
Гулрухсор Сафӣ

**C)** Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
<u>**Зоҳиру**</u> ...-и худ яксон кун. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**D)** Манеҳ бар <u>**рӯшноӣ**</u> дил ба як бор,
Чароғ аз баҳри ... нигоҳ дор. Саъдии Шерозӣ

1) ботин
2) камхор
3) осмон
4) сиёҳӣ
5) торикӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj ройгон!

**52** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Шарафу қимату қадри ту ба фазлу ҳунар аст,
На ба дидору ба динору ба **суд**у ба ... .
Абулҳасани Фаррухӣ

**B)** Он кист, к-аз рӯйи карам бо мо вафодорӣ кунад,
Бар ҷойи **бадкорӣ** чу ман як дам ... кунад.
Ҳофизи Шерозӣ

**C)** Зиндагӣ дар шаҳраги мо метапад,
Талху ширин, ...у **зебо** метапад. Гулрухсор Сафӣ

**D)** Пас аз рафтани Рӯзбеҳ меҳтари аслии деҳа: – “Мубад шӯхӣ кард, дар як деҳ, ки ҳама **меҳтар** шаванд, пас кӣ ... мешавад?” гуфта буд .
Сотим Улуғзода

**1)** накукорӣ
**2)** зишт
**3)** зиён
**4)** беҳтар
**5)** кеҳтар

**53** **Ба ҷойи сенуқта зидмаънои калимаҳои ишорашударо гузоред:**

**A)** Эй маҳрами олами таҳайюр,
Олам зи ту ҳам **тиҳи**ю ҳам ... . Низомии Ганҷавӣ

**B)** То дар раҳи ... ба чӣ ойин равӣ, эй дил,
Боре ба ғалат сарф шуд айёми **шабобат.**
Ҳофизи Шерозӣ

**C)** Аҳволи ҷаҳони гузаранда гузарандаст,
**Сармо** зи паси ..., сарро паси зарро. Носири Хусрав

**D)** Ҳамон беҳ, ки **нодон** ба ... равад,
Ки аз донишаш кор боло равад. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** пирӣ
**2)** гармо
**3)** доно
**4)** пур
**5)** дур

**54** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Нагузашт он маҳу зор аст Ҳилолӣ ба раҳаш,
Ҳоли ... хароб аст, ки **шоҳ**е нагузашт.
Бадриддини Ҳилолӣ

**B)** Дар сари ҳарфи рақиб аз бари ман дурӣ кард,
**Ошно** бин, ки маро муфт ба ... фурӯхт. А. Лоҳутӣ

**C)** Кард бо ...он ёрӣ,
Бо **ситамгар**он ситамкорӣ. Низомии Ганҷавӣ

**D)** Хонае ҳафту ҳашт бо ӯ хеш,
Он ... буд, он дигар **дарвеш**. Низомии Ганҷавӣ

**1)** бегона
**2)** фақир
**3)** тавонгар
**4)** дарвеш
**5)** додпарвар

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**55** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаъноӣ калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Худ макун аз байъ тарозу гарон,
Варна **фузун** медиҳу ... меситон. Низомии Ганҷавӣ

**B)** Бувад маълуми ҳар **озод**у ... ,
Ки нодон мурдаву доност зинда. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Оҳи касон хурд набояд шумурд,
Оташи сӯзон чи **бузург**у чи ... . Хусрави Деҳлавӣ

**D)** Дардмандему хабар медиҳад аз сӯзи дарун,
Даҳани **хушк**у лаби ташнаву чашми ...и мо.
Камоли Хуҷандӣ

**1)** банда
**2)** хурд
**3)** кам
**4)** беш
**5)** тар

**56** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт зидмаъноӣ калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ҳар ҷо ки **ҳабиб**ест ба паҳлуш ...-ест,
Дар боғи ҷаҳон як гули бехор набошад.
Бадриддини Ҳилолӣ

**B)** Заҳмати худ бо табиби мудаӣ хоҳам намуд,
То бисозад чораи **дард**у ...-и дӯстро. Камоли Хуҷандӣ

**C)** Чу шамъ ба ханда-дар ҳамезист,
**Ширин** хандиду ... бигрист. Низомии Ганҷавӣ

**D)** **Падидор** аст адлу зулм ...,
Мухолиф андаку носеҳ фаровон. Қамарӣ

**1)** талх
**2)** бисёр
**3)** рақиб
**4)** даво
**5)** пинҳон

**57** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаъноӣ калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** То ранҷи **кеҳтарӣ** бар хештан наниҳӣ, ба осоиши ... нарасӣ. Аз “Қобуснома”

**B)** Шаҷари кӯтаҳе, ки **борвар** аст,
Беҳтар аз сад баланди ... аст. Мактабии Шерозӣ

**C)** Роҳ медиданду поён нопадид,
**Дард** медиданду ... нопадид. Фариддидуни Аттор

**D)** Хирадро асар дар дили **оқилон,**
Фузун бошад аз теғ бар ... . Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** дармон
**2)** меҳтарӣ
**3)** олимон
**4)** бесамар
**5)** ҷоҳилон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**58** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар байт ва ё ҷумла зидмаънои калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Тифли **оқил** зи пири ... беҳ. Мактабии Шерозӣ
**B)** Солҳо дар **баҳр**у ... мегаштаам,
Пой андар раҳ, ба сар мегаштаам. Фаридуддини Аттор
**C)** Макун дил хуш ба суди бегаронаш,
Ки сад **суд**аш наярзад як ...аш. Носири Хусрав
**D)** Файзи хур нест ба ҳар **шеб**у ...,
Баҳри нафъе ки ба вай гардад боз. Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** бар
**2)** зиён
**3)** фароз
**4)** коҳил
**5)** ҷоҳил

## Грамматика ва имло

## Морфология

**59** **Аз решаи калимаҳо бо пасвандҳои мувофиқ калимаи нав созед:**

**A)** хона
**B)** гузар
**C)** майса
**D)** баҳор

**1)** -зор
**2)** -сор
**3)** -дон
**4)** -гоҳ
**5)** -истон

**60** **Ба калимаҳо пасвандҳои мувофиқ гузоред:**

**A)** шарм
**B)** сафед
**C)** парӣ
**D)** пила

**1)** -гун
**2)** -вар
**3)** -фом
**4)** -сор
**5)** -ваш

**61** **Шумораи ҷамъи ин исмҳо бо кадом пасванд дуруст аст?**

**A)** коҳ
**B)** тӯтӣ
**C)** раванда
**D)** саҳаргоҳ

**1)** -ҳо
**2)** -он
**3)** -гон
**4)** -ён
**5)** -вон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**62** **Кадом ҳиссаи нутқ будани калимаро муайян кунед:**

***Офтоби пагоҳӣ ба сари сафедорҳои баланд шилшилаҳои заррин овехт.*** П. Толис

| | |
|---|---|
| **A)** ба | **1)** исм |
| **B)** офтоб | **2)** феъл |
| **C)** заррин | **3)** сифат |
| **D)** овехт | **4)** зарф |
| | **5)** пешоянд |

**63** **Кадом ҳиссаи нутқ будани калимаҳоро муайян кунед:**

***Ҳар бачае, ки тарбият дида бошад, бисёр баодоб мешавад.*** С. Айнӣ

| | |
|---|---|
| **A)** ҳар | **1)** зарф |
| **B)** тарбият | **2)** сифат |
| **C)** бисёр | **3)** исм |
| **D)** баодоб | **4)** пешоянд |
| | **5)** ҷонишин |

**64** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ҳоло ин “дев”-и сиёҳи пурҳайбат ҳам ... карда ва ғалоғула андохта ба болои мо меомад. С. Улуғзода | **1)** ҳиқ-ҳиқ |
| **B)** Ман аз тарси он ки акнун китобам аз дастам меравад, ... гиря сар кардам. С. Улуғзода | **2)** тақар-тақар |
| **C)** Аз дунбол садои ...и пойи асп баромад. С. Айнӣ | **3)** хишир-хишир |
| **D)** Оромии шаби торикро ғайр аз ...-и бедахоӣ ва гоҳе гуп-гупи пойкӯбии аспон чизе халалдор намекард. С. Улуғзода | **4)** фашш-фашш |
| | **5)** ғир-ғир |

**65** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Оҳиста дарро кӯфт, аз поён ... садо баромад. Ф. Ниёзӣ | **1)** ғурунг-ғурунг |
| **B)** Аз дунбол садои ...и пои асп баромад. С. Айнӣ | **2)** тақар-тақар |
| **C)** Аз дур садои ...е баланд шуд. Р. Ҷалил | **3)** ғир-ғир |
| **D)** Ҳама ... хандиданд. Р. Ҷалил | **4)** гулдуррос |
| | **5)** қоҳ-қоҳ |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**66** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

**A)** Аз дур ... садои пой шунида мешуд.
**B)** Аз тарафи бозори хиёбон ... овози доира меомад.
**C)** Зарраҳои вай ... ҷило медоданд.
**D)** Дар берун ҳанӯз ... борон меборид.

**1)** шитир-шитир
**2)** даранг-даранг
**3)** шалап-шалап
**4)** ялт-ялт
**5)** ғув-ғув

**67** **Ба ҷойи сенуқта калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

**A)** Ҳама ... механдиданд. Р. Ҷалил
**B)** Ҳар ду зонуи Латиф ... меларзид. Ф. Ниёзӣ
**C)** ...и чархи ароба аз кӯча ҳам шунида мешуд. С. Улуғзода
**D)** Додарам, ...ро бас кунед. Р. Ҷалил

**1)** ҷиринг-ҷиринг
**2)** дараг-дараг
**3)** ғарч-ғарч
**4)** ғир-ғир
**5)** қоҳ-қоҳ

**68** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқ гузоред:**

**A)** Овозҳои аз он ҷо баромада суст, паст ва як ...-и номаълум буд. С. Айнӣ
**B)** Як садои ...-и бисёр бадҳайбате Ёдгорро аз хобаш бедор кард. С. Айнӣ
**C)** Ин гапро шунида, ҳарду гӯши Сафар ... зад. Ф. Ниёзӣ
**D)** Вақте ки ман дарро накушодам, ... боз такрор шуд. Ҷ. Икромӣ

**1)** тақ-тақ
**2)** ҷарангос
**3)** гумбур-гумбур
**4)** пичир-пичир
**5)** шибир-шибир

**69** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** Овози ...-и мошин шунида шуд, ҳама баргашта нигоҳ карданд. Ҷ. Икромӣ
**B)** Вай ...-занон механдад. "Адабиёт ва санъат"
**C)** Аз тарафи сари бозори Хиёбон ... овози доира омадан гирифт. С. Айнӣ
**D)** Баҳузур, бехавотир ... карда мешинед. Ф. Муҳаммадиев

**1)** чақ-чақ
**2)** ҷиринг-ҷиринг
**3)** қоҳ-қоҳ
**4)** ғур-ғур
**5)** даранг-даранг

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**70** **Ба ҷойи сенуқта калимаи тақлидии мувофиқро гузоред:**

**A)** Ман то ба кай зи пушти ту тозам ...
П. Сулаймонӣ

**B)** Ароба ... карда роҳ мерафт. “Садои Шарқ”

**C)** Ин об акнун ... зада садо мебарорад. С. Айнӣ

**D)** Ҳезуми явшон ... зада месӯхт. С. Айнӣ

**1)** ғур-ғур

**2)** ғуррос

**3)** шилдиррос

**4)** тақатақ

**5)** тапар-тапар

**71** **Ба ҷойи сенуқта ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** На ... чашму гӯшу даҳон дорад, одамист,
Бас девро, ки сурати фарзанди Одам аст.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Онҳоро эҳтиёҷот бо ... “дӯст” гардондааст.
Аз “Китоби дарсӣ”

**C)** Ин ҳама бегонагӣ бо ошноён бас набуд,
К-ошнои ... кардӣ мардуми бегонаро.
Бадриддин Ҳилолӣ

**D)** Инҳо ... корро ба худ касб карда буданд.
Садриддин Айнӣ

**1)** хеш

**2)** ҳамин

**3)** онон

**4)** ҳар ки

**5)** ҳамдигар

**72** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** Мо, асирон ба ту ҳаргиз нанамудем вафо,
Ки ... лаҳза ба мо аз ту ҷафое нарасад.
Бадриддин Ҳилолӣ

**B)** Расид гуфтаи Ҷомӣ ба булбулони чаман,
Забони нутқ бибастанду ... гӯш шуданд.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Лекин ӯ ...-ашонро нашинохт.
Кароматуллоҳи Мирзо

**D)** Дунё хуш асту мол азиз асту тан шариф,
Лекин рафиқ бар ... чизе муқаддам аст.
Саъдии Шерозӣ

**1)** ҷумла

**2)** ҳар як

**3)** ҳамон

**4)** ҳеҷ кадом

**5)** ҳама

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**73** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** ... ба зердастон набахшояд, ба ҷаври забардастон гирифтор ояд. Саъдии Шерозӣ | **1)** ончунон |
| **B)** Надорам дареғ аз ғамат ... ,<br>Ки меҳмони нохонда бошад азиз.<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ | **2)** аз онӣ |
| **C)** Дари андеша бибастам, қалами ваҳм шикастам,<br>Ки ту зеботар ..., ки кунам васфу баёнат.<br>Саъдии Шерозӣ | **3)** ин қадар |
| **D)** Дил биёромад ба гуфтори савоб,<br>... , ки ташна оромад ба об. Ҷалолиддини Балхӣ | **4)** ҳеҷ чиз |
| | **5)** ҳар ки |

**74** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Партави некон нагирад, ... бунёдаш бад аст,<br>Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст.<br>Саъдии Шерозӣ | **1)** ҳар кас |
| **B)** Пеши девор ... гӯйӣ, ҳуш дор,<br>То набошад, дар паси девор гӯш. Саъдии Шерозӣ | **2)** ҳар кӣ |
| **C)** Дари ҳикмат кушода саъдиёна,<br>Сухан мегуфт ... шоирона. Мирзо Турсунзода | **3)** он чӣ |
| **D)** Ба худ банд дар хидмати ... камар,<br>Ба махдумӣ аз кас макаш дарди сар.<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ | **4)** худ |
| | **5)** ҳеҷ |

**75** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ҷустам илоҷи доғи дили ... зи Сайидо,<br>Гуфто: “Сабур бош, ки з-ин дард растанист”.<br>Саййидои Насафӣ | **1)** ҳар ки |
| **B)** Пушаймон нашуд, ... некӣ гузид,<br>Ки бад з-оби дониш наёрад мазид.<br>Абулқосими Фирдавсӣ | **2)** чунин |
| **C)** Гулро, ки бувад шаҳи раёҳин,<br>Шавкат ... аз синони хор аст.<br>Абдурраҳмони Мушфиқӣ | **3)** ҳеҷ |
| **D)** Лекин аз бемеҳрии чун ту ҷавон,<br>Низ аз захми ... неши забон. Собир Зикирзода | **4)** ҳама |
| | **5)** худ |

Дар сомонаи www.ntc.tj

**76** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Боз ҳамон моҳу ҳамон осмон,<br>Боз ... зинати Ҳиндустон. Мирзо Турсунзода | **1)** ҳеҷ |
| **B)** Сано гуфтам ба фарзанди ҷигарбанд,<br>Ба ... модари дорои фарзанд. Мирзо Турсунзода | **2)** ҳама |
| **C)** Саропо маҳв шав, то ҷумла огоҳӣ шавӣ, Бедил,<br>Ба қадри гумшуданҳо ... ин ҷо раҳнамо дорад.<br>Абдулқодири Бедил | **3)** ҳар кӣ |
| **D)** Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,<br>Кардам ... мушкилоти гетиро ҳал. Абуалӣ ибни Сино | **4)** ҳамон |
| | **5)** ҳар як |

**77** **Ба ҷойи сенуқтаҳо ҷонишинҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Набошад касе дар ҷаҳон пойдор,<br>... номи неку бувад ёдгор. Абулқосими Фирдавсӣ | **1)** ҳеҷ |
| **B)** ... неъмат беҳтар аз фарзанд нест,<br>Ҷуз ба ҷон фарзандро пайванд нест.<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ | **2)** ҳама |
| **C)** Ҷавонмардиву лутф аст одамият,<br>... нақши ҳаюлоӣ мапиндор! Саъдии Шерозӣ | **3)** ҳар |
| **D)** ... лаҳза аз ӯ ба гӯшаи танҳоӣ<br>Сад роҳате ҳасту ҳаргиз озоре нест!<br>Абдурраҳмони Ҷомӣ | **4)** баъзе |
| | **5)** ҳамин |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**78** **Зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро мувофиқ намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Баъд аз ин мо хеле вақт ... қадам задем. | **1)** ҳавобаландона |
| **B)** Вай ба ман гӯё ... назар мекард. | **2)** хомӯшона |
| **C)** -Не ку, хайр ку бигӯ, чӣ мехоҳӣ? - ... хандид Саидбек. | **3)** ҳайратзада |
| **D)** Аз паси панҷара бузҳои кӯҳӣ ... ба ҷунбуҷӯли одамон менигаранд. | **4)** моҳирона |
| | **5)** нописандона |

**79** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқ гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Вай фақат аз роҳҳои рости фарох ... қадам мезад. | **1)** зиракона |
| **B)** Занбӯрҳои асал ... аз гуле ба рӯйи гуле пар мезаданд. | **2)** гуфтугӯкунон |
| **C)** Онҳо ба ҳамин тарз ... ба истгоҳи автобус расиданд. | **3)** лавандона |
| **D)** Ришаш сап – сафед, аммо чашмонаш ... нигоҳ мекунанд. | **4)** виззосзанон |
| | **5)** сарбаландона |

**80** **Зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро мувофиқ намоед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Чашми дар хона будагон ... ба сӯйи дар дӯхта шуд. | **1)** кинояомез |
| **B)** Акаи Мансур муддате ... аз додараш чашм наканда хомӯш монд. | **2)** маънидор |
| **C)** Соҳиби хона зери лаб ...ришханд карду чизе нагуфт. | **3)** якбора |
| **D)** Идӣ ба Собирҷон ишоракунон ... гуфт. | **4)** бебокона |
| | **5)** андешамандона |

**81** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ман бибиамро ... ёд кардам. | **1)** дучанд |
| **B)** Одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд. | **2)** бисёр |
| **C)** Хонанда аз ҷавоби худ ... хурсанд буд. | **3)** ду-ду |
| **D)** Ҳавопаймо роҳи моро ... наздик гардонд. | **4)** як дараҷа |
| | **5)** бағоят |

**82** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои миқдору дараҷаи мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Имрӯз баъд аз нисфирӯзӣ ... борон ба боридан сар кард. | **1)** дучанд |
| **B)** Баъд аз маҷлис одамон ... ба ҳар тараф пароканда шуданд. | **2)** каме |
| **C)** ... монда буд, ки бо ӯ дастбагиребон шавам. | **3)** ду-ду |
| **D)** Мартабааш дар байни мардум ... баланд буд. | **4)** як дараҷа |
| | **5)** кам-кам |

**83** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Аммо сӯфӣ ... ба саволҳо ҷавобҳои сареҳ намедод. Р. Ҷалил | **1)** бекамукост |
| **B)** Ба таклифи маъмурон зуд амал карда, ... аз беморхона баромада рафтанд. С. Айнӣ | **2)** дақиқкорона |
| **C)** Дар бораи бахту иқболи духтараш ... шабҳоро рӯз карда буд. Ф. Ниёзӣ | **3)** фикркунон |
| **D)** Соро ... ба Шодӣ нигоҳ кард. С. Айнӣ | **4)** маккорона |
| | **5)** бечунучаро |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**84** **Ба ҷойи сенуқта зарфи мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** ... баъди борон тирукамон баромад. М. Турсунзода | **1)** хеле |
| **B)** Банда ... шодӣ мекардам. Ф. Муҳаммадиев | **2)** кӯдаквор |
| **C)** Ҳамон рӯз Қорӣ аз дарс омада, ... аз Махдум пурсид. С. Айнӣ | **3)** наздиктар |
| **D)** Савор ... рафта қарор гирифт. С. Улуғзода | **4)** хашмгинона |
| | **5)** дирӯз |

**85** **Ба ҷойи нуқтаҳо зарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед:**

| | |
|---|---|
| **A)** Баҳмут бо пойҳои кӯтоҳаш ... роҳ меравад. | **1)** лавандона |
| **B)** Дар алафзори васеъ сар диҳед, алафзорро ... мелесад. | **2)** моҳирона |
| **C)** Он ҳангоми ба об даромадан ... чобук мешавад. | **3)** сар то сар |
| **D)** Баҳмут ... шино карда, ҳатто чанд дақиқа дар қаъри об ғӯта мезанад. | **4)** хурсандона |
| | **5)** якбора |

**86** **Ба ҷойи сенуқта зарфҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** Ман ... шод будам. Сотим Улуғзода | **1)** ноилоҷ |
| **B)** ... дар ин ҷо кӣ ҷомашӯйӣ карда буд? – гӯён фарёд кард. Садриддин Айнӣ | **2)** имрӯз |
| **C)** Медонӣ, лекин ... худро ба нодонӣ мезанӣ! Садриддин Айнӣ | **3)** оҳиста |
| **D)** Эй сорбон, ... рон, к-ороми ҷонам меравад. Саъдии Шерозӣ | **4)** беҳад |
| | **5)** қасдан |

**87** **Ба ҷойи сенуқта ҳиссачаҳои мувофиқро гузоред:**

| | |
|---|---|
| **A)** ... ба модарат гӯй, аммо ба дигар кас нафаҳмон. П. Толис | **1)** Кошки |
| **B)** ..., ин бе муболиға гапи рост аст, рафиқ Рустамов. Ф. Ниёзӣ | **2)** Оё |
| **C)** ... ин гул, бачаам, “Анбаргул” ном дорад. Р. Ҷалил | **3)** Ана |
| **D)** ... аз пагоҳ сар карда ба кор даромада метавонем? Р. Ҷалил | **4)** Танҳо |
| | **5)** Оре |

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**88** **Дар ҷумлаҳои зерин ба ҷойи нуқтаҳо нидоҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** ..., галабон беадабӣ карда бошад ҳам, шумо гузашт кунед, Мирзо. С. Улуғзода
**B)** ..., хайрият, ки ҳақиқат ошкор шуд. С. Улуғзода
**C)** ..., Восеъ! Ин чӣ масхарагӣ аст, ки ин мардум мекунанд?! – бонг зад Ҳоҷӣ Яъқуб. С. Улуғзода
**D)** ...! Шакар ба даҳонат! Доди суханварӣ додӣ! С. Улуғзода

**1)** Ҳой
**2)** Хайр
**3)** Аҳсант
**4)** Вой-вой
**5)** Бай-бай

**89** **Ба ҷойи сенуқта нидои мувофиқро гузоред:**

**A)** ..., мани сиёҳбахт акнун чӣ кор мекунам? С. Айнӣ
**B)** ..., инро гир, имшаб ба боло ҳамин бихоб! С. Айнӣ
**C)** ..., соат ҳам қариб даҳ шудааст-ку? Ф. Ниёзӣ
**D)** ..., ман дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл! "Пиесаҳо..."

**1)** Ма
**2)** Вой
**3)** Эҳе
**4)** Тавба
**5)** Афсӯс

**90** **Ба ҷойи сенуқта нидои мувофиқро интихоб намоед:**

**A)** ..., шакар ба даҳонатон, ёфтед. Ф. Ниёзӣ
**B)** "..., мулло Азимшоҳ-ку" – гуфта аз ҷояш ҷаста хест. С. Айнӣ
**C)** ..., ки гӯш накард, ана оқибат ба худаш ҷабр шуд. Ф. Ниёзӣ
**D)** ..., имрӯз ҳам дар хонаи мо об нест. "Хорпуштак"

**1)** Э
**2)** Ҳой-ҳой
**3)** Ҳа, баракалло
**4)** Сабил монад
**5)** Афсӯс

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

## СИНТАКСИС

**91** **Ибора созед:**

**A)** чеҳра
**B)** шамъ
**C)** булбул
**D)** парвона

**1)** гӯё
**2)** бекас
**3)** кушод
**4)** парсӯхта
**5)** дилафрӯз

**92** **Ибора созед:**

**A)** хавотиркашона
**B)** як моҳ пас
**C)** дар баҳор
**D)** озодона

**1)** шукуфтан
**2)** нигаристан
**3)** пазируфтан
**4)** қадам задан
**5)** хабар гирифтан

**93** **Ибора созед:**

**A)** симо
**B)** он ҳама
**C)** мисли шер
**D)** се рӯз боз

**1)** рафтан
**2)** бузург
**3)** суханҳо
**4)** надидан
**5)** далерона

**94** **Аз калимаҳои зерин ибора созед:**

**A)** савганд
**B)** суҳбат
**C)** чашм
**D)** даст

**1)** дӯхтан
**2)** пазондан
**3)** ёд кардан
**4)** оростан
**5)** ёфтан

**95** **Аз калимаҳои зерин ибора созед:**

**A)** дил
**B)** чашм
**C)** димоғ
**D)** ғам

**1)** сӯхтан
**2)** хӯрдан
**3)** пухтан
**4)** бурдан
**5)** дӯхтан

**96** **Бо кадом навъи алоқа таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** барф барин сафед
**B)** ба тамошо рафтан
**C)** дарахти бодом
**D)** барвақт хестан

**1)** изофӣ
**2)** ҳамроҳӣ
**3)** фразеологӣ
**4)** вобастагии пешояндӣ
**5)** вобастагии пасояндӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**97** **Бо кадом навъи алоқа таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** баланд паридан
**B)** ҳаракати оромона
**C)** муҳаббат ба Ватан
**D)** шиша барин шафоф

**1)** изофӣ
**2)** ҳамроҳӣ
**3)** фразеологӣ
**4)** вобастагии пасояндӣ
**5)** вобастагии пешояндӣ

**98** **Бо кадом навъи алоқа таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** мушкилиро ҳал намудан
**B)** зарраҳои реги рахшон
**C)** ба Ватан бозгаштан
**D)** оҳиста нигаристан

**1)** вобастагии пасояндӣ
**2)** вобастагии пешояндӣ
**3)** ҳамроҳӣ
**4)** изофӣ
**5)** фразеологӣ

**99** **Аз калимаҳои зерин ибораҳои изофӣ созед:**

**A)** анъана
**B)** маъно
**C)** нафъ
**D)** рафъ

**1)** мушкилот
**2)** маҳфил
**3)** бисёр
**4)** сухан
**5)** нек

**100** **Аз калимаҳои зерин ибораҳои изофӣ созед:**

**A)** мӯйҳо
**B)** осмон
**C)** садо
**D)** ҷӯй

**1)** беғубор
**2)** шабгун
**3)** пуроб
**4)** шаршара
**5)** лолагун

**101** **Аз калимаҳои додашуда ибораи изофӣ созед:**

**A)** дунё
**B)** парда
**C)** мавзеъ
**D)** дарё

**1)** дилписанд
**2)** пуртуғён
**3)** нозук
**4)** дилошӯб
**5)** равшан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**102** **Аз калимаҳои додашуда ибораи изофӣ созед:**

**A)** синни
**B)** садди
**C)** кулли
**D)** қадди

**1)** роҳ
**2)** расо
**3)** мардум
**4)** калонсол
**5)** томактабӣ

**103** **Аз калимаҳои додашуда ибораи изофӣ созед:**

**A)** меҳмон
**B)** чеҳра
**C)** дӯст
**D)** умр

**1)** бардавом
**2)** нохонда
**3)** даҳонӣ
**4)** забонӣ
**5)** кушода

**104** **Хелҳои ибораро муайян намоед:**

**A)** баҳори дилфиреб
**B)** панҷуми онҳо
**C)** он ҳама гапҳо
**D)** аз гул нозук

**1)** ҷонишинӣ
**2)** шуморагӣ
**3)** сифатӣ
**4)** зарфӣ
**5)** исмӣ

**105** **Хелҳои ибораро муайян намоед:**

**A)** ҳар кадоме аз онҳо
**B)** ниҳоят далерона
**C)** хандон гап задан
**D)** аз бачагӣ шӯх

**1)** исмӣ
**2)** зарфӣ
**3)** сифатӣ
**4)** ҷонишинӣ
**5)** феъли ҳолӣ

**106** **Сохтори ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** барвақт омадан
**B)** обҳои шаффоф
**C)** тозон рафтан
**D)** ҳар кадоми мо

**1)** исм + сифат
**2)** исм + зарф
**3)** зарф + масдар
**4)** ҷонишин + ҷонишин
**5)** феъли ҳол + масдар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**107** **Сохтори ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** панҷуми онҳо
**B)** тамошои шаҳр
**C)** даште дуртар
**D)** минбаъд омӯхтан

**1)** исм + исм
**2)** исм + сифат
**3)** зарф + феъл
**4)** исм + ҷонишин
**5)** шумора + ҷонишин

**108** **Сохтори ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** андак хӯрдагирона
**B)** нишаста хондан
**C)** ноилоҷ омадан
**D)** ин ҳама достонҳо

**1)** зарф + масдар
**2)** зарф + зарф
**3)** феъли ҳол + масдар
**4)** сифат + сифат
**5)** ҷонишин + исм

**109** **Мувофиқати ибораҳоро вобаста ба сохторашон муайян намоед:**

**A)** зарфи булӯрин
**B)** муддати хондан
**C)** басо ҷасурона
**D)** дуи мо

**1)** зарф + зарф
**2)** исм + сифат
**3)** исм + масдар
**4)** исм+ ҷонишин
**5)** шумора + ҷонишин

**110** **Мувофиқати ибораҳоро вобаста ба сохторашон муайян намоед:**

**A)** шумои пир
**B)** хеле оромона
**C)** сафеди сафед
**D)** одами омадагӣ

**1)** зарф + зарф
**2)** сифат + сифат
**3)** зарф + сифат
**4)** ҷонишин + сифат
**5)** исм + сифати феълӣ

**111** **Мувофиқати ибораҳоро вобаста ба сохторашон муайян намоед:**

**A)** баҳори дилфиреб
**B)** андешаи модарам
**C)** ҳамеша хушҳол
**D)** андак хӯрдагирона

**1)** исм + исм
**2)** исм + сифат
**3)** зарф + зарф
**4)** зарф + сифат
**5)** сифат+ сифат

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**112** **Аз кадом ҷузъҳо таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** ин масъала
**B)** хеле баланд
**C)** китоб хондан
**D)** имрӯз омадагӣ

**1)** исм + масдар
**2)** зарф + сифати феълӣ
**3)** зарф + сифат
**4)** исм + сифат
**5)** ҷонишин + исм

**113** **Аз кадом ҷузъҳо таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** пардаи роз
**B)** суҳбатҳои шавқовар
**C)** хеле хушманзара
**D)** нағз хондан

**1)** зарф + феъл
**2)** сифат + масдар
**3)** исм + исм
**4)** исм + сифат
**5)** зарф + сифат

**114** **Аз зарф ва феълҳои додашуда ибора созед:**

**A)** дузону
**B)** меҳрубонона
**C)** дудаста
**D)** дартоз

**1)** гиристан
**2)** даромадан
**3)** нишастан
**4)** нигаристан
**5)** чидан

**115** **Аз зарф ва феълҳои додашуда ибора созед:**

**A)** баҳузур
**B)** дартоз
**C)** босуръат
**D)** бодиққат

**1)** омадан
**2)** хобидан
**3)** давидан
**4)** ранҷидан
**5)** нигаристан

**116** **Аз зарф ва феълҳои додашуда ибора созед:**

**A)** гурӯҳ-гурӯҳ
**B)** кашон-кашон
**C)** бад-бад
**D)** сим-сим

**1)** овардан
**2)** боридан
**3)** хӯрдан
**4)** омадан
**5)** нигаристан

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**117** **Бо кадом навъи алоқа таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** маҳин ҷорӣ шудан
**B)** вохӯрӣ бо меҳмонон
**C)** марди чеҳракушод
**D)** худро шинохтан

**1)** изофӣ
**2)** ҳамроҳӣ
**3)** фразеологӣ
**4)** вобастагии пешояндӣ
**5)** вобастагии пасояндӣ

**118** **Бо кадом навъи алоқа таркиб ёфтани ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** ситораҳои шаби гузарон
**B)** бо меҳрубонии тамом
**C)** базӯр чашм кушодан
**D)** номаро фиристодан

**1)** вобастагии пешояндӣ
**2)** фразеологӣ
**3)** ҳамроҳӣ
**4)** изофӣ
**5)** вобастагии пасояндӣ

**119** **Маънои маҷозии ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** дасти кушод
**B)** дили кашол
**C)** сари сахт
**D)** гули бехор

**1)** бахти бад, толеи паст
**2)** чизи беайб, бенуқсон
**3)** чеҳраи хандон, пуртабассум
**4)** ҳимматбаландӣ, саховатмандӣ
**5)** майл доштан, боумед будан

**120** **Маънои маҷозии ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** барги сабз
**B)** нони ҳалол
**C)** дил рафтан
**D)** сахтӣ дидан

**1)** майл пайдо кардан ба чизе
**2)** азоб кашидан, ранҷ дидан
**3)** ризқи бо меҳнат ба даст омада
**4)** армуғон, тухфа
**5)** бемор шудан, ранҷур гардидан

**121** **Маънои маҷозии ибораҳоро муайян намоед:**

**A)** дасти кӯтоҳ
**B)** одами сахт
**C)** дили танг
**D)** сари сабз

**1)** хасис ва мумсик
**2)** имкон надоштан, нотавонӣ
**3)** ноором, бесабру қарор
**4)** зиндагии хуб, умри дароз
**5)** шодию солимӣ, хушбахтӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**122** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва таркибҳои мувофиқро гузоред:**

A) Ба ... ҷони одам сер мешавад.
B) ... сари сабз медиҳад барбод.
C) Сухан ... Луқмон хуш аст.
D) Аввал ... баъд гуфтор.

1) аз даҳони
2) забони сурх
3) забони дароз
4) сухани нағз
5) андеша

**123** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед:**

A) ... бузургӣ зи гавҳар аст.
B) Сад ...-ву як гуфтор
C) ... аз ду даст мехезад.
D) ... дар хомӯшӣ аст.

1) садо
2) андеша
3) одамро
4) садафро
5) саломатӣ

**124** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва таркибҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаҳоро пурра кунед:**

A) Сад ҷон диҳию ... , арзон аст.
B) ... ба ҳеҷ маконе ғариб нест.
C) Сухани ... шунидан адаб аст.
D) ... ба бозор рост намеояд.

1) бузургон
2) адаб харӣ
3) соҳибҳунар
4) сухани ҳақ
5) сухани хона

**125** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва таркибҳои мувофиқро гузоред:**

A) Сухан , к-аз дилояд, бувад ... .
B) ... ба ҳунар аст, на мол.
C) То реша дар об аст, умеди ... ҳаст.
D) Тифли ... зи пири ҷоҳил беҳ.

1) самаре
2) дилпазир
3) тавонгарӣ
4) коҳил
5) оқил

**126** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва таркибҳои мувофиқро гузоред:**

A) Оҳанро ... мекӯбанд.
B) ... ҳеҷ пироя нест.
C) ... бояд, ки доно бувад.
D) Фарзандро меросе ... нест.

1) беҳ аз хомӯшӣ
2) беҳ аз гуфтан
3) дар гармиаш
4) беҳ аз адаб
5) фиристода

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**127** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** То пир нест, ... нест.
**B)** ... бозори бахт аст.
**C)** Тарки ... амри маҳол аст.
**D)** То ... наяфканӣ, нарӯяд.

**1)** одат
**2)** дона
**3)** хона
**4)** тадбир
**5)** таваккал

**128** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва таркибҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** ... вазнинро об намебарад.
**B)** Сари ... хам аст.
**C)** Аввал ... баъд гуфтор.
**D)** ... сӣ пой (поя) дорад.

**1)** сухан
**2)** санги
**3)** андеша
**4)** сипоҳигарӣ
**5)** дарахти мевадор

**129** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калима ва ибораю таркибҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** Саг дар ... шер аст.
**B)** Рӯбоҳ дар ... шери нар аст.
**C)** Сухани ... ба бозор рост намеояд.
**D)** ... ҳам дар зимистону ҳам дар тобистон хунук.

**1)** хона
**2)** хонаи худ
**3)** хонаи дӯстон
**4)** хонаи безан
**5)** хонаи соҳибаш

**130** **Ба ҷойи сенуқтаҳо калимаҳои мувофиқро гузоред:**

**A)** Мекушояд сафҳаҳои фикри одамро ... .
**B)** Оҳан андар обу оташ сахт ёбад ... .
**C)** ... сухан санҷида гӯянд.
**D)** Тан ба ҷон зида асту ҷон зинда ба ... .

**1)** илм
**2)** обутоб
**3)** китоб
**4)** одамон
**5)** оқилон

**131** **Муайян кунед, ки таркибу калимаҳои овардашуда ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд:**

***Шаби дароз падару модар нахуфтанд.*** К. Мирзо

**A)** падару модар
**B)** шаб
**C)** дароз
**D)** нахуфтанд

**1)** муайянкунанда
**2)** пуркунанда
**3)** мубтадо
**4)** хабар
**5)** ҳол

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**132** **Муайян кунед, ки калимаю ибораҳои овардашуда ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд:**

***Ҳабибро ман ҳамчун одами соҳибдил мешинохтам.*** Аз “Садои Шарқ”

**A)** Ҳабибро
**B)** ҳамчун одам
**C)** соҳибдил
**D)** мешинохтам

**1)** ҳол
**2)** муайянкунанда
**3)** пуркунанда
**4)** мубтадо
**5)** хабар

**133** **Муайян кунед, ки калимаю ибораҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд:**

***Сарв духтаронашро ба базмгоҳ даровард.*** С. Улуғзода

**A)** Сарв
**B)** духтаронашро
**C)** ба базмгоҳ
**D)** даровард

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**134** **Таҳлили синтаксисии ҷумла. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Дар баҳорон дарахтон гул карда ба кӯчаҳо шукӯҳ мебахшанд.***

К. Мирзо

**A)** ба кӯчаҳо
**B)** дарахтон
**C)** дар баҳорон
**D)** шукӯҳ мебахшанд

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**135** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Борбад дар Бадахшон таронаҳои дилангез шунида буд.*** А. Истад

**A)** дар Бадахшон
**B)** таронаҳо
**C)** дилангез
**D)** шунида буд

**1)** хабар
**2)** мубтадо
**3)** пуркунанда
**4)** муайянкунанда
**5)** ҳол

**136** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**
***Шағол ва Самак аз овардани дояи ҷоду бағоят хурраму шодмон шуданд.*** Аз “Самаки айёр”

**A)** аз овардан
**B)** бағоят
**C)** Шағол ва Самак
**D)** хурраму шодмон шуданд

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**137** **Таҳлили ситаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**
***Худаш ба Саттор тақлидкунон аз дундоли ӯ рост шуд.*** Ӯ. Кӯҳзод

**A)** худаш
**B)** рост шуд
**C)** ба Саттор
**D)** тақлидкунон

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**138** **Таҳлили ситаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**
***Дар пеши дарвоза амакам моро пешвоз гирифт.*** С. Айнӣ

**A)** моро
**B)** амакам
**C)** пешвоз гирифт
**D)** дар пеши дарвоза

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**139** **Таҳлили ситаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**
***Вай ҷомаи нави беқасаб ва мӯзаи хиром пӯшида буд.*** С. Улуғзода

**A)** пӯшида буд
**B)** хиром
**C)** мӯза
**D)** вай

**1)** мубтадо
**2)** хабар
**3)** ҳол
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**140** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**
***Зиндагонии Раҳими Қанд хеле танг буд.*** С. Айнӣ

**A)** Раҳими Қанд
**B)** зиндагонӣ
**C)** танг буд
**D)** хеле

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**141** **Таҳлили ситаксисӣ. Аъзоҳои ҷумларо муайян намоед:**

***Ситораҳои фазои деҳа хурсандона чашмак мезаданд.*** Ҷ. Акобир

**A)** чашмак мезаданд
**B)** фазои деҳа
**C)** хурсандона
**D)** ситораҳо

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**142** **Чӣ гуна муносибат доштани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Ё нури чашми вай намонда буд, ё торикӣ ғализтар шуда буд. Ҷ. Икромӣ
**B)** Борони барфомехта меборид, аммо ҳаво он қадар сард набуд. С. Айнӣ
**C)** Салим фармон доду ҳамсинфонаш ба баландӣ баромадан гирифтанд. А. Шукуҳӣ
**D)** Шамол торафт шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд. С. Айнӣ

**1)** муносибати ҳамзамонӣ
**2)** муносибати пайиҳамзамонӣ
**3)** муносибати хилофӣ
**4)** муносибати маконӣ
**5)** муносибати ҷудоӣ

**143** **Чӣ гуна муносибат доштани ҳиссаҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Дами гулханнишинӣ рафту айёми баҳор омад. А. Деҳотӣ
**B)** Вай одатан моҳи март гул мекунад ва гулҳояш бӯйи хуше доранд. И. Фазуллоев
**C)** Ӯ дар бачагиаш аз хар ғалтида, як пояш шикаста буд. Ю. Акобиров
**D)** Гоҳ Ҷобир ҳарифро ба тагаш зер мекард, гоҳ Восеъ – ӯро. С. Улуғзода

**1)** муносибати ҳамзамонӣ
**2)** муносибати пайиҳамзамонӣ
**3)** муносибати хилофӣ
**4)** муносибати сабабу натиҷа
**5)** муносибати ҷудоӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**144** **Чӣ гуна муносибат доштани ҳиссаҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Аз ҳавлӣ овози садои патефон баланд буд ва овози форами занона шунида мешуд. С. Улуғзода

**B)** Пагоҳиҳо Рустам дар лаби ҷӯй дасту рӯй мешусту баъд бо падару модараш болои суфа нишаста чой менӯшид. К. Мирзо

**C)** Шумоён сухани маро дуруст нафаҳмидетон, ё ин ки худам нағз фаҳмонда натавонистам. С. Айнӣ

**D)** Чаҳор кас аз чаҳор гӯшаи кат ҷой гирифтем, лекин суҳбат ҳеҷ наметафсид. Ф. Муҳаммадиев

**1)** муносибати ҷудоӣ
**2)** муносибати макони
**3)** муносибати ҳамзамонӣ
**4)** муносибати хилофӣ
**5)** муносибати пайиҳамзамонӣ

**145** **Чӣ гуна муносибат доштани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Пирамардон аввал тааҷҷуб намуданд, аммо ҳайронии онҳо дароз накашид. П. Толис

**B)** Хиромон номи қадимаи деҳа аст, ё ба наздикӣ ин номро додаанд? Ҳ. Карим

**C)** Тобистон рафту тирамоҳи пурнозу неъмат омад. А. Шукӯҳӣ

**D)** Шариф ба Одина ҳикоят мекарду ӯ осуда мехобид. С. Айнӣ

**1)** муносибати ҳамзамонӣ
**2)** муносибати пайиҳамзамонӣ
**3)** муносибати хилофӣ
**4)** муносибати маконӣ
**5)** муносибати ҷудоӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**146** **Чӣ гуна муносибат доштани ҳиссаҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Ё нури чашмони вай намонда буд, ё торикӣ ғализтар шуда буд. Ҷ. Икромӣ

**B)** Ман аз ҷо хеста ба зери хурма рафтам, лекин қадам ба хурма нарасид. С. Айнӣ

**C)** Биёбони васеъ монанди шаби торик буд ва касе чизе дида наметавонист. С. Айнӣ

**D)** Ятим берун баромада истод ва баъд аз чанд дақиқа як посбон омада ӯро гирифта ба сағерахона бурд. С. Айнӣ

**1)** муносибати ҳамзамонӣ
**2)** муносибати пайиҳамзамонӣ
**3)** муносибати хилофӣ
**4)** муносибати сабабу натиҷа
**5)** муносибати ҷудоӣ

**147** **Чӣ гуна муносибат доштани ҳиссаҳои ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Дами гулханнишинӣ рафту айёми баҳор омад. А. Деҳотӣ

**B)** Чашми падару писар аз дар канда намешуд ва гӯши онҳо мунтазири шарфаи по буд. Р. Ҷалил

**C)** Аҳмадҷон маънои калимаҳои нафаҳмидаашро ё аз фарҳанг меёфт, ё бародараш ба ӯ шарҳ медод. С. Айнӣ

**D)** Вай ба чорбоғ чашм дӯхт, аммо онро дар ин ҳолат ҳеҷ кас нашинохт. Ҳ. Карим

**1)** муносибати ҷудоӣ

**2)** муносибати шартӣ

**3)** муносибати хилофӣ

**4)** муносибати ҳамзамонӣ

**5)** муносибати пайиҳамзамонӣ

**148** **Чӣ гуна муносибат доштани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Ман самоворро ба даст гирифтам ва Саидакбар як китоби худро бо нӯги остинаш олуфтаворона гирифт. С. Айнӣ

**B)** Ё ҳаво гарм шуд, ё хаёлҳои гуногун хобамро гурезонда буданд. Ҷ. Икромӣ

**C)** Сатил аз дасти ман ғалтид, обаш рехт. С. Улуғзода

**D)** Гуселкунандагон ба аробаҳо часпида мебаромаданд, казакҳо, полисҳо ба зӯрӣ онҳоро мефароварданд. Р. Ҷалил

**1)** муносибати сабабу натиҷа

**2)** муносибати ҳамзамонӣ

**3)** муносибати хилофӣ

**4)** муносибати маконӣ

**5)** муносибати ҷудоӣ

Дар РОЙГОН! сомонаи www.ntc.tj

**149** **Чӣ гуна муносибат доштани ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайвастро муайян намоед:**

**A)** Берун торик шуда истода буд ва борон ҳанӯз ҳам меборид. С. Улуғзода

**B)** Номи ҳозираам Гуландом аст, аммо модарам ба ман Зебо ном ниҳодааст. С. Айнӣ

**C)** Магар шумо хешу табор надоштед, ё магар онҳо ҳам ба шумо ёрӣ надоданд? С. Айнӣ

**D)** Офтоб домани зарҳалкории худро аз домани кӯҳҳо ғундошта гирифту дарёбоди фарохро пардаи тунуки шом пахш кард. Б. Насриддин

**1)** муносибати сабабу натиҷа

**2)** муносибати ҷудоӣ

**3)** муносибати хилофӣ

**4)** муносибати пайиҳамзамонӣ

**5)** муносибати ҳамзамонӣ

**150** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ҷаҳонро хуррамӣ аз деҳқон аст,
Аз ӯ гаҳ заръ, гоҳе бӯстон аст.
Носири Хусрав

**B)** Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ,
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.
Абушакури Балхӣ

**C)** Мапиндор, эй дар хазон кишта ҷав,
Ки гандум ситонӣ ба вақти дарав.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Дар ҷавонӣ саъй кун, гар бехалал хоҳӣ амал,
Мева бенуқсон бувад, чун аз дарахти навбар аст.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Илм омӯхтан дар хурдсолӣ инсонро бештар инкишоф медиҳад.

**2)** Бо дигарон чӣ гуна ки муносибат кунӣ, бо ту низ ҳамон гуна рафтор хоҳанд кард.

**3)** Ободии дунё аз кишоварз аст, зеро кишту кор ва боғу гулзор маҳсули дасти ӯст.

**4)** Инсон дар ҷавонӣ ба воситаи донишомӯзӣ кори хуб карда метавонад.

**5)** Ҳар коре, ки дар ҷавонӣ иҷро мешавад, самараи бештар ва сифати беҳтар дорад.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**151** **Маънои байтҳои Абдурраҳмони Ҷомиро муайян кунед:**

**A)** Илм касир омаду умрат қасир,
Он чи зарурист, ба он шуғл гир.

**B)** Дар талаби илм камар чуст кун,
Даст зи ашғоли дигар суст кун.

**C)** Нахуст аз илму дониш баҳравар шав,
Зи ҷаҳлободи нодонӣ бадар шав.

**D)** Он чӣ худ донӣ, равиш мекун бар он,
В-он ки не, мепурс аз донишварон.

**1)** Ба корҳои дигар вақти худро сарф накуну аз пайи омӯзиши илм бош.

**2)** Дар умри кӯтоҳ аз пайи омӯзиши илмҳои зарурӣ бояд буд.

**3)** Донишманд ҳамеша огоҳу ҳушёр аст, аммо ҳамнишинӣ бо нодон заволи ақли ӯст.

**4)** Аз рӯйи чизи донистаат амал кун ва чизе, ки намедонӣ, аз дигарон пурс.

**5)** Бо талаби илм худро аз банди нодонӣ раҳо кун.

**152** **Байтҳои зерин бо кадом зарбулмасалу мақол ҳаммаъноянд?**

**A)** Туро гуфтори ман имрӯз панд аст,
Чу май талх аст, лекин судманд аст.
Саноии Ғазнавӣ

**B)** Ҳар кӣ по аз ҳадди худ берун ниҳад,
Сар диҳад барбоду тан бар сар ниҳад.
Аттори Нишопурӣ

**C)** То надонӣ, ки сухан айни
савоб аст, магӯй
В-он чӣ донӣ, ки на неку-ш
ҷавоб аст,магӯй.
Саъдии Шерозӣ

**D)** З-ин чунин турраҳот даст бидор,
Кор кун, бигзар аз раҳи гуфтор!
Саноии Ғазнавӣ

**1)** Сухан донисто гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ.

**2)** Ҳарфи бисёрро бигзору амал кун.

**3)** Андоза нигаҳ дор, ки андоза накӯст!

**4)** Гап зану муомила шунав.

**5)** Сухани рост ширин нест, аммо муфид аст.

Дар сомонаи www.ntc.tj
РОЙГОН!

**153** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Косаи чинӣ, ки садо мекунад,
Худ сифати хеш адо мекунад.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Ҳар ки айби дигарон пеши ту
оварду шумурд,
Бегумон, айби ту пеши дигарон
хоҳад бурд.
Саъдии Шерозӣ

**C)** Макун айби касон, гар метавонӣ,
Ки ту, эй дӯст, айби худ надонӣ.
Носири Хусрав

**D)** Аз пушти баландҳо манозед,
Худ зинаи боми хеш созед.
Низом Қосим

**1)** Ба дигарон айб магир, зеро худат низ беайб нестӣ.

**2)** Касе, ки дигаронро назди ту бад мекунад, аз ту низ ба дигарон бадгӯӣ хоҳад кард.

**3)** Сухани ҳар кас гувоҳи ботинаш аст, мисли он ки садои зарф сифаташро ошкор мекунад.

**4)** Ҳар кӣ аз амали хеш нон мехӯрад, мисли Ҳотам хайрхоҳ аст.

**5)** Аз гузаштаи бузурги худ зиёд фахр накун, бикӯш, то худ шуҳратёр гардӣ.

**154** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Мағрур машав ба мол чун бехабарон,
Зеро ки бувад мол чу абри гузарон.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Саховат муҷиби қадри баланд аст,
Саховатпеша доим арҷманд аст.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Агар сад бор зери санг бошӣ,
Аз он беҳтар, ки зери нанг бошӣ.
Бадриддини Ҳилолӣ

**D)** Ту гар тавфиқ дорӣ, ҳам бар он бош,
Накухоҳу ба кас роҳатрасон бош.
Носири Хусрав

**1)** Сахтӣ кашидан беҳтар аз расвоиву зиштист.

**2)** Шахси баландҳиммат ҳамеша соҳибобрӯст.

**3)** Танҳо инсони баобрӯ саховатманд буда метавонад.

**4)** Агар инсони хубӣ, ҳамеша дар фикри хубӣ кардан ба дигарон бош.

**5)** Набояд ба сарвату дорой фирефта шуд, зеро он ҳамешагӣ нест.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**155** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Андеша кун аз каҷравии дил, ки басе,
Дидем, ки “бори каҷ ба манзил нарасад”.
Собири Ҳамадонӣ

**B)** Ганҷ бе ранҷ надидаст касе,
Гули бехор начидаст касе.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Ҳар ки гирди кӯраи ангишт гашт,
Ҷумла аз дудаш сиёҳу зишт гашт.
Камолиддини Биноӣ

**D)** Агар хоҳӣ накухоҳӣ, наку бош,
Ҳамеша росткору ростгӯ бош.
Хусрави Деҳлавӣ

**1)** Ростию некӣ дороии инсон аст.

**2)** Каҷдилон ҳеҷ гоҳ ба мақсад намерасанд.

**3)** Бе меҳнат роҳат нест.

**4)** Ҳар ки бо бадон нишинад, оқибат бадкор шавад.

**5)** Агар мехоҳӣ ба ту некӣ кунанд, нек ва дурусткор бош.

**156** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Қимати мард на аз симу зар аст,
Қимати мард ба қадриҳунар аст.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро, гар тавонӣ, дил ба даст ор.
Саъдии Шерозӣ

**C)** Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ
Даркушоӣ кунӣ, на дарбандӣ.
Низомии Ганҷавӣ

**D)** Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,
Гунҷу зар пеши ҳунар чизе нест.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Ғун кардани сарват коре нест, то тавонӣ ба дили мардумон роҳ биҷӯй.

**2)** Обрӯву эътибори инсон аз ҳунари ӯст, на аз сарвату дорой.

**3)** Бикӯш, то ҳунар омӯзӣ, на сарват андӯзӣ, ки сарват пеши ҳунар арзише надорад.

**4)** Дар омӯзиши ҳунар кӯш, то мушкилотро осон гардонӣ.

**5)** Ҳунармандӣ аз сарватмандӣ сарчашма мегирад.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**157** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ростиро пешаи худ кун мудом,
То шавӣ дар ҳар ду олам некном.
Ҷалолиддини Балхӣ

**B)** Чу некӣ кунад кас, ту подош кун
В-агар бад кунад, низ пархош кун.
Абулқосими Фирдавсӣ

**C)** Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Ҳамеша некхоҳи мардумон бош,
Ба некӣ кӯш в-он гаҳ дар амон бош.
Носири Хусрав

**1)** Ба некӣ бо некӣ ҷавоб деҳ ва бо бадкорон мубориза бар.

**2)** Некхоҳ бошу ба некӣ бикӯш, то аз бадӣ эмин бимонӣ.

**3)** Ростгӯву росткор бош, то туро ба некӣ ёд кунанд.

**4)** Бо бадкорон манишин, то некном бошӣ.

**5)** Некӣ бикунем, то ҷаҳон аз бадӣ эмин бошад.

**158** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Хирадманд бошу беозор бош,
Ҳамеша забонро нигаҳдор бош.
Абулқосими Фирдавсӣ

**B)** Балои одамӣ бошад забонаш,
Ки дар вай баста шуд суду зиёнаш.
Ҷалолиддини Балхӣ

**C)** Ҳарчанд бувад калиди ҳар кор забон,
Макшой ба қавли ҳарза бисёр забон.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Суханро бибояд шунидан нахуст,
Чу доно шавӣ, посух ояд дуруст.
Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** Аҳли хирад сухан дониста гӯянд, бо забон касеро озор надиҳанд.

**2)** Бо сухан бисёр корҳоро метавон анҷом дод, аммо беҳудагӯӣ хислати бад аст.

**3)** Ҳар фоидаю зарар ба инсон бештар аз забонаш мерасад.

**4)** Хирадмандонро бо забон озор мадеҳ.

**5)** Барои ҷавоби мувофиқ додан ба сухани дигарон аввал онро дуруст дарк бояд кард.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**159** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
Зоҳиру ботини худ яксон кун.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Заҳмати худро зи мардум дур дор,
Бори худ бар кас маяфкан, зинҳор.
Аттори Нишопурӣ

**D)** Кам гӯю ба ҷуз маслиҳати хеш магӯ,
Чизе, ки напурсанд, ту худ беш магӯ.
Афзалуддини Кошонӣ

**1)** Накукор бош ва сурату сирататро якранг намо.

**2)** Сухан андак бояд гуфт, суол накунанд, посух набояд дод.

**3)** Баҳри мардум заҳмат бикаш, то дӯстат доранд.

**4)** Бепарвоӣ аз дарду ранҷи дигарон нишони инсоният нест.

**5)** Ба мардум ранҷу заҳмат марасон ва корҳоятро ба дигарон вомагузор.

**160 Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ
Ҳеҷ аҳлийят беҳ аз хӯйи наку.
Ҷалолиддини Балхӣ

**B)** Гар ҳамехоҳӣ, ки бошӣ дар амон,
Рав, накуӣ кун ту бар халқи ҷаҳон.
Аттори Нишопурӣ

**C)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.
Носири Хусрав

**D)** Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накуӣ ёд медор.
Носири Хусрав

**1)** Шоистатарин сифати инсон хулқи нек аст.

**2)** Беҳтарини корҳо некӣ кардан ва ёрӣ расонидан ба дигарон аст.

**3)** Ба касе некӣ кун, ки боре ҳам ба ту некӣ кардааст.

**4)** Агар осоиш хоҳӣ, ба мардум хубӣ кун.

**5)** Некии касро ҳаргиз фаромӯш накун.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**161 Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Нахоҳӣ, ки нафрин кунанд аз пасат,
Наку бош, то бад нагӯяд касат.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Накуӣ бо бадон кардан чунин аст,
Ки бад кардан ба ҷони некмардон.
Саъдии Шерозӣ

**C)** Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,
Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун.
Аттори Нишопурӣ

**1)** Дар дунё ҳеҷ чиз боқӣ намемонад, беҳтар аст, ки некӣ ба ёдгор монӣ.

**2)** Нек бошу некӣ кун, то аз пасат ба бадӣ ёд накунанд.

**3)** Агар хубие карда наметавонӣ, ба касе бадӣ накун.

**4)** Ба шахсони бадкирдор некӣ кардан чун бадӣ кардан ба инсонҳои хуб аст.

**5)** Некӣ кардан бо бадон аз хубии инсон дарак медиҳад.

**162** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ёре, ки раҳи вафо наварзад,
Сад хирман аз ӯ ҷаве наарзад.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Дасти вафо дар камари аҳд кун,
То нашавӣ аҳдшикан, ҷаҳд кун.
Низомии Ганҷавӣ

**C)** Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.
Бадриддини Ҳилолӣ

**D)** Он кас, ки чу гул дурӯй бошад,
Дар вай зи вафо чӣ бӯй бошад?!
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Ба ваъда вафо намекунӣ, беҳтар, ки аҳд набандӣ.

**2)** Дӯсте, ки вафодор нест, ба як пули сиёҳ ҳам намеарзад.

**3)** Аз касе, ки амалаш ба гуфтор як нест, умеди вафо накун.

**4)** Бар ваъда вафо кун ва бикӯш, то аҳдшикан набошӣ.

**5)** Бикӯш, то хайрхоҳи мардумон бошӣ.

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**163** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Зи нокарданӣ корҳо дур бош,
Хирад подшо кун, ту дастур бош.
Бадеи Балхӣ

**B)** Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.
Ҳофизи Шерозӣ

**C)** Киро симу зар монаду ганҷу мол,
Пас аз вай ба чанде шавад поймол.
Саъдии Шерозӣ

**D)** Ба гетӣ мазан ҷуз ба некӣ нафас,
Ки ин аст оини некону бас.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Дар дунё танҳо некиро пеша кун, ки ин шеваи ҷавонмардон аст.

**2)** Давлату сарват пойдор нест, пас аз муддате завол меёбад.

**3)** Ба корҳои нохуб машғул машав, корҳоятро аз рӯйи хирад пеш бар.

**4)** Ҳар кӣ молу сарват дошта бошад, ҳаргиз хор намегардад.

**5)** Дар дунё ба касе некӣ кардӣ, некӣ мебинӣ, бадӣ кардӣ, бадӣ.

**164** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Дилатро ба донишварӣ дор хуш,
Чу донистӣ, он гоҳ дар кор кӯш.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натвонӣ кард.
Абуалӣ ибни Сино

**C)** Ҳаёти хешро бекора магзор,
Зи бекорӣ шавад кас оҷизу хор.
Тилло Пӯлодӣ

**D)** Ба олам ҳар касе бекор гардад,
Ба чашми аҳли олам хор гардад.
Садриддин Айнӣ

**1)** Бикӯш, то донишат зиёд шавад.

**2)** Зи дониш хуш бошу дар амал бикӯш.

**3)** Кори имрӯзаро ба фардо магузор.

**4)** Одами бекор назди ҷаҳониён хор аст.

**5)** Аз бекорӣ зору нотавон гардӣ.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**165** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Низомии Ганҷавӣ

**B)** Агар хоҳӣ, ки ҳаргиз дарнамонӣ,
Ба даст овар ҳунар, то метавонӣ.
Бадриддини Ҳилолӣ

**C)** Куҷо беҳунар шуд асири ниёз,
Ҳунарманд ҳар ҷо бувад бениёз.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Чу нодонон на дар банди падар бош,
Падар бигзору фарзанди ҳунар бош.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Монанди бехирадон аз сарвати падар манозу ҳунар омӯз.

**2)** Вақтро ғанимат дон ва ҳунар омӯз.

**3)** Беҳунар ҳамеша эҳтиёҷманд аст, вале ҳунарманд дастнигари касе нест.

**4)** Аз донишу ҳунар ифтихор бояд кард.

**5)** Ҳунар омӯз, то гирифтори мушкилот нашавӣ.

**166** **Маънои байтҳои зеринро муайян намоед:**

**A)** Хуш бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.
Камолиддини Биноӣ

**B)** Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.
Низомии Ганҷавӣ

**C)** Соҳибҳунаре, ки ботамиз аст,
Дар дидаи мардумон азиз аст.
Бадриддини Ҳилолӣ

**D)** Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.
Ҷалолиддини Балхӣ

**1)** Бузургӣ ба хирад аст, на ба сол.

**2)** Беҳбудии рӯзгор аз омӯхтан аст.

**3)** Ҳунарманди бофаросат қадру қимати баланд дорад.

**4)** Илм, ки татбиқ шавад, судманд аст.

**5)** Ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд.

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**167** **Маънои байтҳои зеринро муайян намоед:**

**A)** Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**B)** Сухан бифканад минбару дорро,
Зи сӯрох берун кашад морро.
Абушакури Балхӣ

**C)** Ҳар он кас ки дониш фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Касе, к-ӯ ба дониш тавонгар бувад,
Ба гуфтору кирдор беҳтар бувад.
Абулқосими Фирдавсӣ

**1)** Шахси хирадманд ҳамеша беозор ва нармгуфтор аст.

**2)** Он беҳ, ки шахси бедониш дар сухан накӯшад.

**3)** Илм раҳнамою раҳкушо ва нигаҳбон аз ҳар балост.

**4)** То мард сухан нагӯяд, айбу ҳунараш пӯшида бимонад.

**5)** Гапи ногувор одамро мекушад, аммо гуфтори ширин дилҳоро нарм мекунад.

**168** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Бикун з-ин корхона дар кутуб рӯй,
Хаёли хешро деҳ бо кутуб хӯй.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Хуштар зи китоб дар ҷаҳон ёре нест,
Дар ғамкадаи замона ғамхоре нест.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Баргу сози мо китобу ҳикмат аст,
Ин ду қувват эътибори миллат аст.
Муҳаммад Иқбол

**D)** Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**1)** Китоб танҳо анису рафиқи мардуми доност.

**2)** Беҳтар аз китоб рафиқу ғамбароре барои инсон нест.

**3)** Китоб дар танҳоӣ рафиқи инсон ва нурбахши ҷаҳони илму маърифати ӯст.

**4)** Китоб хондан ва ҳикмат омӯхтан нуфузу эътибори миллатро боло мебарад.

**5)** Худро ба хондани китоб одат кунон ва ҳамеша дар фикри китоб бош.

РОЙГОН! Дарсомонаи www.atc.tj

**169** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ҳар ки з-омӯхтан надорад нанг,
Гул барорад зи хору лаъл аз санг.
Низомии Ганҷавӣ

**B)** Боядат аввал адаб андӯхтан,
Дигаронро пас адаб омӯхтан.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Биёмӯз, агарчанд душворат ояд,
Ки душвор аз омӯхтан гашт осон.
Носири Хусрав

**D)** Ту ба омӯхтан баланд шавӣ,
То бидонию арҷманд шавӣ.
Рукниддини Авҳадӣ

**1)** Машаққати илмомӯзиро таҳаммул бояд кард, зеро илм тамоми сахтиҳоро осон мегардонад.

**2)** Аввал бояд ба дигарон илм омӯзонӣ, баъдан худат олим шавӣ.

**3)** Касе, ки аз омӯхтан шарм накунад, корҳои мушкилро ба осонӣ иҷро карда метавонад.

**4)** Пеш аз он ки ба дигарон дарси адаб диҳӣ, бояд худат адаб омӯзӣ.

**5)** Барои омӯхтан кӯшиш намо, то дар натиҷа обрӯву эътибор пайдо кунӣ.

**170** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Дӯстӣ бо мардуми доно накуст,
Душмани доно беҳ аз нодони дӯст.
Ҷалолиддини Балхӣ

**B)** Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт
Мирзо Турсунзода

**C)** Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он оби пок,
Нашояд фикандан дар он сангу хок.
Асадии Тӯсӣ

**D)** Чунон кун зиндагонӣ дар замона,
Ки аз вай зинда монӣ ҷовидона.
Хусрави Деҳлавӣ

**1)** Дар зиндагӣ чунон бош, ки пас аз марг номи некат боқӣ монад.

**2)** Хушии ҳаёт аз дӯстию рафоқат ва сахтию бадбахтиҳо аз душманию адоват аст.

**3)** Одамони некукор дӯстони зиёд доранд.

**4)** Дар ивази некӣ бадӣ кардан нашояд.

**5)** Душмани хирадманд аз дӯсти бехирад беҳтар аст.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**171** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту яке ҳазор гардад.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**B)** Моле, ки зи ту кас наситонад, илм аст,
Он чиз, ки туро зи ғам раҳонад, илм аст.
Абдурраҳмони Ҷомӣ

**C)** Хуш бувад илм бо амал пайваст,
Ки садо барнахезад аз як даст.
Камолиддини Биноӣ

**D)** Магӯ, аз суҳбати доно зиён аст,
Агар донӣ, зи умрат ҳосил он аст.
Носири Хусрав

**1)** Суҳбати доноёнро зарар мапиндор, зеро сармояи умр танҳо дониш аст.

**2)** Илм сармояи умри инсон аст.

**3)** Илму дониш сарватест, ки туро аз дарду ранҷ раҳонад ва онро аз ту ба зӯр нагиранд.

**4)** Вақте ба донистаат амал мекунӣ, мақому мартабаат дучанд мегардад.

**5)** Беҳтарин илм ҳамон аст, ки бо он амал кунанд.

**172** **Маънои байтҳоро муайян намоед:**

**A)** Замона гуфт маро: хашми хеш
дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой
дар банд аст.
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**B)** Меҳр муҳкам шавад зи хушгӯйӣ,
Дӯстӣ кам кунад турушрӯйӣ. Авҳадӣ

**C)** Бирав, бо халқ хушгӯ бошу хушхӯ,
Ки хун аз тарбият шуд мушки хушбӯ.
Носири Хусрав

**D)** Ва бо мардуми накугӯй дижам мабош, ки мардуми дижам на наку бошад... Унсурулмаолии Кайковус

**1)** Бо касони хушгӯй сухан бо хашм набояд гуфт, ки хашмгинӣ кори хуб нест.

**2)** Хушмуомилагию ширинзабонӣ сабаби боқадру боиззат шудани инсон мегардад.

**3)** Забондонии фарзанд натиҷаи тарбияи хуби падару модар аст.

**4)** Худдорӣ накардан аз хашму ғазаб ва сухани бад боиси гирифтории инсон мешавад.

**5)** Сухани хуш дӯстию рафоқатро мустаҳкам мекунад, вале сухани дурушт онро заиф мегардонад.

**173** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Эй хоҷа, ту шамъию сухан боду ҳавост,
Хоҳӣ, наравад сарат, нигаҳдор забон.
Саъдии Шерозӣ

**B)** Сухан бисёр дону андаке гӯй,
Якеро сад магӯ, садро яке гӯй.
Саъдии Шерозӣ

**C)** Нигар, то чӣ корӣ, ҳамон бидравӣ,
Сухан ҳар чӣ гӯӣ, ҳамон бишнавӣ.
Абулқосими Фирдавсӣ

**D)** Зи каҷгӯйӣ суханро қадр кам гашт,
Касе, к-ӯ ростгӯ шуд, муҳтарам гашт.
Низомии Ганҷавӣ

**1)** Сухану амалат чӣ гуна бошад, ҷавобаш низ ҳамон гуна хоҳад буд.

**2)** Сухандониву сухангӯйӣ хислати беҳтарини инсон аст.

**3)** Инсон чун шамъ асту сухан мисли ҳаво, пас дар сухан гуфтан эҳтиёт бояд буд.

**4)** Сухандон бояд буд, вале ба камгӯйӣ одат бояд кард.

**5)** Дурӯғгӯ беэътибор, шахси ростгӯ соҳибэҳтиром аст.

ДАР РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**174** **Мазмуни пандҳои Аттори Нишопуриро муайян кунед:**

**A)** Заҳмати худро зи мардум дур дор,
Бори худ бар кас маяфкан, зинҳор.

**B)** Ҳар киро бинӣ ба роҳи носавоб,
Сар ба роҳаш ор, то ёбӣ савоб.

**C)** Ҳар ки мехоҳад, ки бошад дар амон,
Муҳр мебояд ниҳодан дар забон.

**D)** Аз маломат то бимонӣ дар амон,
Бош доим ҳамнишини олимон.

**1)** Каҷравонро роҳи рост бинамой, то кори хайре карда бошӣ.

**2)** Касро ранҷ мадеҳ ва мушкилоти зиндагиатро ба дӯши дигарон магузор.

**3)** Хоҳӣ, ки сарзанишат накунанд, бо хирадмандон ҳамсуҳбат бош.

**4)** Сар ба саломат хоҳӣ, суханӣ дурушт магӯй.

**5)** Хирадмандонро бад нагӯянд ва сарзаниш накунанд.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**175** **Мазмуни панду андарзҳои Бадриддини Ҳилолиро муайян намоед:**

**A)** Ба ҳар кас рӯзи неъмат аҳд бастӣ,
Фаромӯшаш макун дар тангдастӣ.

**B)** Набояд рӯзи аввал аҳд бастан,
Пас аз бастан намебояд шикастан.

**C)** Гуле, к-он ҳар замон бошад ба ҷое,
Намеояд аз ӯ бӯи вафое.

**D)** Касе, к-аз дӯстӣ берун ниҳад пай,
Дар оини вафо саг беҳтар аз вай.

**1)** Пеш аз паймон кардан андеша бояд кард, чун паймон кардӣ, дигар тарки паймон макун.

**2)** Аз касе, ки гаҳ бо ину гоҳ бо он паймон мекунад, чашми дӯстию садоқат мадор.

**3)** Бо ҳар кӣ, ки ба вақти тавонгариаш паймон кардаӣ, ба вақти нодорӣ тарки паймон макун.

**4)** То тавонӣ аз нодонону бевафоён бигурез, ки онҳо дӯстиро нашоянд.

**5)** Ҳар кӣ тарки паймон кунад, дар садоқат камтар аз ҳайвон аст.

**176** **Мазмуни панду андарзҳои Камолиддини Биноиро муайян намоед:**

**A)** Соҳиби илм ҳар куҷо бошад,
Ҳама кораш ба муддао бошад.

**B)** Бо бузурге, ки илм ёр шавад,
Дар бузургӣ яке ҳазор шавад.

**C)** Эй писар, дар сухан тааммул кун,
Баду неки сухан тахайюл кун.

**D)** Ҳарфи неку агарчи дур гӯйӣ,
Некӣ аз вай равад, чу пур гӯйӣ.

**1)** Аввал андеша кун, пас аз он забон ба гуфтор бикушо.

**2)** Сухани хуб чун гавҳар аст, вале чун ба такрор гуфта шавад, хубӣ аз вай биравад.

**3)** Ҳар ки бомаърифат аст, корҳояш табъи дил ва мувофиқи мақсад бошад.

**4)** Илму маърифат мақому мартабаи бузургонро меафзояд.

**5)** Ҳар ки илму маърифат дорад сухан бисёр нагӯяд.

**177** **Маънои байтҳои Абдураҳмони Ҷомиро муайян намоед:**

**A)** Рӯй дар қоидаи эҳсон кун,
Зоҳиру ботини худ яксон кун.

**B)** Якдилу якҷиҳату якрӯ бош,
В-аз дурӯёни ҷаҳон яксӯ бош.

**C)** Аз каҷӣ хезад ҳар ҷо халалест,
"Ростӣ - растӣ" неку масалест.

**D)** Тир агар рост равад,
бар ҳадаф аст,
В-ар равад каҷ,
зи ҳадаф бартараф аст.

**1)** Ростқавлу якрӯ бош ва аз одамҳои дурӯя ва дурӯғгӯ дурӣ кун.

**2)** Тир вақте ки рост меравад ба ҳадаф мерасад. Пас, инсон ҳам танҳо тавассути роҳи рост ба мақсад мерасад.

**3)** Ростӣ инсонро аз вазъиятҳои бад раҳоӣ мебахшад ва камбуду нуқсонҳо аз дар роҳи каҷ будани инсонҳо сар мезанад.

**4)** Саховатманд бош ва андешаю гуфторатро ягона кун.

**5)** Инсони саховатпешаро ҳама эҳтиром мекунанд ва дӯст медоранд.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**178** **Маънои байтҳои Мирзо Турсунзодаро муайян намоед:**

**A)** Ҳеҷ коре нест бе зан хуб шуд,
Ифтихоре нест бе зан хуб шуд.

**B)** Хуб шуд, ки зан ба давлат ёр шуд,
Мамлакат аз дасти зан гулзор шуд.

**C)** Кард зан вазъияти моро дигар,
Чун насими тоза дохил шуд ба сар.

**D)** Чашми хоболудро бедор кард,
Ҷоҳилу гумроҳро ҳушёр кард.

**1)** Корманди давлатӣ шудани занҳо боиси обод гардидани кишвар шудааст.

**2)** Агар занҳо дар коре иштирок накунанд, он кор хубу пухта ба анҷом намерасад.

**3)** Занҳо бо ҷасурию далерӣ мардонро бедортар ва ҳушёртар карданд.

**4)** Занҳо дар корҳои ободонии кишвар фаъолона иштирок мекунад.

**5)** Занҳо мисли ҳавои тозаи кӯҳсор ҳолу аҳволи рӯҳии моро дигар карданд.

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

# НАМУНАИ СУБТЕСТИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**1** **Дар кадом калимаи байти зерин яке аз овозҳо равшан талаффуз намешавад?**

***Дорам он сар, ки сар андар сари кори ту кунам,***
***Бо мани дилшуда ҳарчанд саре нест туро.*** Камоли Хуҷандӣ

**A)** дорам
**B)** дилшуда
**C)** сар
**D)** ҳарчанд

**2** **Дар калимаи *намедиҳӣ*-и ҷумлаи зерин ҳарфи *ӣ* чӣ вазифа дорад?**

***Ту вайро эрка кардаӣ, ҳар қадар гандагӣ кунад ҳам, ту боз меҳрубонӣ мекунӣ, ҷазояшро намедиҳӣ.*** С. Улуғзода

**A)** пасванди зарфсоз
**B)** овози таркиби калима
**C)** бандаки феълӣ
**D)** бандаки хабарӣ

**3** **Имлои кадом калима нодуруст аст?**

***Чӣ мурғони хушхоне мавҷуданд дар ин куҳсор.*** Р. Ҷалил

**A)** куҳсор
**B)** мавҷуданд
**C)** хушхон
**D)** мурғон

**4** **Ҳаммаъно (синоним)-ҳои калимаи *истиқлолият*ро нишон диҳед:**

**A)** ихтиёрӣ, новобастагӣ
**B)** мустақилӣ, соҳибихтиёрӣ
**C)** озодӣ, баробарӣ
**D)** якпорчагӣ, муттаҳидӣ

**5** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта зидмаъноии калимаи *кӯчак*ро гузоред:**

***Абрпораҳои ... дар уқёнуси осмон бо суръати тез ба ҷануб шино мекарданд.*** С. Улуғзода

**A)** равон
**B)** парешон
**C)** серҳаракат
**D)** бузург

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**6** **Дар ҷумлаи зерин ибораи рехтаи “*на пай буду на Ҳайдар*” чӣ маънӣ дорад?**

***– Шарифаҷон! – оқибат кӣ будани ӯро фаҳмида, аз пасаш ҷеғ задам. Вале чӣ тавре ки мегӯянд: “на пай буду на Ҳайдар”.***

Аз “Тоҷикистони советӣ”

**A)** аз назар ғайб задан; бе ному нишон шудан

**B)** ба чашм намудор шудан; худро нишон додан

**C)** ба саволи касе ҷавоб надодан; хомӯш истодан

**D)** ба гапи касе эътибор надодан; худро ба нодонӣ задан

**7** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқта ибораи рехтаи мувофиқро гузоред:**

***Муҳиддинмахдум он шаб наздикони худро даъват карда, ...*** Ҷ. Икромӣ

**A)** суҳбат пир шуд

**B)** суҳбат ороста буд

**C)** суҳбат тафсида рафт

**D)** суҳбатро пир карда буд

**8** **Услуби матнро муайян кунед:**

***Моддаи 3. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

***1. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.***

***2. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, забони давлатиро донад.***

***3. Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода, ҳимоя ва рушди забони давлатиро таъмин менамояд...***

**A)** илмӣ

**B)** бадеӣ

**C)** расмӣ-коргузорӣ

**D)** публитсистӣ

**9** **Кадоме аз ин исмҳои мураккаб аз асоси замони ҳозира ва гузаштаи феъл сохта шудааст?**

**A)** корбаст

**B)** бастабанд

**C)** шикастабанд

**D)** бандубаст

**10** **Дар ибораи *сатрҳои парешон* сифат аз рӯйи сохт чӣ гуна аст?**

**A)** сода

**B)** сохта

**C)** мураккаб

**D)** таркибӣ

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**11** **Дар ҷумлаи зерин ба ҷойи сенуқтаи аввал шумораи миқдории содаро гузоред:**

*Агар арзиши миёнаи хизмати яксолаи* ***...*** *ятим панҷсад танга бошад, ӯ ба сесад танга мемонд...* С. Айнӣ

**A)** ду-се

**B)** якум

**C)** як

**D)** як-ду

**12** **Ба ҷойи сенуқта сиғаи хабарии феълро гузоред:**

*Шағоли гуруснае аз роҳ ...*

**A)** мегузашт

**B)** хоҳад гузашт

**C)** гузаштанист

**D)** гузаштагист

**13** **Ба ҷойи сенуқта кадом зарфро гузоштан дуруст аст?**

*Ӯ бо ин ҳама бузургӣ ва муҳоботу салобот бо ҳар кас, ҳарчанд хурд бошад ҳам, ... муомила мекард.* С. Айнӣ

**A)** ноилоҷ

**B)** бародарвор

**C)** дарҳол

**D)** кунҷковона

**14** **Пайвандаки мувофикро гузоред:**

*Саодатбибӣ ҳоло пир набуд, ... ӯ дар солҳои охир худро бедармон ҳис мекард.* Р. Ҷалил

**A)** агарчи

**B)** ё ин ки

**C)** балки

**D)** лекин

**15** **Кадом ибора бо роҳи алоқаи ҳамроҳӣ сохта шудааст?**

**A)** “Гузашти айём”

**B)** “Шикоят аз пирӣ”

**C)** “Чор дарвеш”

**D)** “Дар он дунё”

**16** **Ҷумлаи содаи яктаркиба:**

**A)** Ҳаво гарм буд.

**B)** Зоғчаро ба Ленинобод овардем.

**C)** Зоғча дар остонаи тирезаи қафои мошин менишаст.

**D)** Вай тез-тез ташна монда даҳонашро кушода овоз мебарвард. Р. Ҷалил

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**17** **Ҷумларо пурра кунед, ки хабар ба мубтадо мувофиқат намояд:**
***Ҷавонон дар сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун ... .***

**A)** иштирок кардааст
**B)** иштирок карда буд
**C)** иштирок мекунад
**D)** иштирок мекунанд

**18** **Ба ҷойи сенуқта ҳоли тарзи амали мувофиқро гузоред:**
***Ӯ то охири умраш дар ин роҳ босадоқат ва ... хизмат кард.*** Р. Ҳошим

**A)** чолокона
**B)** содиқона
**C)** ҷонсипорона
**D)** вафодорона

**19** **Аъзои туфайлии мувофиқи ҷумларо гузоред:**
***..., аз суҳбати мо ба худи шумо низ суде хоҳад расид.*** Ф. Муҳаммадиев

**A)** Воқеан
**B)** Хайрият
**C)** Хушбахтона
**D)** Табиатан

**20** **Асари Абуалӣ ибни Сино, ки дар Шарқу Ғарб ҳамчун китоби тиббӣ мавриди истифода қарор гирифааст:**

**A)** "Донишнома"
**B)** "Ал-қонун"
**C)** "Ҳай ибни Яқзон"
**D)** "Ишорот ва танбеҳот"

**21** **Ба ҷойи сенуқта дар ҳар ҷумла, байт ва ё мисраъ зидмаъноии калимаи ишорашударо гузоред:**

**A)** Ман **мағлуб** шудам, аммо ин мағлубиятро ...ият мепиндорам. Акобир Шарифӣ
**B)** Рӯзе аз рӯзҳои фасли баҳор,
Ки тафовут надошт **лайл**у ... Бадриддини Ҳилолӣ
**C)** Гоҳе **лутф** асту гоҳе ... кори дилрабои ман.
Бадриддини Ҳилолӣ
**D)** Нест як соат ... ин ҷони **нооро м**ро,
Бадриддини Ҳилолӣ

**1)** қаҳр
**2)** барор
**3)** қарор
**4)** ғолиб
**5)** наҳор

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**22** **Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои тақлидии мувофиқро гузоред:**

**A)** Аз дур ... садои пой шунида мешуд.
**B)** Аз тарафи бозори хиёбон ... овози доира меомад.
**C)** Зарраҳои вай ... ҷило медоданд.
**D)** Дар берун ҳанӯз ... борон меборид.

**1)** шитир-шитир
**2)** даранг-даранг
**3)** шалап-шалап
**4)** ялт-ялт
**5)** ғув-ғув

**23** **Аз зарф ва феъл ибора созед:**

**A)** меҳрубонона
**B)** оромона
**C)** шоирона
**D)** мардона

**1)** тасвир кардан
**2)** ишқ варзидан
**3)** табассум кардан
**4)** обутоб ёфтан
**5)** шино кардан

**24** **Таҳлили синтаксисӣ. Аъзои ҷумларо муайян намоед:**
***Ҷамшед ба бузургӣ ва тавоноӣ дар ҷаҳон овоза шуд.*** С. Улуғзода

**A)** Ҷамшед
**B)** дар ҷаҳон
**C)** овоза шуд
**D)** ба бузургӣ ва тавоноӣ

**1)** ҳол
**2)** хабар
**3)** мубтадо
**4)** пуркунанда
**5)** муайянкунанда

**25** **Маънои байтҳои зеринро муайян кунед:**

**A)** Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ
Ҳеҷ аҳлият беҳ аз хӯйи наку.
Ҷалолиддини Балхӣ

**B)** Гар ҳамехоҳӣ, ки бошӣ дар амон,
Рав, накуӣ кун ту бар халқи ҷаҳон.
Аттори Нишопурӣ

**C)** Беҳин коре, ки андар зиндагонист,
Накухоҳӣ, ба кас роҳатрасонист.
Носири Хусрав

**D)** Касе, к-ӯ бо ту некӣ кард як бор,
Ҳамеша он накуӣ ёд медор.
Носири Хусрав

**1)** Шоистатарин сифати инсон хулқи нек аст.
**2)** Беҳтарини корҳо некӣ кардан ва ёрӣ расонидан ба дигарон аст.
**3)** Ба касе некӣ кун, ки боре ҳам ба ту некӣ кардааст.
**4)** Агар осоиш хоҳӣ, ба мардум хубӣ кун.
**5)** Некии касро ҳаргиз фаромӯш накун.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj